# ХУДО, ТУ ДАР КУҶОӢ?!

## ДАР БИЁБОНИ ХУД ҚУВВАТ ВА МАҚСАД ПАЙДО КУНЕД



ҶОН БИВЕР

Дӯсти азиз,

Вақте ки мо ба озмоишҳо ва душвориҳо дучор мешавем, ваъдаҳои Худоро аз пеши назар гум кардан осон аст. Ман ин китобро навиштам, то ки шуморо рӯҳбаланд кунам, ки дар ҳар як давраи ҳаёт мақсад вуҷуд дорад, ҳатто дар биёбон.

Маҳз вақте ки мо биёбонҳоро мегузарем, Худо ба нақшаҳои бузург, ки Ӯ барои мо таъин кардааст, моро тайёр карда истода, дили моро мулоим мегардонад ва хислати моро ташаккул медиҳад. Чунин намуданаш мумкин аст, ки гӯё Худо хомӯш аст, ва ҳузури Ӯ дур аст, лекин Худо шуморо нагузоштааст; Ӯ дар шумо корҳои Худро иҷро карда истодааст. Шумо дар саҳифаҳои ин китоб мебинед, ки пешравӣ меояд, вақте ки шумо биёбонро бомуваффақият мегузаред.

Ин китоб барои шумо тӯҳфа аст. Далерона ба дигар имондорон дар борааш гуфта диҳед, ки ба рӯҳбаландкунии он мӯҳтоҷ буда метавонанд. Инчунин ба CloudLibrary.org дароед, то ки боз дигар адабиётҳои зиёдро ба забони худ омӯзед, ки метавонанд ҳаёти шуморо дигаргун созанд.

Ман дуо мекунам, ки шумо қувват ва қудрати Ӯро боз ҳам зиёдтар гирифта, бо раҳму шафқат пур шуда, ва қобилияти боз ҳам беҳтар шунидани овози Ӯро пайдо карда, аз биёбони худ бароед. Ман дуо мекунам, мисли он ки тилло дар оташ пок мегардад, вақти покшавии шумо тиллои холисро ҳосил кунад.

Ваъдаҳои Ӯро ҳифз кунед ва роҳи худро бомуваффақият анҷом диҳед!

Баракат ёфта бошед!
Ҷон



Ҷон Бивер
JohnBevere@ymail.com

CloudLibrary.org

MESSENGER
INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

# ХУДО, ТУ ДАР КУҶОӢ?!

## ДАР БИЁБОНИ ХУД ҚУВВАТ ВА МАҚСАД ПАЙДО КУНЕД

# ХУДО, ТУ ДАР КУҶОӢ?!

## ДАР БИЁБОНИ ХУД ҚУВВАТ ВА МАҚСАД ПАЙДО КУНЕД



ҶОН БИВЕР

God Where Are You?! Tajik by John Bevere
© 2019 Messenger International
www.MessengerInternational.org

Originally published in English as God Where Are You?!

Additional resources in Tajik by John Bevere are available for free download at: www.CloudLibrary.org
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

«Худо, Ту дар куҷой?!», Ҷон Бивер, ба забони тоҷикӣ
© 2019 Messenger International
www.MessengerInternational.org

Дар аввал ба забони англисӣ бо номи «God Where Are You?!» нашр гардидааст.

Адабиётҳои иловагӣ аз Ҷон Бивер ба забони тоҷикӣ барои сабти ройгон дар сомонаи: www.CloudLibrary.org дастрас мебошанд.
Суроғаи электронии муаллиф барои алоқа: JohnBevere@ymail.com

# МУНДАРИҶА


САРСУХАН . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . vii

МУҚАДДИМА. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 1

1 “ТУ ДАР КУҶОӢ?” . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5

2 ДАР ИҲОТАИ ХУБ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 19

3 БИЁБОНИ ЗАРУРӢ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 31

4 МУНОСИБАТИ БАЙНИҲАМДИГАРӢ. . . . . . . . . 43

5 ШАРОБИ НАВ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 59

6 МУКОФОТИ ОСМОНӢ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 77

7 РОҲИ БЕҲТАРИНИ ХУДО . . . . . . . . . . . . . . . . 91

8 АСОСНОК КАРДА БИСОЗЕД . . . . . . . . . . . . . . 109

9 МАШҚҲОИ ЗӮРТАЛАБ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 127

10 ОБ ДАР БИЁБОН . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 143

11 РОҲИ ХУДОВАНДРО ТАЙЁР БИКУНЕД . . . . . 159

12 ҒАЛАБА ДАР БИЁБОН. . . . . . . . . . . . . . . . . . 177

САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА . . . . . . . . . . . . .199

ЭЗОҲ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .205

# САРСУХАН

*“Ба яқин, Худованд Сионро тасаллӣ хоҳад дод, тамоми харобазори онро тасаллӣ хоҳад дод, ва биёбони онро мисли Адан, ва саҳрои онро мисли боғи Худованд хоҳад гардонид; шодӣ ва хурсандӣ, шукрона ва овози суруд дар он шунида хоҳад шуд”.*

**– Ишаъё 51:3**

Ман китоби Ишаъёро дӯст медорам - ӯ аз ҳама воизи дӯстдоштатарини ман аз аҳди қадим аст. Дар ин оят Ишаъё маҷоз (аллегория)-ро истифода мебарад, то моро бовар кунонад, ки Худо бо тамоми дил саҳроҳои моро ба боғе табдил додан мехоҳад, ки аз ҳаёт пур аст. Суханони вай нишон медиҳанд, ки заминҳои хушки биёбон дар асл сабаби дигаргуншавии мо мебошанд. Вақте ки аз мо ҳама чизе, ки доштем, гирифта мешавад, мо дар бораи он чизҳое, ки дар оянда рӯй хоҳанд дод, ваҳй мегирем. Падари осмониамон моро аз мавсими омодашавӣ  мегузаронад, то моро ба ҷои ваъдаҳое, ки ба мо дода шуда буд, биёрад.

Ҳангоми гузаштан аз биёбони ноумедӣ , дар он ҷое, ки чангу ғубори андӯҳ таҳдид мекарданд, то моро рӯйпӯш кунанд, ман шарафёб гардидам, ки ҳамроҳи шавҳари худ бошам. Ман мушоҳида мекардам, ки чӣ тавр ӯ дуо мекард, фикр меронд ва нидо мекард: “Худо, Ту дар куҷоӣ?!”

Мо аксар вақт то дер аз худ пурсон шуда менишастем, ки кадом кор нодуруст буд. Шояд, мо дар ғафлат мондем, ё ягон кори хатое содир кардем, ки ислоҳ карда метавонистем?

Ҳар рӯз саҳарии барвақт, то баромадани офтоб, Ҷон, бо умеди он ки маҳз ҳамин рӯз равшанӣ ва дигаргуниҳо меорад,

аз хона мебаромад, то ки бишнавад ва ҷавобҳо пайдо бикунад. Ман баргаштани ӯро бо беқарорӣ интизор мешудам. Дар вақти баргаштани ӯ писарони мо аллакай аз хоб бармехестанд.

-Ту ягон чиз аз Худо шунидӣ? –пичиррос зада, мепурсидам ман.

Ҷон сарашро меҷунбонд. Андӯҳ дили маро пур менамуд ва умеди маро тира мекард.

Шояд, мо девона будем? Мо дар ҳақиқат аз Худо мешунавидем? Наход ин ҳақиқат буд? Агар Худо моро ба ин ҷо овард, чаро Вай дар байни ҳолати харобе, ки мо доштем, хомӯш буд?

Ҳа, ман дар биёбон шиква мекардам.

Чӣ қадар ман он чизҳоеро, ки ҳоло медонам, донистан мехостам! Он гоҳ ман аз он мавсим бо дилпурии зиёдтар ва бо имони мустаҳкамтар мегузаштам. Ман дарк мекардам, ки ҷараёни покшавӣ ва омодашавиро гузашта истодаам.

Дар партави ҳамаи ин чизҳо, ман чунин меҳисобам, ки ин китоб роҳнамо ва аз бисёр ҷиҳат тӯҳфа мебошад. Дарсҳои ин мавсимро қабул кунед, ва дар оянда онҳо ба шумо хуб хизмат мекунанд.

Рӯҳбаланд шавед! Шумо танҳо нестед!

- Лиза Бивер
Муаллифи китобҳои машҳур аз рӯи нақли *“Нью-Йорк-Таймс”*
Яке аз асосгузорони хизматгузории
“Мессенҷер Интернешнэл”

# МУҚАДДИМА

Ин китоб дар бораи дар биёбон будани ман ва инчунин дар бораи саргузаштҳои ба ин монанди бисёр нафарон нақл мекунад. Ман ҳоло ҳамаи он чиро, ки Худо барои ман дорад, “ноил” нашудаам ва ба даст наовардаам, лекин ман дуо мекунам, ки шумо дар ин саҳифаҳо барои шитоб кардан ба сӯи даъвати Худо қувват ва ҷасорат пайдо кунед.

Ман намегӯям, ки ин тадқиқоти васеъ ва ҳамаҷониба аст. Бисёр чизҳо ҳастанд, ки дар ин мавзӯъ навишта шуда метавонанд. Вале ин саргузашт, ки ман аз таҳти дил ба шумо нақл мекунам, ҷиҳатҳои асосии мавсими биёбонро дар бар мегирад. Мақсади ин китоб шуморо бо ин мавзӯъ ошно гардонидан мебошад, то ба Рӯҳулқудс имкон дода шавад, ки ин паёмро дар ҳаёти шумо ба кор барад.

Дар ин китоб дар бораи он гуфта мешавад, ки биёбон чӣ аст ва он чӣ нест , мақсадҳо ва фоидаи он аз чӣ иборат мебошанд. Ман дуо мекунам, то бо ёрии мисолҳо ва панду насиҳатҳое, ки дар ин китоб навишта шудаанд, шумо бифаҳмед, ки чӣ тавр бохирадона мавсими биёбонро гузарем.

Дар вақти хондан шумо пай мебаред, ки бисёри мисолҳо аз ҳаёти ман ба вақтҳои ду вазифаи аввалини ман дар хизматгузорӣ дахл доранд. Дар вазифаи якум ман ба шубони худ ва меҳмонони вай дар давоми чору ним сол дар Даллас, Техас, хизмат мекардам. Давраи биёбони ман дар ҳаждаҳ моҳи охири ин вазифа фаро расид. Давраи дуюми биёбон он вақт фаро расид, ки ман дар тӯли дуву ним сол дар як калисои Флорида шубони ҷавонон будам. Дар муқоиса бо он биёбон, ки ман дар ин вазифа аз сар гузаронидам, мавсими биёбон дар Даллас ба зиёфат монанд буд. Чӣ қадар аҷиб набошад ҳам, ин мавсими бошиддати биёбон ҳам ҳаждаҳ моҳи охири ин вазифаро дар бар гирифт.

Оё дигар мавсимҳои биёбон дар ҳаёти ман буданд? Ҳа. Лек

дар он вақте, ки онҳо фаро расиданд, ман аллакай бисёртар мефаҳмидам, ки онҳо чӣ гунаанд. Ман дигар боз ва боз нидо намекардам: “Худо, чӣ рӯй дода истодааст?”, ё “Худо, Ту дар куҷоӣ?!”. Дар давоми мавсимҳои гузашта ман бисёр чизҳоро ёд гирифтам, то дониста бошам, ки дар биёбон чӣ рӯй медиҳад, ва ба он чӣ тавр бояд муносибат кард.

Ман бо мардону занони бешуморе, ки ин давраро аз сар гузаронида буданд, сӯҳбат кардам. Дар чунин сӯҳбатҳо ман одатан дар бораи ошуфтаҳолӣ ва ноумедиҳо мешунидам. Бисёриҳо намефаҳмиданд, ки чӣ рӯй дода истодааст. Ба қарибӣ зани ман, Лиза, ва ман ду аудио барнома дар бораи биёбон сабт намудем, ва фикру мулоҳизаҳо дар ин мавзӯъ нисбати оне, ки мо пештар мегирифтем, хеле зиёдтар буданд. Ин маро водор намуд, то китоби якуми худро, ки дар аввал бо номи *“Ғалаба дар биёбон”* нашр гардида буд, аз нав дида бароям.

Ман ин китобро тақрибан сӣ сол пеш навишта будам. Бодиққат онро аз сари нав хонда, ман фаҳмидам, ки он номаи нубувватӣ буда, ба охири солҳои 1980-ум ва аввали солҳои 1990-ум дахл дошт. Барои ҳамин ҳам, муҳаррири ман ва ман ҳақиқати ҳамавақтаро ҷудо карда, ваҳйҳои бешуморро, ки тайи сӣ сол гирифтем, илова намуда, ин китобро пурра аз сари нав навиштем. Инак, ин китобе нест, ки нав карда ва ё дида баромада шудааст, балки номаи тару тоза. Ман боварӣ дорам, ки ин китобе, ки шумо дар даст доред, номаи ҳамавақта аст, ки ба одамон барои гузаштани ин давраи муҳим, чуноне ки имрӯз, ҳамон тавр дар наслҳои оянда кӯмак мерасонад.

Навишта шудааст: “Барои ҳар чиз замоне ҳаст, ва барои ҳар кор дар таҳти осмон вақте ҳаст” (Воиз 3:1). Дар ҳаёти мо мавсимҳои гуногун ҳастанд, ва ҳар як мавсим мақсад дорад. Барои дуруст рафтор кардан мақсади ҳар як мавсимро фаҳмидан муҳим аст. Бисёр аҷиб мешуд ба он назар кунем, ки чӣ тавр касе бо либоси зимистона бо таҷҳизоте, ки барои сноуборд лозиманд, ба кӯҳ бо роҳе, ки бо арғамчин сохта шудааст, мебарояд, ва фаромада истода, дарҳол бо

рӯяш ба замин меафтад. Барои чӣ? Гап дар он аст, ки ин дар фасли тобистон рӯй дода истодааст, вақте ки барф нест! Амалҳои ӯ ба вай дар фасли зимистон фоида меоварданд, лекин онҳо дар мавсими ҳозираи ӯ харобиовар шуданд.

Нияти ман дар ин китоб хирадеро, ки оиди ин мавсими бурриш ва мустаҳкамгардонӣ дорам, бо шумо ба ҳам дидан аст. Мақсади ин мавсим омодашавӣ аст. Шумо дарҳол пай мебаред, ки ман оиди хизматгузорӣ бисёр зиёд сухан меронам. Ҳамаи мо ба соҳаҳои гуногун – тиҷорат, маълумот, ҳифзи саломатӣ, идоракунии давлатӣ ва ҳоказо даъват шудаем. Даъвати Худо барои ман хизматгузории панҷтарафа мебошад, ва ин чиз дар саргузаштҳои ман инъикос ёфтааст. Лекин ин принсипҳо ба ҳамаи соҳаҳое, ки Худо шуморо даъват намудааст, қобили қабуланд. Одамоне, ки дар соҳаи тиҷорат кор мекунанд, ба омодашавӣ барои даъвати худ эҳтиёҷманд мебошанд, айни ҳамон тавре ки хизматгузорони Хушхабар эҳтиёҷ доранд. Ва ин дар ҳамаи соҳаи ҳаёт дуруст аст.

Ва боз як чиз: ман дар ин китоб матнҳои иловагиро бо номи “Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?” дохил кардам. Ин фикрҳои кӯтоҳи алоҳида ва суханони рӯҳбаландкунандае мебошанд, ки ба қадри имкон барои боз ҳам самаранок гардонидани вақти дар биёбонатон гузаронидаи шумо кӯмак мерасонанд. Умедворам, ки ин нома равшанӣ меорад, ва шумо аз бедонишӣ азоб нахоҳед кашид, чуноне ки ман дар вақташ кашида будам, ва инчунин ба шумо барои шитоб кардан ба сӯи Ягона Касе, ки ба мо қаноатмандии ҳақиқӣ медиҳад, илҳом мебахшад.

Аз сидқи дил
Ҷон Бивери шумо
Январи 2019

1

# “ТУ ДАР КУҶОӢ?”

*“Вақте ки мо хушкӣ ва харобазорро оромона аз сар мегузаронем, мо дар бораи муҳаббатамон нисбати Худо шаҳодат медиҳем; лекин, вақте ки Ӯ моро бо марҳамати ҳузури Худ ташриф меоварад, Ӯ дар бораи муҳаббати Худ нисбати мо шаҳодат медиҳад”.*

**– Мадам Гюйон / Жанна-Мария Бувье де ла Мотт Гюйон**

*“Инак, ба тарафи шарқ меравам, вале Ӯ ёфт намешавад, ва ба тарафи ғарб, - вале Ӯро пайхас намекунам; ба тарафи шимол, вақте ки Ӯ ҳаракат мекунад,- Ӯро намебинам; ба тарафи ҷануб, вақте ки Ӯ рӯ меоварад, - Ӯро мушоҳида намекунам”.*

**– Айюб 23:8-9**

Ман ба ҳама дар хашм будам. Ва ҳатто намедонистам, ки барои чӣ.

Чунин менамуд, ки корҳо хуб нестанд.

Нахустзодаи мо, Эдисон, ҳаждаҳмоҳа буд, ва ман нисбати ӯ бетоқат будам.

Ман ба зани худ, Лиза, дод мезадам.

Ман аз шубони худ дилхунук шуда будам.

Ман ба одамоне, ки ҳамроҳашон кор мекардам, ба хашм меомадам.

Росташро гӯям, аниқтараш, ман инчунин аз Худо низ дилхунук шуда будам ва аз Ӯ ранҷида будам. Ман шиква мекардам: "Ту чӣ кор карда истодаӣ?".

"Чаро ту дар ҳаёти ман амал намекунӣ?"

"Канӣ иҷроиши он ваъдаҳое, ки Ту ба ман додӣ?"

"Чаро ҳамаи корҳо хуб нестанд?"

"Чаро Ту бо ман гап намезанӣ?"

Боз ва боз ман норозигии худро ифода карда, ғурунг-ғурунг мекардам : *"Ту* дар куҷоӣ*?".*

Оё шумо ягон бор вақтеро аз сар гузаронидед, ки Худованд чунон наздик ба назар мерасид, ки ҳамаи он чизе, ки лозим буд, ин фақат номи Ӯро пичиррос задан буд, ва Ӯ дарҳол бо шумо мешуд ва дарҳол ҷавоб медод?

Лекин вақте фаро расид, ки шумо ба Ӯ пайиҳам паёмак фиристодед, аммо ҷавоб набуд. Чунин менамуд, ки гӯё Ӯ аз ҳаёти шумо тамоман ғайб задааст. Шояд, худи ҳозир шумо дар чунин ҳолат ҳастед, ва саволе, ки шумо дар хомӯшӣ дод задан мехоҳед, айни ҳамон аст, ки ман доштам: "Худо, Ту дар куҷоӣ?!"

Ман дар биёбон будам, лекин инро намедонистам. Ман дар Даллас, иёлати Техас, зиндагӣ мекардам, ва худро пайрави неки Исо меҳисобидам, ки аз тарафи Худо фаромӯш шудааст. Ман масеҳии ҷавон будам ва ба фикрам, ин бори аввал буд, ки ман дар ҳақиқат ба биёбон фаромадам.

Пештар ҳамаи он чизе, ки ба ман лозим буд, ин танҳо ба Худованд нидо кардан буд, ва Ӯ дарҳол ҷавоб медод. Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр Вай ба хоҳишҳои аз ҳама ночизи ман зуд ҷавоб мегардонд. Ҳузури Ӯ чунон наздик, аён ва боқувват буд. Ва ман ҳамту фаҳмида наметавонистам, ки чӣ рӯй дода истодааст. Ман зону зада, рӯз аз рӯз нидо мекардам: "Худо, чӣ рӯй дода истодааст? Гӯё ки Ту аз ман миллион километр дур ҳастӣ!"

Ман доимо ҳаёти худро аз нав дида мебаромадам ва мепурсидам, ки: "Кадом гуноҳи даҳшатнокро ман содир кардам?"

Ҳақиқат дар он аст, ки ман, мисли ҳамаи одамон дар ин замин, вақт аз вақт гуноҳ мекардам, лекин ман зуд тавба карда, он бахшишеро, ки Исо пешниҳод мекунад, талаб менамудам. То андозае, ки ман медонистам, дар ҳаёти ман гуноҳи давомдор ё барқасдона набуд.

Дар айёми ин хушкӣ ман рӯз аз рӯз мепурсидам: "Худо, чаро Ту дигар бо ман гап намезанӣ?"

Маро бо яке аз қаҳрамонони бузурги Китоби Муқаддас, Айюб, муқоиса кардан ҳеҷ мумкин набуд, лекин он тавре, ки ман ба вазъияти худ муносибат мекардам, қисман ба он монанд буд, ки ӯ ба вазъияти худ муносибат мекард. Суханони Айюб, ки як вақтҳо ба ман бегона менамуданд, мазмун пайдо карданро сар карданд. Баъзе аз суханони ӯ бисёр аниқ он ҳиссиёти дар биёбон партофта

шуданро, ки ман доштам, тасвир менамуданд:

> Инак, ба тарафи шарқ меравам, вале Ӯ ёфт намешавад,
> Ва ба тарафи ғарб, - вале Ӯро пайхас намекунам;
> Ба тарафи шимол вақте ки Ӯ ҳаракат мекунад, - Ӯро намебинам;
> Ба тарафи ҷануб, вақте ки рӯ меоварад, - Ӯро мушоҳида намекунам.
> (Айюб 23:8-9)

Ман дуо карданро давом медодам, лекин осмон ҳамчун мис буд.

Ва он вақт Худованд ба ман нишон дод, ки ҳаёти масеҳӣ ба калоншавии кӯдак баъзе монандиҳо дорад. Ман кӯдаки рӯҳонӣ будам, лекин аллакай ба давраи нав мегузаштам. Дар он вақт ман мисоли аҷиби табиии онро медидам. Эдисон тақрибан ҳаждаҳмоҳа буд. Лиза модари бисёр хуб буд, ва вақте ки Эдисон ҳиқ-ҳиқ мекард, вай дарҳол назди ӯ меомад, то ки ба ӯ ғамхорӣ кунад. Дар як лаҳза ӯ дар оғӯши модари худ ҷо гирифта, аз кӯмак ва тасаллии вай дар вақти ширмакконӣ ҳаловат мебурд.

Лекин Эдисон, мисли дигар кӯдакон, бояд калон мешуд, то ки ба камолот бирасад. Бо ҳамаи писарони мо, ки онҳо чор нафаранд, вақт меомад, ки онҳо бояд бо дастони худ хӯрок мехӯрданд. Оҳ, чӣ хел бетартибӣ сар мешуд! Медонам, шумо маро мефаҳмед. Кӯшиши хӯрок хӯрданро карда, онҳо нисфи хӯрокро ба тамоми курсича ва фарш мерезонданд.

Фарзандон сахт меранҷанд, ки шумо онҳоро мисли пештара хӯрок намехӯронед, лекин шумо кардани ин корро бас мекунед, чунки падару модарони масъулиятнок ҳастед. Вақте ки писарони мо дар гирду атрофи худ хӯрокро мерезонданд, мо мехостем дахолат кунем ва худамон онҳоро хӯрок хӯронем, лекин мо медонистем, ки ин ба инкишофи онҳо халал мерасонад. Мо ба фарзандони худ гузоштем, ки онҳо калон шаванд. Мо тамоман нахостем, ки бо

қошуқ хӯрондани ягонтои онҳоро то ҳаждаҳсолагӣ давом диҳем.

Навзодон калон шуданро сар мекунанд, ва дараҷаи кӯмаке, ки онҳо мегиранд, тағйир меёбад, то ки боиси афзоиш ва инкишофи онҳо шавад. Худо бо мо тахминан чунин рафтор мекунад, то ки мо тавонем рӯҳан инкишоф ёбем ва ба камолот бирасем. Вақте ки мо аз олами боло таваллуд шудаем ва бо Рӯҳи Ӯ пур ҳастем, якчанд вақт Ӯ бо як фарёд кардани мо Худро зоҳир мекунад. Лекин баъд вақте меояд, ки ба мо бояд кӯмак бирасонд, то ки калон бишавем ва ба камолот бирасем (ва умедворам, ки мо фақат хоҳиши шир хӯрданро намекунем, Ибриён 5:12), Ӯ моро аз он вақтҳое мегузаронад, ки Вай ба ҳар як фарёди мо дарҳол ҷавоб намедиҳад.

Вақте Худованд ба ман кӯмак кард, то бифаҳмам, ки ҷараёни камолоти рӯҳонӣ ба ҷараёне монанд аст, ки ҳар як одам онро аз бачагӣ то камолот бояд бигзарад, ман дар бораи ин фикр кардан ва аз худ пурсиданро сар кардам: *“Наход ки ман хато мекардам?* Оё он чизе, ки ман аз сар гузаронида истодаам, ин ҷазо аз ҷониби Худованд нест? Оё имкон дорад, ки ман ба биёбон бурда шуда будам*, то ки чизеро ёд* бигирам ва боз ҳам ба камол бирасам ва барои хизмат ба Исо омода бошам?”

Он гоҳ ман ба хотир овардам, ки маҳз ҳамин чиз бо Исо рӯй дода буд. Қариб дарҳол пас аз он, ки Яҳё Исоро таъмид дод, ва Падари Ӯ Вайро таҳсин кард, Ӯ бо Рӯҳулқудс ба биёбон бурда шуд. Барои Исо ин танбеҳ набуд, албатта, Ӯ ягон гуноҳ содир накард.

> Инак, пур аз хашм ва худбинӣ буда, ман ниҳоят фикр кардам: “Мабодо ин азсаргузарониҳои биёбон на он қадар даҳшатноканд, öнчуноне ки ман тасаввур карда истодаам?”

## Дарк кардани биёбон

Агар мо ба Исо монанд шуданӣ бошем, хислати мо бояд инкишоф ёбад. Ва, то ба андозаи намоён, биёбон он ҷое аст, ки Худо

барои ин интихоб кардааст. Бисёри вақт, то даме ки мо дар он ҷо ҳастем, ба назар чунин менамояд, ки Худо якчанд километр аз мо дур аст, ва ваъдаҳои Вай беҳудаанд. Лек ин фақат таассурот аст, на ин ки ҳақиқат. Дар асл. Ӯ фақат бо мо аст, чунки Вай ваъда додааст, ки моро тарк нахоҳад кард ва нахоҳад партофт (Ибриён 13:5).

Биёбон ин вақте аст, ки гӯё ба назари шумо аз он чизе, ки дар борааш орзу мекунед ва аз ваъдаҳое, ки Ӯ ба шумо дода буд, дилпур будед, ба самти муқобил равона мешавед. Дар биёбон шумо камолот ва инкишофи рӯҳониро ҳис намекунед. Чунин намуданаш мумкин аст, ки гӯё шумо ба ақиб ҳаракат мекунед, на ба пеш, ва ҳузури Ӯ кам мешавад, на зиёд. Дар шумо ҳатто чунин ҳиссиёт пайдо шуданаш мумкин аст, ки шуморо дӯст намедоранд ва рад мекунанд, лекин ин тавр нест.

Дар асл, биёбон ин ҷое аст, ки ҳамаи пайравони аслии Масеҳ дар он ҷо шуда метавонанд, гарчанде ки дар он ҷо буда, шумо худро бисёр танҳо ҳис мекунед. Ҳақиқат дар он аст, ки биёбон ба ҳар як фарзанди Худо зарур аст. Ва барои шогирди солим ва баркамоли Исо гардидан, ба шумо, шояд, лозим меояд, ки биёбонро на як бор гузаред.

Чуноне ки ман ба шумо гуфтан мехостам, шумо хатсайрро аз рӯи харитае интихоб карда метавонед, ки ба шумо роҳи кӯтоҳтаринро аз ин ҷои хушкӣ ё аз гирди он давр зада гузаштанро нишон медиҳад, лекин чунин роҳ вуҷуд надорад. Лекин ин хуб аст, дӯсти ман, чунки роҳ дар биёбон, яъне дарк кардани ин вақт ё мавсим, зарур аст, агар мо хоҳем, ки то замини ваъдашуда рафта расем.

## Биёбон худаш чӣ аст?

Хушбахтона, бисёре аз мо дар асл маҷбур нестанд, ки дар ҷои хушкӣ – дар биёбони ҳақиқӣ, яъне дар он ҷое, ки об бисёр кам ва паноҳгоҳ ёфтан душвор аст, як илоҷ карда зиндагӣ кунанд. Дар биёбони ҳақиқӣ рӯзона гарм аст, шабона хунук аст, ва мо танҳо

ҳастем, ташнаем ва гуруснаем. Ба ғайр аз ин, мо гумшудаем, ва намедонем, ки чӣ тавр аз ин ҷо бароем. Шояд, дар ҳаёти мо чунин азсаргузаронӣ набуд, вале мо эҳсосоти биёбонро доштем. Дар ин китоб ман ба шумо якчанд ҳодисаҳои калидиро аз саёҳатҳои худ дар биёбон нақл карда медиҳам, ва ман аз онҳо якчандто доштам, ва ягонтои он осон набуд.

Хабари хуш дар он аст, ки биёбон набояд вақти манфӣ бошад, агар мо тайёр бошем, ки ба Худо боитоат бошем. Ман медонам, ки ин ғайримантиқ садо медиҳад, аммо мақсади биёбон бисёр ҳам мусбӣ, яъне таълим додан, пок кардан, пурқувват гардонидан ва моро барои ҳаракати нави Рӯҳи Ӯ омода намудан мебошад, ки моро боз ҳам босамар мегардонад.

Дар биёбон афтода, бисёриҳо худашон инро нафаҳмида, ба таҳлука меафтанд ва қадамҳои беандеша ба амал меоваранд. Аз рӯи нофаҳмӣ, онҳо чораҳои нодурустро ба амал меоваранд. Мисоли ин тағйирот ва дигаргунии куллӣ дар касбу кор ё аз як калисо ба калисои дигар гузаштан – ҳамагуна дигаргунии ногаҳонӣ дар ҳаёт шуда метавонанд, ки ба фикри онҳо, ба онҳо хушбахтӣ меорад ва ё ки онҳоро ба ҳаёти хуби пешинаашон бармегардонад. Масалан, бешавҳарон ё безанон фикру андеша накарда, баъди ҷудоии дарднок метавонанд муносибатҳои навро оғоз кунанд.

Агар шумо кӯшиш кунед, ки роҳро пайдо кунед, пеш аз он ки мефаҳмед, ки чаро Худо шуморо дар биёбони муайян ҷойгир кард, шумо нафаҳмида истода, охири онро ба таъхир меандозед. Аз ин сабаб шумо метавонед мушкилиҳо, ноумедиҳои бештар ва ҳатто мағлубиятро аз сар гузаронед, чунки шумо намефаҳмед, ки барои чӣ ва ба куҷо Худо шуморо бурд.

Маҳз ана ҳамин чиз бо исроилиён дар давоми чил сол дар биёбон рӯй дод. Аз сабаби нафаҳмидани он, ки бо онҳо чӣ рӯй дода истодааст, тамоми насл барои ба мерос гирифтани замини Ваъдашуда ношоям шуданд. Чӣ қадар ҳузнангез! Худо онҳоро ба биёбон бурд, то ки биозмояд, таълим бидиҳад, тайёр бикунад ва

ҷанговарони боқувват гардонад, ки қобиланд ваъдаҳои илоҳиро , яъне ватани нави худро забт бикунанд ва ишғол бинамоянд. Аммо ба ҷои ин, исроилиён хато карда, биёбонро ҷазо шумориданд; бинобар ин онҳо доимо шиква мекарданд, шикоят менамуданд ва ҳирс доштанд.

Вақти биёбонро тарк кардан фаро расид, то ки Замини ваъдашударо забт ва ишғол кунанд. Аммо вақте ки ҷосусон баргаштанд ва дар бораи он чизҳое, ки диданд, нақл карданд, халқ ба овозаҳои бади шиквакунандагон ва шикояткунандагон гӯш дод. Дар назди интихоб байни ваъдаҳои Худо ва қудрат аз як тараф, ва фикрҳои одамӣ ва беқувватӣ аз тарафи дигар истода, онҳо авлотар донистанд, ки ба одам бовар кунанд, на ба Худо. Онҳо оиди он, ки мағлуб мешаванд ва замини худро, ки аз он шир ва асал ҷорист, ба даст намеоранд, ба фиреб афтоданд. Аз сабаби надонистани табиат ва хислати Худо, онҳо шарирона рафтор карданд.

Худо ба ин ҷавоби муфассал дод, ки маънояш чунин буд: “Хуб, чӣ тавр хоҳед рафтор кунед”.

Он чизе, ки ҳамчун саёҳати солонаи кӯтоҳ дар биёбон таъин шуда буд, ба тамоми умр тӯл кашид.

Эҳтиёт бошед! Шумо ва ман намехостем, ки дар ҳолномаи мо дар бораи қарори ба ин монанд хотиррасон шуда бошад! Лекин мо метавонем аз рӯи хатогиҳои онҳо ёд гирем, чи тавре ки ҳаввори Павлус нишон медиҳад: ”Ҳамаи ин ба онҳо чун тимсоле рӯй дод, ва барои тарбияти мо навишта шуд, ки охирзамон насиби мо гардидааст” (1 Қӯринтиён 10:11).

Агар мо ёд бигирем, ки биёбонро дарҳол шиносем, ҳамон лаҳза ки ба он афтода мемонем, он гоҳ ба ҷои он ки дандонҳоямонро ғиҷиррос занонем ва шикоят кунем, аз паси ин ҷой мавҷуд будани“ замини ваъдашуда”-и камолот, қувват, баракатҳо, имкониятҳо ва ваъдаҳои иҷрошударо фаҳмида истода, мо шукр хоҳем кард. Дар натиҷа, ин вақтҳои душвор на он қадар душвор менамоянд, ва мо бо Яъқуб розӣ мешавем, ки менависад:

“Эй бародарони ман, вақте ки ба озмоишҳои гуногун дучор мешавед, инро барои худ шодии бузург ҳисоб кунед... ва сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва солим буда, хеҷ камбудие надошта бошед” (Яъқуб 1:2,4).

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #1 Он вақтеро, ки шумо ба он афтодед, бифаҳмед

Бисёре аз мо, вақте ки ба биёбон меафтанд, ҳайрон мешаванд. Худо хеле меҳрубон аст, ва мо ба баракатҳо, ҳузур ва ваъдаҳои Ӯ одат мекунем. Мо ҳамту интизор ҳам намешавем, ки ин вақтҳои нек тамом мешаванд. Лекин рӯзе меояд, ки мо дигар шудани чизеро дарк мекунем. Бинобар ин, ба ҷои он ки ба таҳлука афтем, муҳим аст, ки вазъияти ба миёномадаро аз нав дида бароем. Ба шумо фаҳмидан зарур аст, ки чиро аз сар мегузаронед, зеро агар шумо нафаҳмед, ки дар кадом мавсим ва ҷой қарор доред, аксуламали шумо нодуруст мешавад.

Инро бо кӯчидан аз иқлими Флоридаи ҷанубӣ ба иқлими Канадаи шимолӣ муқоиса кардан мумкин аст. Вақте ки зимистон меояд, ва ҳароратсанҷ аз сифр поён мешавад, донистани он фоида дорад, ки дар он ҷое, ки шумо қарор доред, ба кӯча бе либоси зимистона баромадан мумкин нест.

Айни ҳамин чиз ба биёбон низ рост меояд. Агар шумо ба ишораҳое, ки дар биёбон истодани шуморо нишон медиҳанд, диққат надиҳед, шумо бисёр ноумедиҳоро аз сар мегузаронед ва ҳатто метавонед хатогӣ содир кунед, ки ба шумо гарон хоҳад афтод. Мо дар Аҳди Қадим мехонем, ки писарони Иссокор “вақтҳоро мефаҳмиданд ва медонистанд, ки Исроил чӣ корҳо бояд бикунад” (1 Вақоеънома 12:32, NET).

Вақте шумо мефаҳмед, ки дар биёбон афтодед, шумо инчунин мефаҳмед, ки бояд чӣ кор кунед.

## Оё биёбон маънои онро дорад, ки ман ба таври ҷиддӣ гумроҳ шудам?

Саволи хуб.

Фаҳмост, ки бисёре аз мо, вақте ки ба биёбон меафтанд, мепурсанд: “Ман кадом корро нодуруст кардам?” Бо кадом тариқ ман ба Худо писанд наомадам?” Сабаби ин нафаҳмидани аҳамият ва мақсади биёбон мебошад.

Дар Китоби Муқаддас ва дар тӯли тамоми таърих

-бисёр мардон ва занон дарк карданд, ки биёбон ҷои омодашавӣ ба даъвати онҳо дар Худо мебошад. Барои ҳамин ҳам биёбон – ин на радкунии Худо, балки ҷои омодакунии Ӯ аст.

Албатта, ман гумон мекунам, ки ба биёбон аз сабаби қарорҳои нодуруст низ афтодан мумкин аст. Ҳақиқат дар он аст, ки ҳар қадаре ки мо ба Исо монанд нашавем ҳам, мо ба ҳар ҳол бо гуноҳ бояд мубориза барем ва мо ба ҳар ҳол метавонем ба таври ҷиддӣ гумроҳ шавем. Бинобар ин як қарори нодуруст ё якчанд қарорҳои на он қадар дуруст метавонанд моро ба мушкилиҳои ҷиддӣ оваранд.

Лекин ҳақиқат инчунин дар он аст, ки мо Худои бахшанда ва Саркоҳини бузург дорем, ки нотавониҳои моро мефаҳмад. Барои ҳамин ҳам, қадами аввал барои баромадан аз мушкилиҳои ҷиддӣ ё қадам гузоштан барои баромадан аз биёбоне, ки мо худамон сабабгори он ҳастем, ин ба назди Падари дӯстдорандаи мо омадан ва гуфтан аст: “Падар, ман __________________ (калимаи партофташударо нависед) содир карда истода, гуноҳ кардам. Илтимос, маро бубахш. Ман барои ин гуноҳам тавба мекунам, ва аз ҳамин лаҳза, аз рӯи файзи Ту, ман дигар хел зиндагӣ мекунам”.

Ман гуфтан мехоҳам, ки ҳатто агар шумо аз сабаби хатогиҳои худатон дар биёбон бошед, муносибатҳои худро бо Худованд ислоҳ бикунед, ба Ӯ иҷозат бидиҳед, то он чиро, ки ба шумо таълим додан мехоҳад, ба итмом расонад, ва то ҳадди имкон зудтар аз биёбон баромада, ба пеш биравед. Албатта, Ӯ Худаш вақтҳоро медонад.

Сарояндаи Забур менависад: “Тақдири ман дар дасти Туст” (Забур 30:16).

Ва ҳатто ҳамаи инро ба инобат гирифта, аз ҳама аниқтараш, шумо аз он сабаб дар биёбон ҳастед, ки Худо ҳоло шуморо маҳз дар ҳамон ҷо дидан мехоҳад. Шумо на аз сабаби хатогиҳое, ки содир кардед, ба ин ҷо афтодед. Ман медонам, ки то андозае, ин боз ҳам бештар вазъиятро мураккаб мегардонад. Яке аз сабабҳои асосии он ки ман ин китобро менависам, ин ба шумо ёрӣ расонидан аст, то бифаҳмед, ки Худо биёбонро чӣ тарз мебинад ва то кадом андоза Ӯ мехоҳад, ки онро истифода бубарад, то ки ба шумо кӯмак расонад, ки рӯҳан ба камол бирасед ва бештар ба Исо монанд бишавед!

Мо инчунин бояд як чизро равшан бифаҳмем: Худо шуморо ба биёбон наовард, то ки ба фиребу найранги шайтон вогузор кунад ва шуморо фаромӯш бисозад. Пеш аз он ки ба насли дуюме, ки дар Хуруҷ иштирок карданд, иҷозат дода шуд, ки ба Замини ваъдашуда дароянд, Худо ба онҳо ёдрас кард:

> “Ва дар хотир нигоҳ дор тамоми роҳеро, ки Худованд Худои ту ин чил сол туро бо он дар биёбон бурд, то ки туро азият дода, биозмояд, ва он чиро, ки дар дили туст, бидонад, ки оё аҳкоми Ӯро риоят хоҳӣ кард ё не” (Такрори шариат 8:2).

Инак, гарчанде ки исроилиён хатогии ҷиддӣ содир карданд ва аз сабаби беақлӣ, ношукрӣ ва исён дар биёбон хеле дурудароз монданд, Худо мехост ҳамаи инро ба фоидаи онҳо гардонад. Ӯ ҳамеша чунин рафтор мекунад, ва ман аз ин бисёр шодам! Шумо чӣ?

Дар бораи биёбон тасаввуроти нодуруст доштан даркор нест. Танҳо аз сабаби он ки мо дар биёбон ҳастем, Худованд бо мо кор карданро бас намекунад. Ӯ моро аз он ҷо мегузаронад, бе Ӯ мо онро ҳеҷ вақт намегузарем. Аз ин ҳам бештар, ин ҷое нест, ки мо дар рафи ҷевон гузошта шудаем, то он даме ки Ӯ хоҳиши истифода бурдани моро накунад. Падари раҳмдили мо чунин рафтор намекунад.

Баръакс, ин он ҷой ва он вақте аст, ки Ӯ боқудратона амал мекунад.

Шояд, шумо ин ифодаро шунидаед: “Ту ҷангалро аз сабаби дарахтони зиёд намебинӣ”. Қариб ҳамин чизро дар бораи биёбон низ гуфтан мумкин аст: вақте ки шумо дар мобайни ин амали Худо меистед, чӣ тавр амал кардани Ӯро дидан мушкил аст.

Мо бояд ин ҳақиқати муҳимро равшан нишон диҳем: биёбон ин ҷои мағлубият нест, ҳадди ақал барои онҳое, ки ба Худо итоаткор ҳастанд. Исо, ки дар биёбон  аз гуруснагӣ заиф гардида буд, касеро дар паҳлӯи худ надошт, ки Ӯ бовар кунад ва Ӯ, ки бе ягон шароити зиндагӣ ё зуҳуроти фавқултабиӣ дар давоми чил рӯз дар биёбон аз тарафи шайтон мавриди ҳамла қарор гирифт буд,  аз кӣ рӯҳбаландӣ гирифта метавонист. Ва Исо вайро бо Каломи Худо мағлуб кард! Биёбон ин ҷои мағлубияти фарзандони Худо нест: “Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар мебахшад...” (2 Қӯринтиён 2:14).

Вақте ки халқи Исроил дар биёбон сокин буд, халқҳое, ки дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, ба онҳо ҳуҷум карданд. Ҳар дафъа Худованд ба исроилиён амр медод, ки бо онҳо биҷанганд, ва писарони Исроил амӯриёнро (Ададҳо 21:21-25), мидиёниёнро (Ададҳо 31:1-11), ва халқи Бошонро (Ададҳо 21:33-35) мағлуб карданд. Агар Худо мағлубияти онҳоро мехост, Ӯ ба онҳо амр намедод, ки худро муҳофизат кунанд. Ва гарчанде биёбон барои мағлубият таъин нашуда буд, бисёре аз исроилиҳо ба Замини ваъдашуда надаромада, оқибат дар биёбон мурданд. Ин иродаи Худо набуд, балки оқибати андӯҳгини беитоатии онҳо буд.

Умедворам, шумо боварӣ ҳосил кардед, ки сабаби биёбон ин маъқул надонистан ё ҷазои Худо намебошад. Инчунин, биёбон ин ҷое нест, ки Худо шуморо тарк мекунад ва фаромӯш месозад. Ва ин ҷое нест, ки мо ба мағлубияти худ иқрор шуда истода, ба замин меафтем!

## Худо чизи хуберо фикр карда баромадааст!

Биёбон на вақти ҷустани аломотҳо, баракатҳо, фаровонӣ ва мӯъҷиза, балки вақти ҷустани дили Худо аст, ва маҳз ана ҳамин дар шумо хислат ва қувватро ба вуҷуд меорад. Ин вақти ҳифз кардани рӯъёи худ аст. Дар акси ҳол, бе рӯъёи равшани ваъдаҳои Худо дар дили шумо, мавсими биёбон ба андӯҳ ва шиква оварданаш мумкин аст.

Агар шумо мавқеи худро дар ҳаёт бифаҳмед, шумо ояндаи худро дида метавонед. Он гоҳ шумо, ҳатто агар ламскунии Худоро ҳис накунед ҳам, ба дидани дасти Ӯ шурӯъ мекунед. Ин вақте аст, ки муҳаббати шумо нисбати Ӯ ба камол мерасад, ва шумо пурсидани онро бас мекунед ки: “Ӯ барои ман чӣ кор карда метавонад?”, балки пурсидани онро сар мекунед ки: “Ӯ аз ман чӣ хоҳиш дорад?”.

Каме пештар ман ҳиссиёти ноумедиро гуфта гузаштам, ки Айюби қадимаи муқаддас ифода карда буд, чунки ӯ фаҳмида наметавонист, ки Худо чӣ кор карда истодааст. Ба куҷое, ки ӯ намерафт, вай Худоро ёфта наметавонист! Агар тадқиқоти Айюб бо ин тамом мешуд, ин моро сахт афсурдахотир мегардонд. Лекин Айюб рӯҳафтода ва таслим нашуд, ва ин суханонро пешниҳод кард, ки аз умед ва имон пур ҳастанд:

> “Зеро роҳеро, ки бар он истодаам, Ӯ медонад; агар маро меозмуд, мисли тилло мебаромадам” (Айюб 23:10).

Чӣ қадар ваҳйи аҷоиб! Ҳар қадаре ки мо кӯшиши фаҳмидани онро накунем, ки Худо моро ба куҷо мебарад, Ӯ роҳро медонад. Мо метавонем пурра ба Ӯ бовар кунем, чунки ҳаворӣ Павлус менависад: “Ва яқин дорам, ки Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд” (Филиппиён 1:6).

Ва мо медонем, ки ин ҳақиқат аст... ҳатто дар биёбон.

2

# ДАР ИҲОТАИ ХУБ

*“Ба тӯфонҳои зиддият дучор гашта, масеҳиён метавонанд бо зебогии боз ҳам зиёдтар боло бароянд. Онҳо ҳамчун дарахтоне, ки дар қаторкӯҳҳо мерӯянд, аз шамол шатта хӯрдаанд, лекин аз ҳама танаи боқувват доранд”.*

**– Билли Грэм**

*“Ва Исои пур аз Рӯҳулқудс аз Ӯрдун баргашт, ва Рӯҳ Ӯро ба биёбон бурд”.*

**– Луқо 4:1**



Хуш омадед ба биёбон! Шуморо чунин пешвозгирии хурсандона ба ҳайрат овард? Одатон мо интизор намешавем, ки вақт дар биёбони рӯҳонӣ ин хуб аст, лекин шумо бояд бидонед, ки Падари маҳбуби мо дар бораи чунин ҷойҳо нуқтаи назари баланд дорад, ва акнун шумо дар иҳотаи хуб ҳастед.

Агар шумо чунин шуморед, ки дар роҳи имони худ тамоман ба биёбон наафтоданатон беҳтар мебуд, ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки нуқтаи назари худро аз нав дида бароед. Ҳақиқат дар он аст, ки дар биёбон мо нишонаҳои муқаддасони бешуморро, - ва ҳатто Писари Худоро, - ки дар ин ҷо вақти зиёдро гузарониданд, пайдо мекунем.

Бо дигар суханон, вақте ки мо ба биёбон меравем, мо дар иҳотаи хуб ҳастем... ва мо танҳо нестем.

Илтимос, маро дар он айбдор накунед, ки ман номҳои машҳурро ёдрас карда, кӯшиши таассуроти хуб гузоштанро карда истодаам, лекин рӯйхати сокинони биёбон дар ҳақиқат тасхиркунанда аст.

Албатта, ман аллакай Айюбро ёдрас кардам, шахсеро, ки Китоби Муқаддас ҳамчун “аз ҳама писарони бузургтарини Шарқ” (Айюб 1:3) тасвир мекунад. Ӯ ҳама чизро – дороии худ, фарзандон, саломатӣ ва дастгирии занашро аз даст дод. Бо вуҷуди он ки Айюб одами бисёр хуб ва одил буд, ӯ аз тарафи дӯстони худ ба гуноҳҳои махфӣ айбдор карда шуда буд. Айюб дар биёбони худ он қадар рӯҳафтода буд, ки

гуфт, ки беҳтар мешуд, агар вай умуман таваллуд намешуд.

Дар биёбон шумо аз пайи Иброҳим меравед. Худо ба ин одами сарватманд аз Ӯр, ки ҳаёти бароҳатонаро ба сар мебурд, амр намуд, ки ҳама чизро тарк бикунад ва роҳро ба сӯи замини ваъдашудаи нав пеш бигирад. Ҳамроҳи Иброҳим Соро буд, ки аз қафои ӯ қадам ба қадам мерафт. Қисми зиёди сафари онҳо дар биёбонҳо гузашт.

Мӯсо бо биёбон хуб шинос буд. Вай дар дарбори фиръавн ҳамчун шоҳзода ба воя мерасид, аммо мисриеро кушта, ӯ ба биёбони дур афтод, ки он ҷо чил сол гӯсфандонро мечаронд, ва маҳз дар он ҷо Худо ба вай дар хорбутта зоҳир шуд:

> “Ва Мӯсо рамаи падарарӯси худ Йитрӯ, коҳини Мидиёнро мечаронид, ва рамаро ба он тарафи биёбон бурд, ва ба Ҳӯриб, ки кӯҳи Худо бошад, омад. Ва фариштаи Худо дар алангаи оташ аз миёни хорбуттае ба вай зоҳир шуд; вай дид, ки инак хорбутта дар оташ фурӯзон аст, валекин хорбутта намесӯзад. Ва Мӯсо гуфт: “Наздик омада, ин манзараи аҷоибро бубинам, ки чаро хорбутта намесӯзад”. Ва Худованд дид, ки вай барои дидан наздик меояд, ва Худо аз миёни хорбутта сӯи вай хонда, гуфт: “Мӯсо, Мӯсо!” Вай гуфт: “Лаббай!”” (Хуруҷ 3:1-4).

Ва баъд, чуноне ки ба мо маълум аст, Мӯсо ба Миср баргашт ва халқи худро аз Миср баровард... албатта, ба биёбон ҳам.

Дар биёбон шумо Юсуфро вомехӯред, яъне аз ҳама писари дӯстдоштаи падари худро, ки аз тарафи бародаронаш ба чоҳ партофта шуда буд, ва баъд ба ғуломӣ фурӯхта шуда, ба Миср сафарбар карда шуда буд. Баъдтар ӯро, ба ҷинояте, ки вай содир накарда буд, айбдор карда, ба зиндон партофтанд. Дар он ҷо, дар зиндони фиръавн, Худо Худашро ба Юсуф зоҳир кард, ва вай ба таъбир кардани хоби соқӣ ва нонвой шурӯъ кард. Ин чиз вайро тайёр намуд, ки таъбири хоби фиръавнро гуфта диҳад.

Дар он ҷо шоҳ Довуд низ буд. Самуил нубувват кард, ки вай

бояд подшоҳи оянда гардад, ва, дере нагузашта баъд аз ин, Довуд дар ғорҳо зиндагӣ карда ва дар биёбонҳо оворагард шуда, барои тахт тайёрӣ диданро сар кард. Дар он ҷо Худо ба Довуд, ҳамчун Чӯпони вай, Қуввати вай, Сипари вай ва Қалъаи вай зоҳир шуд.

Яҳёи Таъмиддиҳанда даъват шуда буд, ки пайғамбари бузург гардад; падари ӯ ба вай гуфт, ки ин чиз ба вай дар рӯъё зоҳир шудааст. Аммо маҳз дар биёбон, на дар мактаби библиявӣ Худо ба Яҳё, ки дар биёбонҳои Яҳудо зиндагӣ мекард, либосаш аз пашми ҳайвонот буд ва хӯрокаш ҳашоротҳо буданд, Худро зоҳир намуд. Дар Луқо 3:2-3 навишта шудааст: "...каломи Худо ба Яҳё ибни Закарё расид. Ва ӯ тамоми кишвари атрофи Ӯрдунро тай карда, таъмиди тавбаро барои омурзиши гуноҳҳо мавъиза менамуд".

Маҳз дар биёбони Арабистон Худо он асрорро, ки оқибат қисми зиёди Аҳди Навро ташкил доданд, ба ҳаввори Павлус ошкор кард. Ӯ менависад, ки мақсади Худо ин буд "ки Писари Худро дар ман ошкор созад, то ки Ӯро дар миёни халқҳо башорат диҳам, - ман он вақт бо ҷисм ва хун машварат накардам, ва ба Ерусалим назди онҳое ки пеш аз ман ҳаввори буданд, нарафтам, балки ба Арабистон равона шудам..." (Ғалотиён 1:16-17).

Ҳаввори Юҳанно дар куҷо буд, вақте ки ӯ ваҳйи Исои Масеҳро гирифт?

> "Ман, Юҳанно, ки бародари шумо ва шарики андӯҳ ва малакут ва сабри Исои Масеҳ ҳастам, аз барои каломи Худо ва шаҳодати Исои Масеҳ дар ҷазираи Патмӯс будам" (Ваҳй 1:9).

Патмӯс ҷазираи бенигоҳубинмонда буд – ҷои бисёр хуб барои аз сар гузаронидани биёбон.

Аз ҳама асосиаш, шумо ҳамроҳи Исо мебошед, ки дар назди мардум баракатро аз Падари Худ гирифта ва Рӯҳулқудсро қабул карда, бо Рӯҳ ба биёбон бурда шуда буд, то ки ба озмоишҳои шайтон муқобилат кунад.

Ман пайхас кардам, ки бисёри вақт чунин мешавад. Худо ба мо чизҳои бузургро, ки дар оянда бо воситаи мо иҷро кардан мехоҳад, нишон медиҳад, баъдан бошад моро рост ба биёбон мебарад, то ки моро тайёр бикунад.

Агар биёбон барои муқаддасони бузург ва Худованди мо Исо зарур буд, он гоҳ ман фикрро дар бораи он ки барои ман якчанд вақтро дар он ҷо гузаронидан ин қадар бад намебошад, қабул карда метавонам, гарчанде, бешубҳа, ман мехостам, ки роҳи осонтаре бошад. Биёбон ин ҷое аст, ки Худо моро меозмояд, фурӯтан месозад, боқувват мегардонад ва пок менамояд. Маҳз дар ҳамин ҷо Ӯ дар мо хислати илоҳиро ташаккул медиҳад. Ин ҷои тайёршавӣ барои кори самаранок дар подшоҳии Ӯ дар оянда аст.

Аз ҳама аҷибаш дар биёбон он аст, ки дар ин ҷо Худо Худро ба таври нав зоҳир менамояд! Пайғамбар Ишаъё менависад:

> “Ба яқин, Худованд Сионро тасаллӣ хоҳад дод, тамоми харобазори онро тасаллӣ хоҳад дод, ва биёбони онро мисли Адан, ва саҳрои онро мисли боғи Худованд хоҳад гардонид; шодӣ ва хурсандӣ, шукрона ва овози суруд дар он шунида хоҳад шуд” (Ишаъё 51:3).

Боғи Адан ҷое буд, ки дар он ҷо Худо Худашро ба Одам зоҳир менамуд, ва ҷое буд, ки онҳо муносибат мекарданд.

Дар биёбон дар шумо нисбати Худо ташнагӣ ва гуруснагӣ пайдо мешавад. Шумо бохтро аз сар мегузаронед ва диққататон бисёртар ба Ӯ равона аст. Барои ҳамин ҳам, вақте ки Худо тайёрӣ мебинад, ки Худашро ба шумо зоҳир намояд, дар чунин ҳолат ба шумо осонтар мешавад, ки дар зиндагӣ аз ҳама чиз рӯй гардонед ва ба Ӯ муроҷиат кунед. Агар мо ба даъвати Худо ҷавоб бигардонем, мо ба биёбон мефароем. Маҳз дар биёбон Худо ба таври нав ба мо зоҳир мешавад. Дар Ишаъё 45:15 навишта шудааст: “Ба яқин, Ту Худои мастур ҳастӣ, эй Худои Исроил, эй Наҷотдиҳанда!”. Вай инро барои

**Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?**

**#2 Ҳар қадаре ки худро танҳо ҳис накунед ҳам, Худо бо шумост**

Бисёр вақт яке аз ҷузъиёти таркибии асосии биёбон эҳсосоти тамоман набудани Худо мебошад! Маҳз дар ҳамон вақте, ки ба назаратон шумо беш аз ҳама ба ҳузури Ӯ мӯҳтоҷ ҳастед, чунин эҳсос карда мешавад, ки гӯё Вай аз шумо миллионҳо километр дур аст.

Муҳим аст, то ки шумо дар бораи ду намуди ҳузури Худо бидонед. Якумаш дар ояти навбатии Китоби Муқаддас асос ёфтааст: “Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт” (Ибриён 13:5). Ин дар ҳама ҷо ҳозиру нозир будани Худо мебошад. Ин ҳамон  чизест, ки шоҳ Довуд дар борааш мегӯяд: “Агар ба осмон бароям, он ҷо Ту ҳастӣ, ва агар дар гӯр бистар андозам, он ҷо низ Ту ҳастӣ” (Забур 138:8). Агар шумо ба Каломи Худо бовар кунед ва ба Худо боварӣ дошта бошед, он гоҳ ҳақиқат дар он аст, ки новобаста аз он ки чӣ рӯй дода истодааст ва шумо чиро ҳис мекунед, Худо бо шумост.

онҳое мекунад, ки Ӯро аз сидқи дил мехоҳанд, то ки аз хурсандии муносибати наздик бо Ӯ боз ҳам гуруснагии зиёд пайдо шавад. Худованд инчунин аз онҳое пинҳон мешавад, ки нисбати Ӯ гурусна нестанд. Ӯ ягон бор намегузорад, ки ба Вай ҳамчун ба як чизи оддӣ ё одатӣ муносибат кунем.

## Гуруснагӣ нисбати Худо

Ӯ Худро ба онҳое зоҳир мекунад, ки Ӯро бо тамоми дилу ҷон меҷӯянд.

Дар хотир доред, Худо гуфт, ки Ӯ исроилиёнро ба биёбон бурд,

Дигар зоҳиршавии ҳузури Худо, ки ҳамаи мо дӯст медорем ва инчунин қисми ҳаёти масеҳӣ мебошад, ин ҳузури равшани Ӯ аст. “Зоҳир намудан” маънои онро дорад, ки аз чизи ноаён ба чизи аён, аз шуниданашаванда ба шунидашаванда, аз чизи номаълум ба чизи маълум овардан аст. Вақте ки ин рӯй медиҳад, Худо Худро ба ҳиссиётҳои ҷисмонии мо ҳам зоҳир мекунад. Аз чунин вохӯрӣ, ки метавонад дар вақти парастиш, дар дуои шахсӣ, дар вақти сайругашт дар ҷангал, дар корҳои оддии ҳаррӯза, ва, мумкин, бо ҳар тарзҳои бешумор рӯй диҳад, ҳаловат бурдан аҷиб аст.

Инак, агар шумо рӯҳан гурусна ва ташна дар биёбон бошед, ва Худо намеояд ва шуморо бо ҳузури аҷоиб ва бисёр ҷолиби Худ баракат намедиҳад, ҳамту ором бишавед ва ба ваъдаҳои Вай такя бикунед, ки асоситаринаш – “Туро тарк намекунам ва туро намегузорам” мебошад. Вақте ки мо аз Ӯ бе ҳузури аёну равшани Ӯ шод мешавем, ин муҳаббати ҳамешагии моро нисбат ба Ӯ боз ҳам баландтар ифода мекунад.

то ки онҳоро фурӯтан бисозад ва онҳоро гурусна мононад. Аммо ба ҷои он ки онҳо нисбати Худо гуруснагиро эҳсос бикунанд, чи хеле ки ин бо Еҳушаъ ибни Нун рух дод, халқ ташнаи он чизҳое буд, ки Худованд аз онҳо дур карда буд. Ва вақте ки Ӯ омад, то ки Худро ба онҳо зоҳир кунад, чи тавре ки Ӯ Худро ба Мӯсо зоҳир намуд, онҳо нисбати Ӯ хоҳише надоштанд. Моҳиятан, онҳо Ӯро рад карданд. Дар Такрори Шариат мо мехонем:

“Ва ҳангоме ки шумо он овозро аз миёни торикӣ шунидед, дар сурате ки кӯҳ дар оташ месӯхт, шумо, яъне ҳамаи сардорони сибтҳои шумо ва пирони шумо, ба ман наздик

омадед, ва гуфтед: “Инак, Худованд Худои мо ҷалол ва кибриёи Худро ба мо нишон дод, ва овози Ӯро мо аз миёни оташ шунидем; имрӯз мо дидем, ки Худо ба одам сухан меронад, - ва вай зинда мондааст; вале алҳол чаро бимирем? Зеро ки ин оташи бузург моро хоҳад сӯзонид; агар мо боз овози Худованд Худои худро бишнавем, хоҳем мурд, зеро кист аз тамоми башар, ки овози Худои Ҳайро, ки аз миёни оташ сухан рондааст, мисли мо бишнавад, - ва зинда монад? Ту наздик шуда, ҳар он чи Худованд Худои мо бигӯяд, бишнав, ва ту ҳар он чиро, ки Худованд Худои мо ба ту бигӯяд, ба мо баён намо, ва мо шунида, ба амал хоҳем овард”” (Такрори Шариат 5:23-27).

Инак, Худо хост, ки ба онҳо Худро дар биёбон зоҳир кунад, чи тавре ки ба Мӯсо Худро зоҳир намуд, аммо онҳо ба қафо ақибнокӣ рафтанд ва аз Мӯсо чунин хоҳиш намуданд: “Ту бирав ва бо Худованд сухан бирон, ва ба мо ҳамаи он чизеро, ки Ӯ мегӯяд, нақл бикун, ва мо онро мекунем”.

Афсӯс ки, онҳо оқибат Худоро нашинохтанд; онҳо танҳо дар бораи Ӯ медонистанд. Маҳз барои ҳамин онҳо аз рӯи аҳкомҳои Ӯ рафтор карда натавонистанд. Чунки онҳо Ӯро нашинохтанд, оқибат онҳо он заминеро, ки ба онҳо ваъда шуда буд, надиданд, ва дар биёбон мурданд.

Вақте ки Худо моро ба биёбон меорад, мисли Яҳё, Мӯсо, Довуд, Юсуф, Павлус ва дигарон, ин озмоише барои дидани он мешавад, ки оё мо ташнаи Ӯ мешавем, ё ин ки мо ташнаи он шароит ва ҳузуру ҳаловате мегардем, ки мо аз он маҳрум шудем. Яъқуб менависад:

“Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз баҳри қасди нек илтимос мекунед, балки аз баҳри он ки барои ҳавасҳои худ истифода намоед. Эй зинокорон! Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост? Пас, касе ки мехоҳад дӯсти дунё бошад, душмани Худо мегардад. Оё шумо гумон

мекунед, ки Навишта бар абас гуфтааст: “Рӯҳеро, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад”? Лекин файзи бештаре мебахшад; барои ҳамин ҳам гуфта шудааст: “Худо ба мағрурон муқобилат мекунад, вале ба фурӯтанон файз мебахшад”. Пас, ба Худо итоат намоед, ба иблис муқобилат кунед, ва ӯ аз шумо хоҳад гурехт. Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд. Дастҳои худро бишӯед, эй гуноҳкорон, ва дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон” (Яъқуб 4:3-8).

Вақте ки мо бо тамоми дил худ Худоро ҷуста, ба Ӯ наздик мешавем, Ӯ низ ба мо наздик мешавад. Писарони Исроил назар ба иродаи Худо бисёртар ба хоҳишҳои худ (ё ҳавасҳои худ) шавқманд буданд. Онҳо зинокор буданд, ҳам мардон ва ҳам занон; онҳо бароҳатӣ ва бехатариро меҷустанд, ки аз қафои роҳҳои ин ҷаҳон рафта, ба даст оварда метавонистанд. Онҳо зуд аз хотир баровարданд, ки шукӯҳу ҳашамат ва таъминот мисриён ва артиши онҳоро наҷот дода натавонистанд.

Худо мегӯяд, ки барои ба Ӯ наздик шудан, мо бояд ду корро иҷро кунем. Якумаш, мо бояд дастҳои худро пок гардонем. Дар 2 Қӯринтиён 7:1 навишта шудааст:

“Пас, эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем, худамонро аз ҳар гуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем”. Гуноҳ аз Худо ҷудо мекунад: “Балки гуноҳҳои шумо дар миёни шумо ва Худои шумо ҷудоӣ андохтааст, ва хатоҳои шумо рӯи Ӯро аз шумо пӯшидааст, то ки нашнавад” (Ишаъё 59:2).

Дуюмаш, мо бояд дилҳои худро пок гардонем. Калид ба ин дар суханони Яъқуб ҷойгиранд: “Дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон” (4:8). Одамони дудила дар байни Рӯҳу ҷисм мекалаванд. Фикрҳо ва эҳсосоти онҳо ба Худо равона карда нашудаанд. Дар Қӯлассиён 3:1-2 навишта шудааст: “Пас, модоме ки шумо бо Масеҳ эҳё шудаед,

он чиро, ки дар афроз аст, биҷӯед, ки он ҷо Масеҳ ба ямини Худо нишастааст. Дар бораи он чи дар афроз аст, фикр кунед, на дар бораи он чи бар замин аст”.

Шумо бо ҷидду ҷаҳд он чизро меҷӯед, ки ба он фикр ва эҳсосоти шумо равона карда шудаанд. Калимаи калидӣ дар инҷо – равона кардан аст. Ҳамчун мисол, вақте ки мӯйи занро оро медиҳанд, ҳар як мӯй ба тағйироти химиявӣ дучор мешавад. Мӯйҳои вай ҷингила мешаванд, чунки ҳар як қабзаи мӯй чунин печонида мешавад. Шумо метавонед кашола карда, ин қабзаи мӯйро рост кунед, лекин вақте ки шумо онро сар медиҳед, он боз ба қафо меҷаҳад ва боз ҳамон намуди мӯйи орододашударо ба худ мегирад.

Одамон метавонанд ба калисо раванд, дар гурӯҳи мадҳкунӣ суруд хонанд ва дар фаъолияти масеҳӣ иштирок кунанд, лекин ақли онҳо дар куҷо ҷойгир аст, вақте ки онҳо бо фаъолияти “масеҳӣ” машғул нестанд? Дар он ҷо, он ба чӣ равона аст. Ҳамон лаҳза ки ин одам аз бинои калисо ё муҳити масеҳӣ берун мебарояд, ақли ӯ ба он ҷое меҷаҳад, ки ба он равона карда шудааст, айни ҳамон тавре ки ин қабзаи мӯйи орододашуда.

Ман бо бисёр одамон дар калисоҳо дар тамоми мамлакатамон гап задам, ки сурудҳои мадҳкуниро мехонанд, дар вақти мавъизаҳо қайдҳо мекунанд, яъне онҳоро навишта мегиранд ва ҳатто вақти худро ба хизматгузориҳои гуногуни калисо мебахшанд. Албатта, ҳамаи ин бад нест, лекин, дар байни хизматузории калисо ва хизматгузории ихтиёрӣ, ҳамаи он чизе, ки дар борааш гап мезананд, ин пул, варзиши касбӣ, либос, хабарҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, машғулиятҳои дӯстдошта (хобби), намояндагони ҷинси муқобил, хӯрок, харидҳо, дар бораи телефонҳои дӯстдошта ва дигар чизҳои ин ҷаҳон мебошанд. Вақте ки онҳо дар бораи ҳамаи ин гап мезананд, онҳо медурахшанд, аммо онҳо Китоби Муқаддасро мехонанд, дуо мекунанд, ба одамон мавъиза мекунанд ва хизмат мекунанд ва ҳатто ҳамчун адои қарз ба калисо меоянд.

Вақте ки мард ба зан ошиқ мешавад ва онҳо номзади якдигар

мешаванд, ба никоҳ тайёрӣ дида истода, вайро бовар кунонидан даркор нест, ки дар бораи арӯсшавандаи худ фикр кунад ва гап занад. Вай доимо дар фикри ӯст, ва вақте ки вай номи ӯро ба забон меорад, овози вай тағйир меёбад. Сабаб дар он аст, ки муҳаббати вай, дили вай ба ӯ равона аст. Вай ошиқ аст!

Довуд дар Забур 15:8 менависад "Ҳамеша Худовандро дар пеши назари худ мебинам". Ақли ӯ дудила набуд. Дили ӯ пок буд. Дар дили вай чунин чизҳо набуданд, ки онҳоро ончунон дӯст медошт, ҳамон тавре ки вай Худоро дӯст медошт. Муҳаббати ӯ нисбати Худо ҳамаи чизи хубро, ки ин ҷаҳон пешкаш карда метавонист, тира гардонд. Ҳамаи он чизҳое, ки мо аз Исо бештар дӯст медорем, чизҳое, ки аз Вай дида ба мо бештар маъқуланд, ё ба онҳо бештар аз Ӯ бовар мекунем, бутҳо ном доранд. Довуд менависад:

> "Кист, ки ба кӯҳи Худованд барояд, ва кист, ки дар мақоми
> муқаддаси Ӯ биистад? Кист покизадаст ва покдил, ки ҷонаш
> ба орзуҳои беҳуда нигаронида нашуда бошад, ва қасами
> дурӯғ нахӯрда бошад" (Забур 23:3-4).

Одаме, ки аз Исо дида бештар ҳеҷ касро ва ҳеҷ чизро дӯст намедорад, ба касе, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз аз Ӯ бештар маъқул нест, ва касе, ки ба ҳеҷ кас ва ба ҳеҷ чиз аз Ӯ дида зиёдтар бовар намекунад, ана ин одам шахсе аст, ки дили пок дорад. Исо дар Матто 10:37 мегӯяд: "Ҳар кӣ падар ё модарашро аз Ман бештар дӯст дорад, лоиқи Ман нест; ва ҳар кӣ писар ё духтарашро аз Ман бештар дӯст дорад, лоиқи Ман нест".

Дар вақти биёбон, биёед мисли исроилиён намешавем, ки ҳаёти заминии худро сахт дӯст медоштанд, ва имконияти шинохтани Худоро аз даст доданд.

Дар Ишаъё 35:1-2 навишта шудааст:

> "Биёбон ва саҳрои хушк ба ваҷд омад,
> ва чӯл шод хоҳад гардид,

мисли гули савсан хоҳад шукуфт;
гул-гул шукуфта ва шод гардида,
аз хурсандӣ ва тараннум пур хоҳад шуд;
ҷалоли Лубнон ва шавкати Кармилл
ва Шӯрон ба вай ато хоҳад шуд;
онҳо ҷалоли Худованд
ва шавкати Худои моро хоҳанд дид".

Ҷалоли Худо маҳз дар биёбон зоҳир мешавад.

Биёед ба иҳотаи муқаддасони бузург, ки то мо зиндагӣ карданд, ҳамроҳ мешавем. Биёед ба Худо бо дастони пок ва дили пок наздик мешавем, мисли Довуд, Мӯсо, Павлус, Юсуф ва дигар мардону занони Худо!

# 3

# БИЁБОНИ ЗАРУРӢ

*“Фикран ҳамаи азсаргузарониҳои худро ба ёд оред. Дар бораи он фикр кунед, ки чӣ тарз Худо шуморо ба биёбон бурд ва чӣ тавр Ӯ шуморо ҳар рӯз мехӯронд ва мепӯшонд. Чӣ хел Худо рафтору кирдори бади шуморо тоқат мекард, бо шикваву шикояти шумо, ва бо ҳамаи хоҳишҳои “ҳаловатҳои эҳсосноки Миср”-и шумо розӣ мешуд. Дар бораи он фикр кунед, ки файзи Худо барои шумо дар ҳамаи бадбахтиҳои шумо кофӣ буд”.*

**– Чарлз Сперҷен**

*“Худованд Худои ту туро... дар биёбон бурд, то ки туро азият дода, биозмояд, ва он чиро, ки дар дили туст, бидонад”.*

**– Такрори Шариат 8:2**



Вақте ки ман бори аввал ба биёбон афтодам, ин барои ман бисёр ҳайратангез буд. Росташро гӯям, солҳои аввали Исоро пайравӣ карданам ба моҳи асали тӯлкашида монанд буданд. Лиза ва ман ба Даллас, иёлати Техас, кӯчидем. Якчанд вақт ҳамчун муҳандис кор карда, ман як вазифаи хизматгузориро дар калисо ишғол кардам. “Кори” ман ба шубони худ ва зани вай хизмат кардан ва меҳмонон-воизонро ба калисои калони худамон қабул кардан буд. Ман хеле хурсанд будам! Ман фикр мекардам, ки ба осмон афтодам. Ман хизматгузорони дар ин сайёра аз ҳама бузургтарини Хушхабарро қабул мекардам, чунки калисои мо яке аз калисоҳои машҳур дар Амрико буд.

Вақте ки ин пешвоёни бузурги миллӣ ва байналхалқӣ ба фурудгоҳ меомаданд, ман онҳоро пешвоз мегирифтам ва ба калисо ва ё ба он ҷое, ки онҳо бояд меистоданд, мебурдам. Дар давоми тамоми вақте ки онҳо дар меҳмонии мо буданд, ман онҳоро бо мошин мебурдам ва ҳамроҳи онҳо хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрдам. Ман бо баъзе аз хизматгузорони бузурги даврони мо соатҳои зиёдро мегузаронидам. Солҳои аввали ман дар ин хизматгузорӣ бисёр аҷиб, пур аз ҳаёт буданд.

Вале баъд дар ҳаёти ман душвориҳо сар шуданд. Бисёр душвориҳои калон. Дар он вақт ман намедонистам, ки ба биёбон сафарбар шуда истодаам, чунки Худо ба ман инро зоҳир нанамуда буд. Ин ҷоест, ки Худо моро машқ медиҳад. Ин ҷоест, ки хислати мо

инкишоф меёбад, ва имони мо мустаҳкам мегардад. Ин биёбони зарурӣ аст.

Чунин чизро тасаввур кунед: шумо исроилие ҳастед, ки тамоми ҳаёт ғулом буд, ва танҳо ба қарибӣ озодӣ гирифт. Шумо ба қарибӣ азсаргузаронии ваҳмангез, аммо ҳаяҷонбахш доштед: шумо аз байни ду девори обҳои пурмавҷ ва пурталотум гузаштед. Шумо ба қафо нигоҳ кардед, ва дидед, ки айни ҳамон деворҳо, ки шуморо муҳофизат мекарданд, душманони шуморо ғарқ карданд. Шиканҷадиҳандагони шумо, то абад, несту нобуд карда шуда буданд! Шумо наҷоти ғалабаовари Худоро дида, хурсандона ҷашн мегирифтед ва рақс мекардед. Шумо худро мағлубнашаванда эҳсос мекардед, зеро медонистед, ки Худо тарафдори шумо аст. Шумо қарор кардед, ки дигар ҳеҷ гоҳ ба қувват ва бовафоии Вай шубҳа намекунед.

Аммо ҳозир ҳамааш дигар хел аст. Якчанд рӯз гузашт; шумо хаста шудед, ташна мондед ва ҳаво тафсон аст. Шумо дар остонаи замини "ваъдашуда" наистодаед; ба ҷои ин шумо дар биёбоне, ки пур аз мору каждум аст, бемақсад оворагардӣ мекунед. Шумо дигар ба Худованд дар бораи аспу савораҳое, ки ба баҳр партофта шуданд, рақсу сурудхонӣ намекунед, балки ба пешвои худ шикоят карда, мегӯед ки: "Чаро ту моро аз Миср берун баровардӣ? То ки моро, фарзандони моро ва чорвои хонагии моро аз ташнагӣ ба ҳалокат расонӣ?"

Акнун, биёед дар бораи шумо сухан меронем. Оё шумо дар ҳақиқат бовар мекунед, ки Худо танҳо барои он шуморо бо қудрати бузург аз қуввати душман озод кардааст, ки шуморо дар биёбон, дар он ҷое, ки ошуфтаҳолӣ ва хомӯшӣ ҳукмфармост, тарк кунад, то ки шумо бемақсад ва дар вазъияти номуайян оворагардӣ кунед? Албатта не! Ҳамту ба шумо зарур аст, ки биёбонро гузаред, то ки ба ҷои ба мо ваъдашуда омада расем.

Худованд писарони Исроилро аз Миср ба биёбон овард; айни ҳамон тавре ки моро мебарад. Шуморо ба он ҷо на шайтон, балки

Худо бурд. Ва Ӯ мақсадҳо ва нақшаи фавқултабиӣ барои ин замини хушк дорад. Аввал Ӯ моро фурӯтан месозад, пас аз он меозмояд. Ӯ ба он хотир чунин мекунад, ки мо табиати ҳақиқии дилҳои худамонро бифаҳмем.

Чӣ тавр Ӯ моро фурӯтан месозад? "Ва Ӯ туро азият дод, ва туро гурусна мононид, ва туро манн хӯронид" (Такрори Шариат 8:3). Ӯ исроилиёнро гурусна мононида, онҳоро фурӯтан сохт. Лекин дарҳол баъд аз ин навишта шудааст, ки Ӯ онҳоро манн хӯронид. Ин ихтилофнок ба назар мерасад. Чӣ тавр Ӯ манн хӯронида истода, метавонист онҳоро гурусна мононад?

Манн – ин хӯроки беҳтарин аст; ин ба ғизои фариштаҳо дохил мешавад! Илёс танҳо ду нони аз он тайёр кардашударо хӯрда, барои роҳи чилрӯза қувват пайдо кард. Исроилиҳо бошанд, онро бо фаровонӣ доштанд. Онҳо ҳар субҳ дар як ҳафта шаш маротиба аз осмон тару тозаашро мегирифтанд,, ва манне, ки дар субҳи шашум гирифта мешуд, дар рӯзи ҳафтум ҳам ба таври аҷиб нигаҳ дошта мешуд. Онҳо аз он рӯзе, ки Худо бори аввал ба онҳо манн дод, то он даме, ки онҳо дар сарҳади Замини ваъдашуда бошишгоҳ сохтанд, ягон бор ҳам бе ғизо намонданд.

Ин тавр бошад, барои чӣ Худо мегӯяд: "Ман туро гурусна мононидам". Дар бораи кадом гуруснагӣ Ӯ мегӯяд? Барои фаҳмидани ин, тасаввур кунед, ки онҳо дар кадом ҳолат буданд. Тасаввур кунед, ки ҳамаи он чизе, ки шумо барои наҳорӣ доред, ин нон аст, ва айни ҳамон чиз дар хӯроки шом – фақат нон. Бе равғани маска, равғани чормағзи заминӣ, мураббо, ҳасиб ё моҳӣ; фақат нон. Ва онҳо на тайи якчанд рӯз ё ҳафта чунин хӯрок мехӯрданд, балки тамоми чил сол!

Вақте ки ман шубони ҷавонон будам, мо панҷоҳу шаш нафар ҷавононро ба Тринидад, ба сайёҳати миссионерии ҳаштрӯза бурдем. Калисо дар Тринидад ба мо хӯрок тайёр мекард, онҳо бисёр саховатманд буданд. Лекин мо ҳар рӯз мурғбирён мехӯрдем. Онҳо онро бо тарзҳои гуногун тайёр менамуданд ва бо биринҷ

ва сабзавот пешкаш мекарданд, аммо дар рӯи миз ҳама вақт мурғбирён буд.

Пас аз ҳашт рӯзи мурғбирён, мо нисбати ягон чизи дигар низ гуруснагиро ҳис мекардем. Вақте ки мо ба хона баргаштем, яке аз ҷавонон аз дастаи мо аз модари худ пурсид, ки дар хӯроки нисфирӯзӣ чӣ буд, вай ҷавоб дод: “Мурғ”. Ӯ дод зад, ва аз вай хоҳиш намуд, ки ба ӯ гамбургер бихарад.

Дар Тринидад мо ҳамагӣ пас аз ҳашт рӯз пинҳонӣ шикоят мекардем; ба худ чил солро тасаввур карда метавонед? На чор сол, балки чил сол айни ҳамон хӯрок! Акнун мо мефаҳмем, ки Худо чӣ тавр онҳоро гурусна мононид. Ӯ ба онҳо он чиро, ки мехостанд, намедод, балки он чиро, ки онҳо дар ҳақиқат ба он эҳтиёҷ доштанд, то ки зинда ва саломат монанд.

Боз чӣ дар ҳолатҳои онҳо гуруснагиро ба миён овард – кӯшиш ба он чизе, ки онҳо надоштанд? Вақте ки мо ин ҳодисаро мехонем, аз он ҳақиқат ба ҳайрат афтода метавонем, ки либос ва пойафзоли онҳо фарсуда намешуд; чӣ қадар сарфаи буҷети оилавӣ! Аммо наход ки шумо айни ҳамон як намуди либосро дар давоми чил сол пӯшидан мехостед? Ин хеле дилгиркунанда аст! На ягон хел харид аз марказҳои савдо ва на ягон хел онлайн-фармоишҳои либосҳои замонавӣ. Айни ҳамон кафши қаҳваранг дар тӯли чил сол!

Ҳа, мӯҳтоҷии асосии онҳо, - муҳофизат аз гармо ва сармо, - қонеъ мегардиданд, лекин онҳо бисёр чизҳоеро, ки мехостанд, надоштанд.

Ва дар бораи якрангии биёбон рӯз аз рӯз фикр бикунед, - на якчанд ҳафта, балки чил сол. Оё мо мехостем, ки ба айни ҳамон гулҳои ханҷарӣ, қамишҳо ва ба замини хушкшуда нигоҳ кунем, ва аз чашмасорҳои ором, ҷангалҳои сердарахт, токзорҳои зебоманзар ва кӯлҳои зебо маҳрум бошем – танҳо биёбон рӯз аз рӯз?

Онҳо он чиро, ки ба онҳо лозим буд, доштанд, на он чизеро, ки онҳо мехостанд. Алоқамандона ба ин, биёед боз ҳамон оятро мехонем:

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

**#3 Ба васвасаи вазъиятро ба дасти худ гирифтан муқобилат кунед**

Барои ҳамаи онҳое, ки боҷуръат ва боғайрат ҳастанд, яке аз озмоишҳои бузург дар биёбон ин кӯшиши ягон роҳи ҳалли масъаларо ёфтан аст. Ҳангоме чунин ба назар мерасад, ки Худованд моро тарк кардааст ва Ӯ аз мо миллионҳо километр дур аст, дар вақти ноумедӣ, вақте ки ҳатто аз ҳама кӯшишҳои хоксоронаи мо барои ягон корро барои подшоҳии Вай кардан комёб намешаванд, вақте ки соатҳои дуохонӣ танҳо зонуҳои варамкардаро ба бор меоранд, мо метавонем ҳар корро кунем, то ки чизе рӯй диҳад. Ин фикри бад аст. Моҳиятан, дар биёбон кам чиз рӯй медиҳад; дар он ҷо танҳо каме об ҳаст ва ғизои якранг. Дар ин хушкӣ мо ёд мегирем, ки ҳаёт аз он корҳое, ки мо мекунем ва аз он чизҳое, ки мо дорем, хеле бузургтар аст. Маънои ҳаёт ин аз наздик донистани Худо ва ҳар рӯз иҷро кардани хоҳишҳои Ӯ мебошад.

Дар яке аз биёбонҳои ман, ҳар рӯз ба ман мисли ҳафта

> “Ва Ӯ туро азият дод, гурусна мононид, ва туро манн хӯронид... то ки ба ту бифаҳмонад, ки одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае, ки аз даҳони Худованд барояд, одамизод зиндагӣ мекунад” (Такрори Шариат 8:3).

Худо ҳамаи он чизеро, ки хоҳиш ва кӯшиши ҷисми онҳоро иҷро мекард, дур карда истода, гуруснагиро ба вуҷуд овард, аммо қонеъ гардонидани мӯҳтоҷии асосии онҳоро давом медод. Ва ин гуруснагӣ онҳоро меозмуд: Худо дидан мехост, ки оё онҳо ба ҷои

менамуд, ва ҳар як ҳафта - мисли моҳ, чунки ман қариб рӯъё, оташ ва саъю кӯшиш надоштам. Ва ба ҳар ҳол, ман бояд ки роҳи худро давом медодам. Ман бояд роҳ рафтан, аз Каломи Худо, ки дар дили ман буд, баҳра гирифтан, ба дараҷаи баланд хизмат кардан, ба ҷамъомад омадан ва аз рафторҳои бемулоҳиза, ки ба сабаби бетоқатӣ ба амал меомаданд, худдорӣ намуданро давом медоодам. Ман бояд доимо ба худ хотиррасон мекардам, ки ман маҳз дар он ҷое будам, ки Худо маро дидан мехост. Вай вақтро беҳуда сарф накардааст, ва Ӯ ваъдаҳои Худро иҷро карданӣ буд.

Ва, албатта, биёбон ин ҷой барои пешравии шахсӣ нест. Дар хотир доред, ки шумо покшавӣ ва омодашавиро аз сар мегузаронед, ва барои ҳамин шумо бояд боғайрат бошед, то ки ба ҳар як озмоиши гуноҳ истодагарӣ ва муқобилат карда тавонед.

Дар роҳе, ки Худованд дар биёбон месозад, ҳамеша ҳамроҳи Ӯ бираведю Бо сабаби он ки Вай, ба ақидаи шумо, бисёр суст ҳаракат мекунад, ба озмоиши аз Ӯ пеш гузаштан дучор нашавед!

ҳамаи он чизҳое, ки тарк карданд, хоҳиши Ӯро иҷро мекунанд? Оё онҳо Ӯро меҷӯянд, ё, он чиро, ки ҷисми онҳо талаб дорад? Оё нисбати парҳезгорӣ онҳо ташнагӣ ва гуруснагӣ пайдо мекунанд, ё нисбати ҳаёти бароҳатона ва лаззату ҳаловатҳо? Афсӯс, ки дили исроилиён ба Ягона Касе, ки метавонист ташнагӣ ва гуруснагии онҳоро қонеъ гардонад, нигаронида нашуда буд, ва аз ҳамин сабаб онҳо ин озмоишро ӯҳда карда натавонистанд:

“Ва издиҳоми бегонаҳое, ки дар миёни онҳо буданд, булҳавасӣ зоҳир намуданд, ва банӣ-Исроил низ боз гириста,

> гуфтанд: "Кист, ки моро гӯшт бихӯронад! Моҳиро, ки дар Миср муфт мехӯрдем, ва бодиринг, ва харбуза, ва тара, ва сирро ёд мекунем; ва алҳол ҷисми мо хушк шудааст, чизе барои хӯрдан нест, фақат ин манн пеши чашмони мост"" (Ададҳо 11:4-6).

Онҳо он чиро, ки дар Миср гузошта буданд, дар хотир доштанд. Ҳатто ҳаёт дар ғуломии пурғусса барояшон авлотар буд, нисбати он замини хушке, ки Худо онҳоро бурд. Онҳо барои гӯшт гириста, шиквaву шикоят карданро сар карданд. Ва Худованд гиряи онҳоро шунид:

> "Ва хӯрданд ва хеле сер шуданд (гӯштро, яъне бедонаҳоро);
> ва мувофиқи ҳирсашон ба онҳо дод...
> Ва дархосташонро ба онҳо дод, вале лоғарие бар ҷони онҳо фиристод" (Забур 77:29; 105:15).

Онҳо он чиро, ки мехостанд, гирифтанд, аммо онҳо барои ин нархи гарон супурданд. Бо ин гӯшт онҳо лоғарие бар ҷони худ гирифтанд. Аз сабаби ин лоғарӣ онҳо натавонистанд истодагарӣ кунанд ва озмоиши худро гузаранд, ва, ниҳоят, ба Замини ваъдашуда даромада натавонистанд. Гуноҳи онҳо на он буд, ки онҳо гӯшт талаб карданд, балки он буд, ки ин хоҳиш аз худ чиро ифода мекард. Он норозигии дили онҳоро нисбат ба Худо ва нисбат ба он ки чӣ тавр Ӯ онҳоро роҳнамоӣ ва ғамхорӣ мекард, нишон медод. Он инчунин хоҳиши сахти онҳоро ба ҳаёте, ки дар Миср гузошта буданд, зоҳир мекард. Онҳо ғулом будани худро дар он ҷо фаромӯш карда, танҳо тарафҳои хуби он ҷоро дар ёд доштанд.

Ин дарси ҳушёркунандаест барои ҳар яки мо. Агар мо на ба Худи Ваъдадиҳанда, балки фақат ба афзалиятҳои ваъдаҳо кӯшиш кунем, мо қувватеро, ки барои гузаштани биёбонҳои ҳаёти мо зарур аст, дошта наметавонем. Мо ҳатман ба хотир овардани рӯзҳои пешинаи некро сар мекунем, ки агар аз рӯи ҳақиқат нигоҳ кунем, на он қадар нек буданд, балки аниқтараш, рӯзҳои ғуломӣ буданд.

Худоро ҷустан ба он хотир ки Вай ба шумо чӣ дода метавонад

ё чӣ кор карда метавонад, ин як тарафи масъала аст. Тамоман дигараш – Худоро ҷустан аз барои Худи Ӯ. Варианти якум ғаразнок аст, ва нияти худпарастонаи шумо, ҳадди ақал, ба муносибатҳои хом бо Худо оварда мерасонад. Вале ҷустуҷӯ кардани Худо аз барои Худи Ӯ муносибатҳои наздик ва боқувватро бунёд мекунад, ки ҳар яки мо хоҳишмандем.

## Камбудии муқаддас

Чӣ тавре ки мо тахмин карда метавонистем, ҳаёт дар биёбони хушк норасогии захираҳоро дар назар дорад – вақтеро, ки ҳам ба таври моддӣ ва ҳам ба таври ҷисмонӣ, он чиро мегиред, ки ба он эҳтиёҷ доред, на он чиро, ки шумо мехоҳед. Худо ваъда додааст, ки дар бораи эҳтиёҷоти асосии мо ғамхорӣ мекунад; барои ҳамин дар биёбон Ӯ нон барои ҳар рӯз медиҳад, на ин ки фаровонии ҳама чизро.

Вақте ки одамон дар Амрико вақтҳои хубро аз сар мегузаронанд, мо мегӯем, ки мо гӯшти яккачини хукро мехӯрем. Дар биёбон тамоман гӯшти хук нест. Ва ин азсаргузаронӣ дар худ метавонад бисёр маҳрумшавиҳоро дар бар гирад. Ин вақте аст, ки шумо он ҳаёти ҷамъиятиро доред, ки ба шумо лозим аст, на онеро, ки шумо мехоҳед. Дар биёбон Худо медонад, ки ба шумо рӯҳан чӣ лозим аст, ва ин метавонад, на он чизе бошад, ки ба фикри шумо, ба шумо даркор аст! Дар ин вақт Ӯ мӯҳтоҷиҳои моро қонеъ мегардонад, ва иҷро кардани хоҳишҳои мо ҳатмӣ нест.

Мақсади биёбон моро пок ва пурқувват гардонидан аст. Мо ба дили Ӯ бояд кӯшиш бикунем, на ба таъминоти Ӯ. Ва ҳангоме ки вақтҳои фаровонӣ меоянд, мо аз хотир намебарорем, ки ин Худованд, Худои мо аст, ки ба мо фаровонӣ медиҳад, то ки аҳди Худро ба ҷо оварад (Такрори Шариат 8:2-18).

Як масъалаи ҳалталаб вуҷуд дорад – таърифе, ки мо ба мӯҳтоҷиҳо ва хоҳишҳо медиҳем, аз ҳақиқат фарқ мекунад. Мо хоҳишҳои худро мӯҳтоҷӣ меномем, гарчанде ки ин чунин нест! Шояд, бисёре аз мо

ҳоло бояд бифаҳмем, ки Павлус, чунин суханонро гуфта истода, чиро дар назар дорад:

> “На ин ки ба сабаби мӯҳтоҷӣ мегуфта бошам; зеро ман ёд гирифтаам, ки бо чи дорам, қаноат намоям (қаноатманд будан то ба дараҷае, ки ман ғам намехӯрам ё ташфиш намекашам). Дар камбағалӣ ҳам зиста метавонам, дар фаровонӣ ҳам; дар ҳама чиз ва дар ҳар ҷо аз сар гузаронидани серӣ ва гуруснагӣ, фаровонӣ ва камиро ёд гирифтам. Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад” (Филиппиён 4:11-13).

Павлус аз қуввати Масеҳ ёд гирифт, ки вай ҳам дар вақти тангадастӣ ва ҳам дар вақти фаровонӣ ба таври якхела қаноатманд буда тавонад. Чунин ба назар мерасад, ки дар калисои Ғарб мо қаноатманд шуданро то ҳол ёд нагирифтаем, ки дар он, мутаассифона, бештари онҳое, ки фаровонӣ доранд, назар ба онҳое, ки дар камбағалӣ зиндагӣ мекунад, на он қадар қаноатманданд. Агар мо ҳамаи он чизеро, ки ба фикри мо, ба мо бояд тааллуқ дошта бошад, надошта бошем, мо худро маҳрумшуда мешуморем. Мо ба сатҳи рӯҳонии одамон аз рӯи дороӣ, комёбшавӣ ё мавқеи иҷтимоии онҳо баҳо медиҳем, дар ҳоле, ки ба ҷои ин мо бояд хислат ва имони онҳоро қадр бикунем.

Исроил Мисрро бо дороии зиёд, ки аз мисриён ғорат карда буданд, тарк кард. Ин дороӣ аз нуқра ва тилло ва либосҳои зебо иборат буд. Вале онҳо ин металлҳои қиматбаҳоро барои дар биёбон сохтани бутҳо истифода бурданд, ва либосҳо зебои худро пӯшиданд, то ки назди онҳо бирақсанд. Аён аст, ки ин дороӣ ба порсоӣ ишора намекард, ҳатто баръакс. Танҳо ду нафар аз иштирокчиёни Хуруҷ чунин хислат доштанд, ки ба онҳо иҷозат дод, ки ба Замини ваъдашуда дароянд ва онро тасарруф намоянд. Ба Замини ваъдашуда танҳо Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб даромаданд, чунки онҳо рӯҳи дигаре доштанд – онҳо ба Худо пурра итоат карданд (Ададҳо 14:24).

Агар мо якдигарро аз рӯи он чизҳое, ки дорем, баҳо диҳем, на аз рӯи он, ки мо кӣ ҳастем, пас ин нишонаи он аст, ки системаи арзишҳои мо вайрон шудаанд.

Аз дигар тараф, бисёри вақт, ҳангоме ки масеҳиён фаровонии молиявиро соҳиб мешаванд ё соҳиби мансабҳои роҳбарикунанда ва ё бонуфуз мегарданд, онҳо ба ин ҳамчун ба иҷозати Худо, ки ҳар кореро, ки хоҳанд ба амал меоранд, нигоҳ мекунанд!

Онҳо чизе, ки хоҳанд, мехаранд, пулҳои худро ба хоҳишҳои худ сарф намуда истода, ё нуфузу мансаби худро барои мақсадҳои шахсиашон истифода мебаранд. Одамоне, ки чунин рафтор мекунанд, одатан, дар вақти хушкӣ аз ӯҳдаи озмоишҳо набаромаданд. Дар асл, баракати молиявӣ ва мансаби калон моро ба вобастагии зиёдтар аз Худо бояд биёрад, то ки аз қафои мақсадҳо ва роҳнамоии Ӯро равона шавем.

Дар бораи он фикр кунед, ки Исо чӣ тавр ба хизматгузории Худ муносибат мекард. Вай ниятҳои худпарастона надошт. Ӯ гуноҳҳои мо, бемориҳои мо ва ҳукмномаи марги моро ба Худ гирифт. Ӯ назар ба некӯаҳволии Худаш некӯаҳволии моро авлотар шуморид, гарчанде ки Ӯ дар ягон гуноҳ айбдор набуд. Мақсади ҳаёт ва хизматгузории Вай на ғараз, балки худқурбонкунӣ буд. Худро инкор карда, Ӯ аз ҳама тӯҳфаи бузург – ҳаёти абадиро додааст.

Вақте ки мо дар биёбон ҳастем, Худо дар мо ба ин монанд хислати ба камол расидаро инкишоф медиҳад. Биёбон ин ҷоест, ки дар он самараи Рӯҳ ба камол мерасад. Вақте ки мо барои шинохтани хоҳиши сахти Ӯ ҳаракат мекунем, мо ёд мегирем, ки айни ҳамон тавр рафтор кунем, ки Ӯ рафтор мекунад.

4

# МУНОСИБАТИ БАЙНИҲАМДИГАРӢ

*“Аҷоиб, вақте ки ҳаёти ботинӣ ба тартиб даровадра мешавад, чӣ қадар мушкилиҳои зиёд бе ягон хел кӯшиш бартараф мешаванд”.*

**– Э. У. Тозер**

*“Агар Маро дӯст доред, аҳкоми маро риоя хоҳед кард”.*

**– Юҳанно 14:15 (NET)**

Худо ба мо сафарро дар биёбон тайёр карда истода, шахсан барои Худаш чӣ меҷӯяд? Мо якчанд афзалиятҳоро барои худ дида баромадем, ва боз ҳам зиёдтар зоҳир карданро давом медиҳем, лекин оё дар ин ягон чиз барои Худо низ ҳаст? Албатта, ҳа. Ӯ мехоҳад, ки сатҳи муносибати моро боло бардорад. Ӯ мехоҳад, ки мо бо Ӯ наздик бошем. Афсӯс, ки баъзе аз мо моил ҳастем, ки муносибати худро бо Худо ба мақсадҳои шахсӣ истифода барем, ва иҷозат диҳем, ки муҳаббати мо нисбат ба Ӯ сард шавад.

Вақте ки ман ба Лиза номзад будам, ман ба ӯ сахт ошиқ будам. Ман доимо дар бораи ӯ фикр мекардам. Ман ҳама корро, ки лозим буд, мекардам, то ки бо ӯ то ҳадди имкон зиёдтар вақт гузаронам. Агар ба вай чизе лозим мешуд, қатъи назар аз он ки ман бо кадом кор машғул будам, зуд ба сӯи мошини худ рафта, ба ӯ ҳамон чизро меовардам.

Дар ёд дорам, ки як бор мо тақрибан панҷ соатро якҷоя дар хонаи падару модари ӯ гузаронидем. Ман бо дили нохоҳам рафтам. Ҳамон лаҳза ки ман ба хона омадам, телефони ман занг зад. Ин Лиза буд. Ӯ ба ман бо овози нарм ва зебои худ гуфт: “Азизам, ту пиҷаки худро дар хонаи мо монда рафтӣ”.

Ин барои гӯшҳои ман мисли садои мусиқӣ буд. Дер фикр накарда, ман бо ҳаяҷон ҷавоб додам: “Ин тавр бошад, ман бояд баргардам ва онро бигирам”.

Ман ҳамин тавр ҳам кардам, ва мо боз се-чор соат вақтро

ҳамроҳ гузаронидем. Ин рӯзи аҷоиб буд.

Дар он рӯзҳо, агар вай ба ман дар нисфи шаб занг зада мегуфт, ки “Азизам, ман яхмос мехоҳам”, ман хурсандона ҷавоб медодам: “Ман пас аз даҳ дақиқа дар наздат мешавам! Бо кадом таъм ба ту биёрам?” Ман вақт ва баҳонаҳо меҷустам, то ки бо вай бошам. Ба хотири муҳаббати бузурге, ки нисбат ба ӯ доштам, ман аз иҷро кардани ҳар хоҳише, ки ӯ дошт, хурсанд будам. Ва ман ин корҳоро на барои он мекардам, то ки исбот кунам, ки ӯро дӯст медоштам, балки барои он ки ӯро дӯст медоштам.

Ба ман лозим набуд, ки худро маҷбур бисозам, то ки дар бораи ӯ бо одамон гап занам... ман ӯро назди ҳама, ки ба гӯш кардан тайёр буданд, таъриф мекардам. Агар дар сӯҳбат бо касе сукут фаро мерасид, ман дар бораи Лиза ва тӯйи ояндаи мо гапро сар карда, бе ягон кӯшиш мавзӯъро иваз мекардам. Ман ошиқ будам!

Аммо пас аз чанд соли никоҳи мо, диққати ман ба дигар чизҳо, ба монанди варзиш, муносибат бо дӯстон ва хусусан кор дар хизматгузорӣ ҷалб карда шуд. Ман аллакай намехостам, ки бо ӯ вақт гузаронам ва ё ягон кор барояш бикунам. Ман дар бораи Лиза бисёр фикр намекардам. Ман ба ӯ танҳо дар Мавлуди Исо, ҷашнҳои рӯзи тӯямон ва рӯзҳои таваллуд тӯҳфа медодам, ва ҳатто инро ман каме бо дили нохоҳам мекардам. Боре ман ҳатто ба ӯ тӯҳфа хариданро дар рӯзи ошиқон, яъне Рӯзи Валентини муқаддас, фаромӯш кардам. Ӯ сахт хафа шуд. Ман ба ғайр аз бахшиш пурсидан дигар илоҷ надоштам. Аз ҳама ғамовараш он буд, ки аз сабаби хомии худ, ман нишонаҳои мавсимҳои никоҳамонро намефаҳмидам. Муносибатҳои мо пуршиддат шуданд; муҳаббати аввалини ман мурд!

Ман бисёр миннатдорам, ки, ниҳоят, Худо диққати маро ҷалб намуд ва дили маро тағйир дод. Ӯ ба ман имкон дод, ки чӣ қадар худпараст шудани худро бубинам. Бо марҳамати Худ Ӯ боз оташи муҳаббати моро даргиронд ва никоҳи моро шифо бахшид.

Чизи ба ҳамин монанд дар муносибати мо бо Худо низ рӯй

доданаш мумкин аст. Бисёр пайравони Масеҳ як муҳит ё давраи муайяни ҳузуру ҳаловатро ба даст меоваранд, ки дар он онҳо ба гӯронидани он чизҳое, ки ба даст оварданд, шурӯъ менамоянд, ва ба ягон чиз кӯшиш карданро бас мекунанд. Онҳо дигар ташнаи Худо нестанд. Онҳо худро бо дигарон муқоиса карда истода ё дар асоси он чизҳое, ки онҳо кофӣ мешуморанд, стандартҳои рӯҳонии худро ҷорӣ мекунанд. Онҳо дигар кӯшиш намекунанд, ки Худоро ҳамчун Шахсият чуқур шиносанд. Дар маркази диққат масъалаҳои ҳаррӯза, кӯшиш ба комёбӣ ва ташвишҳои ин зиндагӣ ҷой мегиранд. Акнун Худоро аз барои баракатҳои Ӯ меҷӯянд, на аз барои он ки Ӯро шиносанд. Одамон аз Худо ба сӯи худ рӯй гардонида, дар дилҳои худ гумроҳ мешаванд. Шояд, онҳо бо масеҳиён инкишоф додани муносибатҳои дӯстона ва сохтани мақом ва мавқеи худро дар Калисо давом медиҳанд, лекин дигар ба Он Шахсе, ки ҳаёт медиҳад, кӯшиш намекунанд.

Ҳангоме ки мо Худоро аз барои фоида ва баракатҳо ҷуста истода, вақтро на аз барои муносибатҳои наздик бо Ӯ мегузаронем, мо осон гумроҳ мешавем. Биёед ростқавл мешавем: мо худро аз барои он таъриф мекунем, ки вақтро дар дуохонӣ мегузаронем, аммо, агар мо ба ин аз нуқтаи назари Ӯ нигоҳ мекардем, мо мефаҳмидем, ки кӯшиш карда истодаем, ки Ӯро истифода барем. Мо дар вақти мӯҳтоҷӣ Худоро то сарчашмаи кӯмак поён мефарорем. Вале Ӯ моро чунон сахт дӯст медорад, ки ба ин дурӯғ вогузор намекунад.

Ва Ӯ барои мо он корҳоеро мекунад, ки ба мардуми зиёде, ки Исоро меҷустанд, карда буд:

> “Фардои он, мардуме, ки дар он тарафи баҳр истода буданд, диданд, ки... Исо ва шогирдонаш дар он ҷо нестанд, онҳо низ ба қаиқҳо савор шуда, ба ҷустуҷӯи Исо ба Кафарнаҳум омаданд. Ва Ӯро дар он тарафи баҳр ёфта, ба Ӯ гуфтанд: “Эй устод! Кай ба ин ҷо омадӣ?” Исо дар ҷавоби онҳо гуфт:

> "Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Маро на ба сабаби мӯъҷизоте, ки дидед, балки ба он сабаб ҷустуҷӯ мекунед, ки нон хӯрда сер шудед"" (Юҳанно 6:22-26).

Исо ниятҳои аслии амалҳои моро медонад. Вақте ки мардуми зиёд Ӯро ҷустуҷӯ карда омаданд, Ӯ фаҳмид, ки онҳо бисёртар ба дигар баракатҳо (хӯроки бепул) иштиёқманд буданд, нисбат ба он ки мӯъҷиза ва аломотро бубинанд ва бифаҳманд. Аломот роҳнамоӣ мекунад ё маълумот медиҳад; он ба худаш ишора намекунад. Исо медонист, ки ин мардуми зиёд аз қафои Ӯ ба хотири аломот, ки Ӯро зоҳир мекард, нарафтанд, балки бо он мақсад, ки шиками худро сер кунанд.

Шумо шиносе доред, ки ба шумо танҳо он вақт занг мезанад, ки ба чизе мӯҳтоҷ аст ё аз шумо чизе гирифтан мехоҳад? Ё, боз ҳам бадтараш, оё шумо боре бо одаме, ки, гӯё, дӯсти шумо шудан мехост, аммо, чуноне ки баъдтар маълум шуд, ҳамту мехост аз шумо чизе ба мисли нуфуз, пул ё арзишҳои моддӣ бигирад, муносибат кардаед? Ин одам нисбат ба шумо аз сидқи дил ғамхорӣ ё муҳаббати самимона надошт; ҳамту дар муддати якчанд вақт шумо ба мақсадҳои вай хизмат кардед. Бо чунин тарз истифода шудан дарднок аст!

Ин муносибати худпарастона ба ҷамъияти мо ворид гашт, ва инчунин ба Бадани Масеҳ. Бисёриҳо дар Калисо қаноатманд нестанд; муҳаббати онҳо ба Масеҳ сард гаштааст. Онҳо ба Худованд аз барои манфиатҳои шахсӣ хизмат мекунанд, на аз барои муҳаббати оташин нисбат ба Ӯ. Барои ҳамин ҳам, то он даме ки Худо хоҳиши онҳоро иҷро мекунад, онҳо хушбахтанд ва аз Ӯ илҳом мегиранд. Аммо вақте ки душвориҳо меоянд, ва ҳаёт мушкил мешавад, нияти аслии онҳо зоҳир мешавад.

Ҳар дафъае, ки одам диққаташро ба худаш ҷалб мекунад, шикоят ногузир мешавад. Чаро? Чунки, охири охирон, ҳамаи мо бо муаммоҳо ва мушкилиҳо дучор мешавем. Ва вақте ки ин рӯй медиҳад,

шиква сар мешавад, ки аз худпарастӣ сар задааст. Ҳар қадаре ки мушкилиҳо давом мекунанд, шиква ҳамон қадаре давом мекунад. Мо инро дар ҳаёти исроилиён мебинем. Вақте ки Худованд онҳоро аз даҳшати ғуломии мисриён дар зери ҳукми Фиръавн озод кард, мардум хурсандӣ карданд:

> “Ва Марями набия, хоҳари Ҳорун, дафро ба дасти худ гирифт, ва ҳамаи занон аз қафои вай дафзанон ва рақскунон берун омаданд. Ва Марям сурудхонон ба онҳо гуфт: “Барои Худованд бисароед, зеро ки Ӯ азимулмартаба аст, асп ва савори онро дар баҳр вожгун сохт ““(Хуруҷ 15:20-21).

Хурсандии исроилиён ҳадду канор надошт. Онҳо аз бузургӣ, қувваи мӯъҷизаовар ва марҳамати Худо дар ҳайрат монда буданд, ки Ӯ онҳоро аз талафкунандагон озод намуд. Аммо ҳамагӣ пас аз се рӯз, вақте ки онҳо ба назди оби талхи биёбони Шур омаданд, шикоят сар шуд: “Чӣ бинӯшем?” (Хуруҷ 15:24). Шикояти онҳо бемазмун буд. Наход он Худое, ки ба қарибӣ баҳри Сурхро ду тақсим карда буд, наметавонист ба онҳо об барои нӯшидан бидиҳад? Наход Мӯсо айни ҳамон пешвои қаҳрамон набуд, ки се рӯз пеш буд?

Худо дар ҳақиқат оби талхро ширин гардонид. Лекин хотирот дар бораи ин мӯъҷиза низ зуд хомӯш шуд. Пас аз чанд рӯзҳо мардум шикоят карданро давом медоданд, ин дафъа бошад дар бораи хӯрок. Онҳо шикоят мекарданд: “Ҳаёти мо то он даме, ки Худо моро озод намуд, беҳтар буд”. Дар ҳақиқат? Наход ки хишт сохтан ва зарбаи қамчини назоратчиёнро дар тахтапушт эҳсос кардан беҳтар буд?

> “Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил дар биёбон аз Мӯсо ва Ҳорун шикоят карданд, ва банӣ-Исроил ба онҳо гуфтанд: “Кошки аз дасти Худованд дар замини Миср мемурдем, вақте ки назди деги гӯшт менишастем ва серона нон мехӯрдем!

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #4 Нақшаҳои худро аниқ бикунед

Дар давоми азсаргузарониҳои биёбони пештараам ба ман хеле душвор буд, ки муносибати мусбиро нигоҳ дорам, зеро чунин ба назар мерасид, ки ҳеҷ чиз тағйир намеёбад. Дар асл, маро на он қадар интизорӣ, балки он дарде, ки дар вақти интизорӣ мекашидам, ба ташвиш меовард. Ман аз як ҳолати аламовар, ки ба назарам барои амалӣ кардани орзуи аз тарафи Худо додашудаи ман оиди хидматгузории воизи сайёр монеагӣ мекард, хамту хаста шуда будам. Худованд ба ман гуфт, ки Вай ин биёбонро истифода бурд, то ки маро пок гардонад. Вале боре, вақте ки ман боз аз Худо илтиҷо кардам, то фаҳмонида диҳад, ки чаро ин роҳи биёбон бисёр дурудароз давом кард, Худованд ба ман ёдрас кард: "Ман дидан мехоҳам, ки оё ту ба Ман хизмат мекунӣ ё ба орзуи худ".

Ин дар ҳақиқат диққати маро ҷалб намуд! Ман бояд бисёртар фикр мекардам ва дуо мехондам, то бифаҳмам, ки оё ман орзуи деринаи худ – ба тамоми ҷаҳон башорат додани Хушхабарро иҷро кардан мехоҳам, ё ки ман мақсади боз ҳам беҳтарро, яъне ба Худо боитоатона бовар кардан ва интизор шуданро дорам, ки кай Ӯ ба ҳаёти ман сухан меронад ва ҳаракат мекунад. Танҳо он гоҳ хоҳишҳои ман бо хоҳишҳои Ӯ рост меоянд.

Барои ҳамин ҳам, маслиҳати ман ин аст: нагузоред, ки он орзуи аҷиб, ки Худо ба шумо дод, нисбат ба ҳаёт дар ҳузури Худо ва иҷрои хоҳишҳои Падари худ барои шумо муҳимтар шавад.

Зеро ки моро ба ин биёбон берун овардед, то ки тамоми ин ҷамоатро аз гуруснагӣ бикушед”” (Хуруҷ 16:2-3).

Дар вақтҳои душвор, хушкӣ, вақте ки шикоят сар мешавад, он одатан ба пешвоён, аъзои оила, дӯстон, душманон, ва ҳатто ба ҳокимият равона карда шудааст. Бисёре аз мо (аз тарс) ҳеҷ гоҳ ҷуръат намекунад, ки бигӯяд: “Худо сарчашмаи бадбахтиҳои мо аст”. Айни ҳамон тавр, исроилиён ба Мӯсо ва Ҳорун шикоят мекарданд, аммо, бе шубҳа, дар асл онҳо фикр мекарданд: *“Худованд моро* фиреб дод*!”* Мӯсо инро мефаҳмид ва ошкоро ба онҳо гуфт: “Шикоятҳои шумо на аз мо, балки аз Худованд аст” (Хуруҷ 16:8).

Биёбон нияти дили моро ошкор мекунад; он нишон медиҳад, ки оё онҳо худпарастонаанд ё фидокорона. Аз Рӯҳулқудс хоҳиш кунед, то ба шумо нишон бидиҳад, ки дар асл дар дили шумо чӣ рӯй дода истодааст ва чӣ шуморо ба ҳаракат дароварда истодааст. Кадом муносибатҳо ва кадом рафтор шуморо дар ғуломӣ дар “Миср”-и шумо нигоҳ дошта, шуморо маҷбур карда истодааст, ки дар биёбони худ шикоят кунед? Барои дар оянда комёб шудан, бисёр муҳим аст, ки барои ислоҳи пурмуҳаббати Ӯ ростқавл ва кушодадил бошем.

Хабари хуш барои ҳамаи мо дар он аст, ки ҳеҷ чиз моро аз он боздошта наметавонад, то ки тавба бикунем ва ҳолати дили худро тағйир бидиҳем. Дар як лаҳза мо метавонем шикоятро бас кунем ва ҷустани муносибатро бо Худо сар кунем, ба ҷои он ки кӯшиш кунем, ки Ӯро фақат ҳамчун сарчашма истифода барем.

Инак, Худо ба хотири муҳаббаташ ба мо метавонад моро ба биёбон барад.

## Худо бештар аз формула аст

Мақсади исроилиён Худо набуд, ва аз ҳамин сабаб онҳо натавонистанд роҳҳои Ӯро бифаҳманд. Онҳо аз корҳои бузурги Ӯ

илҳом мегирифтанд, лекин, вақте ки қувваи фавқултабиии Худо зоҳир намегашт, онҳо аз Ӯ мерафтанд. Вақте ки Мӯсо дар кӯҳ буд, онҳо аз Худо рӯй гардониданд ва ба бозӣ кардан сар карданд. Онҳо танҳо аз фоидаи наҷот қаноатманд мешуданд. Онҳо кӯшиши ба Худо наздик шудан ва Ӯро бештар донистанро надоштанд.

Боре дар биёбон Худо ба Мӯсо амр фармуд, ки ба поён фарояд ва ба мардум бигӯяд, ки онҳо худро муқаддас гардонанд, чунки Ӯ ба кӯҳи Сино омаданӣ аст, то ки бо онҳо инчунон сухан гӯяд, ки то ин дам бо Мӯсо сухан мегуфт. Аммо вақте ки ин рӯз фаро расид, ва Худованд дар ҷалоли боқудрат ва зуҳуроти бузургии Худ зоҳир шуд, мардум натавонисанд ба ин тоб оранд:

> “Ва чун тамоми қавм раъдҳо, ва забонаҳои оташ, ва садои шох, ва кӯҳи пур аз дудро диданд ва шуниданд, паснокӣ рафтанд, ва аз дур истоданд. Ва ба Мӯсо гуфтанд: “Ту бо мо сухан бигӯ, ва мо хоҳем шунид, вале Худо бо мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем”” (Хуруҷ 20:18-19).

Онҳо бе муносибати байниҳамдигарӣ бо Худо боз хоҳишҳои худпарастонаи аз Ӯ фоида гирифтани худро нишон дода, аз Мӯсо илтиҷо мекарданд: “Ту бо Худо ба ҷои мо сухан бигӯй ва он чиро, ки Ӯ мегӯяд, ба мо бигӯй, ва мо онро иҷро мекунем”. Шояд, онҳо ниятҳои нек доштанд – онҳо мехостанд Каломи Худоро ҳифз кунанд; аммо бе муносибати наздик бо Ӯ, онҳо натавонистанд пурра Ӯро пайравӣ намоянд.

Исроилиён мехостанд ба ҷои муносибатҳо ба масъалаҳои худ ҷавобҳо пайдо бикунанд, ва дар ҷавоб Худо ба онҳо Даҳ Аҳком дод. Аммо ин ҳам масъаларо ҳал накард. Бо ҳар як насли нав одамон исбот менамуданд, ки қобилияти пайравӣ кардани ин аҳкомҳоро надоранд.

Дар бораи насли имрӯза чӣ гуфтан мумкин аст? Чӣ қадаре аз мо, бо беҳтарин ниятҳо, кӯшиш мекунанд, ки роҳҳои Худоро ҳифз

намоянд? Мо ваъдаҳо медиҳем ва онҳоро иҷро намекунем, то он даме, ки он қадар пурзаҳмат нашавем, ки овози худро базӯр дар дуо бардошта тавонем. Мо метавонем шунидани кадом-як шубонро, шавҳари худро, зани худро ё блогери дӯстдоштаи худро бо умеди он ки бо ягон тарз метавонем ҷустуҷӯи онҳоро, ки нисбати Худо карданд, аз они худ гардонем ва муносибати худро бо Ӯ беҳтар намоем, сар кунем. Мисли исроилиён, мо муносибати зинда ва шахсиро бо Худо надошта, кӯшиш менамоем, ки Каломи Худо - аҳкоми Ӯро ҳифз намоем. Исо дар Юҳанно 14:21 мегӯяд: “Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки Маро дӯст медорад; ва ҳар кӣ Маро дӯст дорад, Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва Ман вайро дӯст хоҳам дошт ва Худро ба вай зоҳир хоҳам сохт”.

Ман ин оятро хонда, фикр мекардам, ки Худованд инро дар назар дорад: “Ҷон, агар ту аҳкоми Маро риоят намоӣ, ту исбот мекунӣ, ки Маро дӯст медорӣ”. Вале боре Худованд ба ман гуфт, ки боз як бор ин оятро бихонам. Вақте ки ман хондам, Ӯ гуфт: “Ту то ҳол намефаҳмӣ, ки Ман чиро дар назар дорам; ин оятро боз як бори дигар бихон”. *“Хуб, Худованд”.* Чунин давом кард, то даме, ки ман ин оятро нӯҳ ё даҳ бор нахондам.

Ниҳоят, ман нидо кардам: “Худованд, бедонишии маро бубахш, ба ман нишон бидеҳ, ки Ту чиро дар назар дорӣ!”

> “Ҷон, Ман намегӯям, ки аҳкоми Маро ҳифз намуда истода, ту ба Ман исбот менамоӣ, ки Маро дӯст медорӣ” - гуфт Ӯ. – “Ман аллакай медонам, ки ту Маро дӯст медорӣ ё не! Ман дар назар дорам, ки агар одам ба Ман беҳад сахт ошиқ бошад, вай қобилият пайдо мекунад, ки аҳкоми Маро ҳифз намояд!”

Ман фаҳмидам! Ин муносибати байниҳамдигарӣ аст, на ин ки қонун. Ман ба ин ҳамчун ба аҳком – қонун нигоҳ кардам, аммо Ӯ ба ман аҳамияти муносибати байниҳамдигариро зоҳир кард.

- Худо наметавонад ба воситаи қоидаҳо ва дастурҳо шинохта шавад.
- Худо наметавонад дар тарзу усулҳо ёфт шавад.
- Худои Қудс ва Тавоно наметавонад то ба дараҷаи формула поён фароварда шавад.

Лекин бисёре аз мо дар бораи Худованд маҳз чунин фикр мекунанд. Мо муносибат бо Худоро ба қонунҳо ва формулаҳо ба монанди, ҳафт қадам ба ҳаёти хушбахтона, чор қадам ба наҷот, панҷ тарафи муносибатҳои байниҳамдигарии комёб ё тарзи санҷидашудаи дуои мустаҷобшуда иваз мекунем. Мо тасаввур мекунем, ки бо кадом тарзе Худо дар қуттии ваъдаҳо, ки онҳоро ҳар боре аз рӯи зарурат кашида баровардан мумкин аст, маҳдуд мебошад. Агар одамон ба Худо бо чунин тарз наздик мешуда бошанд, оё ҳайрон шудан меарзад, ки онҳо барои мағлуб кардани гуноҳ қобилият надоранд?

Худо формулаи навинтарини худтакмилдиҳӣ намебошад. Ӯ Худои Зинда аст, ки дар фарзандони Худ – дар шумо ва дар ман зиндагӣ мекунад. Ӯ моро донистан мехоҳад ва дар тамоми ҳаёти мо ва дар тамоми корҳои мо ҷалб шудан мехоҳад! Мақсади Ӯ – ин муносибати самимона. Дар майлу рағбати одамӣ роҳ додан, то ки муҳаббати мо сард гардад, шумо фаҳмида метавонед, ки чаро Исо гуфт:

> “Аммо иддаое бар ту дорам, ки муҳаббати аввалини худро тарк кардаӣ. Пас ба ёд ор, ки аз куҷо афтодаӣ, ва тавба кун ва аъмоли пештараро ба ҷо овар; вагар на, ба зудӣ ба назди ту меоям ва чароғдонатро аз ҷояш меҷунбонам, агар тавба накунӣ” (Ваҳй 2:4-5).

Бар хилофи исроилиёни дигар, Мӯсо бо он қаноат намекард, ки ба Худо аз дур саҷда кунад. Вақте ки вай зоҳиршавии ҳузури Худоро дид, ӯ ба қафо нарафт. Вай ба пеш рафт. Дар Хуруҷ 20:21

навишта шудааст: "Ва қавм аз дур истоданд, ва Мӯсо сӯи меғ, ки Худо дар он ҷо буд, наздик омад". Новобаста ба он ки Мӯсо нуфуз ва қудрат дошт, пешвои халқе буд, ки аз се миллион нафар иборат буд, ва одаме буд, ки дар мӯъҷизаҳои аз ҳама ҳайратангези Аҳди Қадим иштирок карда буд, ӯ медонист, ки ин чизҳо худ ба худ наметавонанд вайро қонеъ гардонанд. Дуои вайро, ки ӯ баъди аз сар гузаронидани ҳамаи ин мӯъҷизаҳо ва аломотҳо гуфт, хонед:

> "Ва алҳол, агар ман манзури Ту шуда бошам, лутфан, роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам ва манзури назари Ту гардам... агар худат наоӣ, моро аз ин ҷо набар... ҷалоли Худро ба ман бинамой" (Хуруҷ 33:13-18).

Худо ба Мӯсо таклифи ҷолиб кард. Дар байни биёбони пуразоб Худо ба ӯ амр дод, ки исроилиёнро гирифта, онҳоро ба Замини ваъдашуда бубарад. Ӯ ҳатто пешниҳод кард, ки бо онҳо фариштаи пурқудрат, ки онҳоро ба он ҷо бо муваффақият бурда мерасонд, фиристода шавад. Ӯ ба Мӯсо хотиррасон кард, ки то чи андоза ин замин хуб аст – ҷое, ки дар он ширу асал ҷорист, аз манзараҳои зебо, чарогоҳҳо ва боғҳо пур аст. Лекин Худо гуфт, ки Худи Ӯ бо онҳо намеравад. Ҳамон лаҳза ки Мӯсо инро шунид, вай пешниҳоди саховатмандонаи Худоро рад кард. Моҳиятан, ӯ эълон кард: "Ман беҳтараш ҳузури Туро интихоб мекунам, нисбат ба он ки бе ҳузури Ту бо ваъдаҳои Ту бимонам". Боварӣ дорам, ки ба Худо писанд буд, ки Мӯсо он қадар ташнаи Ӯ буд.

Мӯсо боз ҳам зиёдтарро мехост; барои ҳамин ҳам, ӯ далерона дуо кард: "Роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам" (Хуруҷ 33:13). Барои шинохтани Худо мо бояд роҳҳои Ӯро бишносем! Вай роҳҳои Худро ба онҳое зоҳир менамояд, ки дили Ӯро меҷӯянд, на танҳо қувват ва таъминотро. Одамоне, ки дили Ӯро медонанд, дар қуввати Ӯ роҳ хоҳанд гашт: "...қавме, ки Худои худро мешиносанд, қавӣ шуда, амал хоҳанд кард" (Дониёл 11:32).

Вақте ки ман нав ба хизматгузорӣ дохил шуда будам, қариб ҳар саҳарӣ ман дар дуо аз як то ду соат вақтро мегузаронидам. Дуоҳои ман тахминан чунин буданд: "Худо, маро истифода бубар, то ки одамонро наҷот бидиҳам, беморонро шифо бубахшам ва девонро биронам". Ман айни ҳамон чизро бо суханони гуногун хоҳиш карда истода, дуо хонданро давом медодам. Ман ба Худо оиди хизматгузории бонуфуз нидо карда истода, худро бисёр фидокор эҳсос мекардам.

Лекин боре Худованд ба ман сухан кард: "Писарам, дуоҳои ту худпарастона ҳастанд ва ба мақсад намерасанд". Ман аз суханони Ӯ дар ғафлат монда будам.

> "Чӣ туро ба хоҳиши ҳамаи ин корҳоро кардан водор мекунад?" – пурсид Ӯ. – Ман доимо аз ту мешунавам: "Маро истифода бубар..." Дар маркази дуои ту худи ту ҳастӣ. Ман туро на барои он офаридаам, ки ту ҷонҳоро ба даст биёрӣ, девҳоро биронӣ ва беморонро шифо бидиҳӣ. Ман туро барои муносибати наздик офаридам; ва ин аст мақсади ту".

Ин маро ба ҳайрат овард. Он гоҳ Ӯ ба ман чизе гуфт, ки ман ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорам: *"Яҳудо ба исми Исо одамонро озод мекард ва шифо медод!"* Дар ҳақиқат, вақте ки Исо он дувоздаҳро фиристод, Ӯ ҳамаи онҳоро фиристод, Яҳудоро ҳам – ҳамонро, ки баъдтар Ӯро таслим кард. Ман ба чизҳои нодуруст диққат медодам. Мақсади Худо барои мо – мукофоти осмонии Ӯ шинохтани Исои Масеҳ мебошад (Филиппиён 3:10).

Пас аз якчанд сол Лиза, ба ҷамъомад тайёрӣ дида истода, тахминан дар барои ҳамон чиз дуо мекард. Дар ҳамон рӯз вай бо Худо сӯҳбат дошт. Ӯ ба вай гуфт: "Лиза, Ман одамонро истифода намебарам; Ман онҳоро тадҳин мекунам, онҳоро шифо медиҳам, онҳоро тағйир медиҳам, онҳоро ба сурат ва шабоҳати Худ монанд мегардонам, вале Ман онҳоро истифода намебарам. Ӯ пурсишро давом дод: "Лиза, касе аз дӯстони ту ягон бор туро истифода бурдааст?"

“Ҳа”, - ҷавоб дод вай.

“Чӣ тавр ту худро ҳис кардӣ?” – пурсид Худованд.

“Ман эҳсос кардам ки ба ман хиёнат карданд!”

Худованд давом дод: “Бисёр хизматгузорон ба Ман танҳо бо он мақсад нидо мекарданд, ки Ман онҳоро истифода барам: “Маро истифода бубар, то ки шифо бидиҳам, то ки нуфуз дошта бошам, то ки наҷот бидиҳам”. Ман бо умеди он ки дилҳои онҳоро ба даст биёрам, ба онҳо ҷавоб медодам, лекин онҳо хеле зиёд ба хизматгузорӣ андармон буданд.

Онҳо худро заҳмат намедоданд, то ки роҳҳои Маро таълим бигиранд, ва, ҳамчун натиҷа, бахшоишеро, ки ман ба онҳо додам, истифода бурданд, то ки империяи худашонро бисозанд. Вақте ки мушкилиҳо сар заданд, онҳо ба сӯи Ман нидо карданд, вале вақте ки ман ба дуоҳои онҳо дар ҳамон вақт ва ба ҳамон тарзе, ки онҳо мехостанд, ҷавоб нагардондам, онҳо ранҷиданд. Онҳо худро истифодашуда эҳсос карданд ва аз Ман дар ғазаб шуданд. Онҳо афтоданд, чунки Маро намешинохтанд”.

Шумо дар бораи он зане, ки танҳо як кӯшиш дорад, яъне аз шавҳари худ фарзанддор шудан мехоҳад, вале шавқманди он нест, ки ӯро аз наздиктар шиносад, чӣ фикр мекардед? Вай ба зери пой-ҳои ӯ меафтад ва нидо мекунад: “Оҳ шавҳари ман, маро истифода бубар, то ки ман ба ту фарзандон таваллуд бикунам! Илтимос, ба ман фарзандон бидеҳ, вагарна ман мемирам!” Ҳамчун сафсата садо медиҳад, лекин мо ба Худо нидо карда, айни ҳамон корро мекунем, то ки Ӯ моро “барои наҷоти одамон истифода бубарад”, дар ҳоле, ки мо худамон бо Ӯ муносибатҳои ҷиддӣ надорем. Вақте ки мо бо Худо наздик ҳастем, фарзандон таваллуд мешаванд, ба монанди он ки ҳангоми ба шавҳари худ наздик шудани зан чунин мешавад.

Пас, ҷустуҷӯҳо ва кӯшишҳои исроилиён нодуруст буданд. Онҳо он чиро, ки офарида шудааст меҷустанд, на Офаридгорро. Ва мо медонем, ки чӣ рӯй дод. Ба ҷои он ки биёбон ҷои омодашавии онҳо

гардад, то онҳо барои ҳалли мушкилиҳое, ки дар пеш истодаанд, ҳикмат ва қувват пайдо кунанд, он ба замини ботил мубаддал гашт, ки дар натиҷа тамоми наслро фурӯ бурд. Чӣ хел бохти бузург! Охир Замини ваъдашуда хеле наздик буд-ку!

Чӣ гуна дарсе аст барои мо! Мо бояд бо омодагӣ дар ин роҳи рафоқати шарафнок биёбони худро қабул кунем.

5

# ШАРОБИ НАВ

*“Бигзор мо барои шароби нави Ту, ки ҳама чизро нав мекунад, зарфҳо бишавем”.*

**– Ефрем Сирин**

*“Аммо вақоеи пешинаро ба хотир наоваред, ва ба мӯъҷизоти қадимӣ диққат надиҳед. Инак, Ман чизи наве месозам, ки он алҳол ба зуҳур меояд. Магар аз он воқиф нестед? Ба яқин, роҳе дар бодия, ва наҳрҳо дар биёбон ба вуҷуд хоҳам овард”.*

**– Ишаъё 43:18-19**

Барои Худоро аз наздик шинохтан, мо бояд бо омодагӣ дигаргуниҳоро қабул бикунем. Ва барои дигаргуниҳо аз биёбон дида ҷои беҳтаре нест. Дар ин ҷо, дар ҷое, ки бесамар ва фаромӯшшуда намуданаш мумкин аст, мо бараъло нафаси тозаи Рӯҳи Ӯро эҳсос мекунем.

Бисёриҳо чунин савол медиҳанд: *“Барои чӣ зарур аст, ки аз вақтҳои душвор ва хушкӣ гузарем, то ки дигаргуниҳоро аз сар гузаронем?”* Дар ин боб мо кӯшиш мекунем, ки ҷавобро пешниҳод намоем.

Пас аз якчанд вақт баъд аз он, ки ман биёбони душворро тайи ҳаждаҳ моҳ гузаштам, ман роҳбари хизматгузории ҷавонон дар як Калисо дар иёлати Флорида (ин якчанд сол пеш буд!) таъин шуда будам. Дар он вақт, ин калисо яке аз калисоҳои зудафзоянда дар Иёлоти Муттаҳида буд, ва ман ба худ каме боварӣ надоштам, чунки ман таҷрибаи шубони ҷавононро надоштам. Аммо ман медонистам, ки Худо маро фиристод, ва, агар ман бо ҷидду ҷаҳд Ӯро биҷӯям, ҳамааш хуб мешавад.

Ин хизматгузории ҷавонон аз рӯи намунаи анъанавӣ сохта шуда буд, ки мутобиқи он ҷавонон ба ҳар гуна машғулиятҳои шавқовар ҷалб карда шуда буданд. Афсӯс, ки бисёре аз ин ҷавонон рӯҳан ба камол нарасиданд. Бисёриҳо ҳаёти фориғболонаро ба сар мебурданд. Ин хизматгузориро ба зимма гирифта, ман эҳсос кардам, ки Рӯҳулқудс ба ман гуфт: “Ту бояд дар бораи тавба, покӣ,

итоаткорӣ ва қудрат мавъиза бикунӣ". Ман дарин бора мавъиза ва таълим доданро оғоз кардам, ва дар аввали хизматгузорӣ дигаргуниҳои ногаҳонӣ сар шуданд.

Натиҷаҳо аҷоиб буданд. Гурӯҳи ҷавонон ҳамагӣ дар якчанд моҳ се маротиба зиёд шуд. Бисёр ҷавононе, ки аъзои гурӯҳҳои авбошӣ, дину бидъатҳо ё ҳамту аз Худо дур буданд, Исоро қабул мекарданд. Имони бисёр ҷавононе, ки аз Худо дур шуда буданд, аз нав фурӯзон шуд. Ҳамаи мо аз ҳузури саршори Худо ҳаловат мебурдем ва боз ҳам зиёд дар муҳаббат ба Ӯ калон мешудем. Худо боқудратона моро ва кӯшишҳои моро баракат медод.

Аз биёбони якуми худ дар Даллас баромада, ман чунин мешуморидам, ки мавсими биёбон дар ҳаёти ман қатъиятан ба охир расид. Ман аллакай дар даъвати худ будам ва Хушхабарро мавъиза мекардам. Ман фикр мекардам, ки агар Исо биёбонро як бор гузашта бошад, бо ман ҳам чунин мешавад. Чӣ хел ман хато мекардам! Ба ман боз ҳам лозим буд, ки пок бишавам ва устувор бигардам, ва инчунин оиди мавсими биёбон бисёртар бифаҳмам. Ва дар муқоиса бо биёбони оянда, ки ман ба он афтодам, ҳаждаҳ моҳи гузашта ба бозии бачагона монанд буданд.

Рӯҳулқудс ба дастаи пешвоёни мо бисёр фикрҳои навоваронаро медод. Ин ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки шароби нав аз осмон дода мешавад, вақте ки мо пас аз мавсими омодашавии биёбон "аз ҷониби Худо фиристода шудаем". Ӯ ба мо нишон медиҳад, ки чӣ тавр самаранок ва сермаҳсул бошем, ба монанди Мӯсо, Довуд, Юсуф ва дигарон.

Он афзоише, ки хизматгузории ҷавонони мо аз сар гузаронид, дар ҳақиқат фавқултабиӣ буд. Лекин дар ҳамаи ин комёбиҳо, ман бори сахтеро эҳсос мекардам, ки на танҳо ба калисои маҳаллии мо дахл дошт. Ман ҳис мекардам, ки бояд ҷавононро дар тамоми Флоридаи Марказӣ ба даст орем. Пас, дар дуо дар ман фикри нав тавлид шуд: "Чӣ мешавад, агар хизматгузории ҷавононро тариқи телевизион пахш кунем?" Дар он вақт, - дар миёнаҳои 1980-ум, - ин

роҳи беҳтарини дастрас кардани одамон буд. Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, «YouTube», смартфонҳо – қисса кӯтоҳ, ҳеҷ чиз набуд. Ман фаҳмидам, ки яке аз телевизионҳои маҳаллии боқудрат чил миллион тамошобини худро дошт. Аҷоиб, лекин ин телевизион дар бегоҳии рӯзи шанбе, соати 22:00, барои пахши барнома вақти озод дошт. Ман медонистам, ки ин вақти хуб барои "сайд" кардани ҷавонон аст.

Ман ин фикрро ба шубони калонамон пешниҳод кардам, лекин вай гуфт, ки мо барои ин маблағ надорем. Ман аз ӯ пурсидам, оё ман метавонам ҷавонони худамонро барои ҷамъ намудани маблағ барои маблағгузории барномаи телевизионӣ даъват намоям. Вай иҷозати худро дод, ва ман бо рӯъё оиди он, ки чӣ тавр мо метавонем ҷавононро, ки аз нашъамандӣ, майнӯшӣ азият мекашиданд ё дигар мушкилиҳо доштанд, дар тамоми Флоридаи Марказӣ дастрас кунем, шинос гардонидам. Бачаҳо аз хизматгузории ҷавонон ин рӯъёро пай бурданд ва кафил шуданд, ки инро аз савдои худ аз кори рӯзноматақсимкунӣ ё фурӯшандагӣ дар нуқтаҳои хӯрокҳои зудтайёршаванда ва дар мағозаҳо маблағгузорӣ мекунанд. Дар натиҷа мо маблағи кофӣ ҷамъ намудем, то ки аз тариқи телевизион ҳар ҳафта, ҳар бегоҳии рӯзи шанбе, пахш гардем.

Шубони калони мо дар ҳайрат монда буд; вай фаҳмид, ки ин аз тарафи Худо буд. Ин натиҷаи шароби нав буд, охир то ин дам ҳеҷ кас дар бораи хизматгузории ҷавонони калисо нашунида буд, ки дар телевизион бегоҳии рӯзи шанбе, соати 22:00, пахш мегардид.
Аммо ин кор дод. Ба зудӣ мо ҳосили фаровони ҷонҳоеро дидем, ки агар мо "шароби нав"-ро қабул намекардем, Хушхабарро намешуниданд. Аллакай пас аз он, ки ман хизматгузории усқуфи ҷавононро гузоштам, дар тӯли солҳои зиёд ман шаҳодатҳоро дар бораи дигар шудани ҳаёти биёр шахсон ба воситаи ин барномаи телевизионӣ, ки мо "Ҷавонони оташин" ном гузошта будем, мешунидам.

## Тағйирот ин хуб аст

Ба қарибӣ мо ба хизматгузории ҷавонон бармегардем. Лекин аввал, дар бораи он сухан меронем, ки шароби нав чист, ва барои чӣ он муҳим аст.

Тағйироте, ки Худо моро ба он водор мекунад, бисёр вақт осон намешавад, лекин ҳама вақт хуб ва босамар мебошад. Бисёри вақт мо ба тағйиротҳо зиддият нишон медиҳем, чунки онҳо ба сатҳи бароҳатии мо таъсир мерасонанд. Гуфтан мумкин аст, ки мо одатҳои худро дорем. Ҳамон лаҳза ки онҳо ташаккул меёбанд, онҳоро тағйир додан бисёр ноқулай аст. Аммо барои боз ҳам самараноктар шудан дар бунёд кардани подшоҳии Ӯ, мо бояд барои тағйиротҳо кушода бошем.

Агар мо дар оилаи порсо ба воя расида бошем, одатҳои мо, усулҳо ва анъанаҳо, ки бо имон вобастаанд, аз хурдсолӣ ташаккул ёфтаанд ва дар мо чуқур реша давонидаанд. Албатта, на ҳамаи анъанаҳо нодурустанд, вале вақте ки одамон танҳо аз рӯи анъанаҳо амал мекунанд, на аз дил, он гоҳ ифодаи имон аз корҳои беҷон иборат буда метавонанд.

Дар асл, чунин корҳо ҳатто метавонанд ба қалъаи рӯҳонӣ табдил ёбанд. Одаме, ки то ҳолати диндорӣ паст фаромадааст, намуди зоҳирии порсоиро дошта, ба он ки Худо дар гузашта чӣ кор мекард, такя мекунад, аммо ба он чизе, ки Ӯ ҳозир карда истодааст, муқобилат нишон медиҳад.

Фарисиён ва дигар пешвоёни дини замони Исо маҳз чунин буданд. Онҳо бо он мефахриданд, ки фарзандони Иброҳим, писарони аҳд ва шогирдони Мӯсо буданд. Ба он чизҳое, ки Худо кард, такя карда, онҳо ба Писари Худо, ки дар байни онҳо истода буд, муқобилат нишон доданд. Онҳо нисбати анъанаҳо ва тарзи парастиш рашкин буданд, ва аз ҳамин сабаб, вақте ки Писари Худо омада, ба ҳар як соҳаи бароҳат ва устувори онҳо даъво намуд, онҳо ба Ӯ муқобилият карданд. Исо аниқ ба онҳо нишон дод, ки Худо ба

шартҳои онҳо мутобиқ шудани набуд... балки онҳо бояд ба шартҳои Ӯ мутобиқ мешуданд. Онҳо бошанд ба ин дигаргуниҳо муқобилат нишон доданд ва анъанаҳои худро маҳкам доштанд.

Шахсе, ки танҳо диндор асту бас, метавонад дар худ муносибати баландпояро ташаккул диҳад, - "Худо танҳо ба воситаи мо ва дар чаҳорчӯбаи мо амал хоҳад кард". Чунин муносибат ба хурофот меоварад, ва, дар охир, агар онро бознадорем, ба нафрат ва хиёнат оварда мерасонад. Маҳз ҳамин чиз дар замони Исо рӯй дод, ва дар тӯли тамоми таърихи Калисо рӯй медод.

Барои он ки мо тағйир ёбем ва аз як сатҳи имон ба сатҳи дигари он гузарем, мо бояд тайёр бошем, ки доираи ҳузуру ҳаловати худро тарк кунем ва бо он роҳе, ки Рӯҳи Худо моро мебарад, биравем. Ин роҳ бисёр вақт моро ба воситаи биёбон мебарад, ки дар он Худо ба ҳаёти нав оғоз мебахшад.

Мо ин пайдарҳамиро дар ҳаёти Яҳёи Таъмиддиҳанда аниқу равшан дида метавонем. Падари вай коҳин ва дар вақташ ҳатто саркоҳин буд. Яҳё мисли падараш бояд коҳин мешуд. Вай бояд ба мактаб дар Ерусалим дохил мешуд ва таҳти роҳбарии муаллими машҳур Ҷамлиил коҳин мешуд. Вале боре Рӯҳи Худованд Яҳёро ба биёбон даъват карданро сар кард. Чӣ қадаре ки Яҳё бисёртар дуо мекард, ҳамон қадар зиёдтар вай майлу хоҳиши ботиниро барои ба биёбон рафтан эҳсос мекард. Ман боварӣ дорам, ки дар ботини ӯ низоъ ба вуқӯъ омад, ва шояд, вай чунин фикрҳоро дошт:

*"Ҳамаи дӯстони ман, ки ман бо онҳо калон шуда*ам, ба "Мактаби библиявӣ" дохил мешаванд. Онҳо диплом мегиранд ва пешвоёни барӯманд мешаванд.

Онҳо ба хизматгузории рӯҳонӣ худро мебахшанд ва дар ҳар куништ дар мамлакат метавонанд мавъиза кунанд. Онҳо дар бораи ман чӣ фикр мекунанд? Чӣ тавр ман даъвати худро ба ҷо меорам, агар ба "Мактаби библиявӣ" дохил нашавам?

Ман медонам, ки дар ҳаёти ман даъват ҳаст. Падарам ба ман гуфт, ки фариштаи олимақом тавлиди маро ба вай эълон карда,

гуфт, ки ман хизматгузор мешавам. Лекин агар ман ба ин биёбон равам, ҳеҷ кас намефаҳмад, ки ман кӣ ҳастам. Маро ҳеҷ гоҳ барои мавъиза кардан даъват намекунанд".

Аммо даъвати оташини Яҳё ба биёбон аз ҳамаи саволҳое, ки ақли ӯро метаркониданд, боло шуд, ва вай қарор кард, ки аз қафои Рӯҳ ба биёбон равад. Мо дар бораи ӯ мехонем: "Ва кӯдак калон шуда, рӯҳаш қавӣ мегашт, ва то рӯзе, ки бар Исроил зоҳир гардид, дар биёбонҳо буд" (Луқо 1:80). Қайд кардан ҷолиб аст, ки Яҳё омодашавии биёбони худро аллакай дар вақти кӯдакиаш оғоз кард, ва барои тайёр шудан ба хизматгузоре, ки ҳамагӣ шаш моҳ давом кард, чандин солҳоро паси сар намуд. Ва ба ҳар ҳол, Исо гуфт, ки Вай аз ҳама пайғамбароне, ки "аз зан таваллуд ёфтаанд", бузургтар буд.

Каломи Худо оиди давомнокии вақт, шумораи биёбонҳо ва ҳолатҳои хастакунанда, ки Яҳё ба онҳо дучор шуд, хомӯш аст. Дар Луқо 3:2 навишта шудааст: "Дар айёми саркоҳинон Ҳонон ва Қаёфо, каломи Худо ба Яҳё ибни Закарё расид". Қайд кардан ҷолиб аст, ки то он даме, ки Ҳонон ва Қаёфо дар пайи чизҳое буданд, ки ба системаи диндории дур аз Худо табдил ёфт, дар ҷойҳои сахт ва хушкӣ зарфи нав ташаккул ёфт. Ана дар куҷо бояд шароби нав зоҳир мешуд.

Худо Яҳёро дар биёбон тайёр кард, на ин ки дар "Мактаби библиявӣ"-и машҳури замони ӯ! Анбӯҳи зиёди мардум аз Яҳудо ва Ерусалим меомаданд, то ки Каломи Худоро, ки Яҳё дар биёбон мавъиза мекард, гӯш кунанд. Ҳаракати тару тозаи Рӯҳ оғоз меёфт – шароби нав мерехт, аммо дар биёбон, на дар муассисаҳои динӣ. Он касоне, ки аз дурӯягии диндорӣ ва анъанаҳо безор шуда буданд ва аз сидқи дил мехостанд тағйир ёбанд, ба назди Яҳё ба биёбон мебаромаданд, то ки ба зуҳуроти Писари Худо омода шаванд.

Дере нагузашта баъд аз ин, Исо омад, то ки аз Яҳё дар дарёи Ӯрдун таъмид бигирад. Гарчанде ки Яҳё барои таъмид додани Ӯ худро ношоиста ҳис мекард, Исо дар ин истодагарӣ намуд. Зарур

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #5 Дар хайма зиндагӣ кунед; хона насозед

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки биёбон муваққатист, ва шумо ҳамту онро мегузаред. Барои ҳамин, то он даме, ки шумо дар биёбон ҳастед, дар хайма зиндагӣ кунед. Ва, албатта, хона насозед!

Гарчанде ки исроилиён даҳсолаҳоро дар биёбон оворагардӣ карда, гузарониданд, ин ҳаргиз дар нақшаи Худо набуд. Ӯ ба онҳо амр надода буд, ки ҷойи беҳтаринро пайдо бикунанд, ва бо он чизе, ки чун ҳақиқати онҳо намудор мешуд, розӣ шуда, ҷойгир бишаванд ва хонаҳо бисозанд. Не, онҳо дар хаймаҳо зиндагӣ мекарданд, ва вақте ки абр ба ҳаракат медаромад, доимо тайёр буданд, ки чизҳои худро ҷамъ кунанд ва роҳро давом диҳанд. Биёбон ҳамеша таъин шуда буд, ки ҷойи муваққатӣ бошад, на ин ки нуқтаи охирин. Худо ягон бор ҳам нагуфтааст: “Медонед, ин биёбон на он қадар ҳам бад аст. Ба кӣ Замини ваъдашуда даркор аст? Канданро сар кунед, то ки таҳкурсӣ гузоред, ва хонаҳои устувор барои худ ва барои Ман бисозед”. Ҳатто Худо дар тамоми тӯли оворагардиҳои биёбон дар хайма зиндагӣ мекард.

Истироҳат дар палаткаи берун аз шаҳр дар вақти кӯтоҳ метавонад хурсандибахш ва ҳатто форам бошад, лекин бисёре аз мо авлотар медонистанд, ки ҷои кушодро тарк кунанд ва дар хонаи ҳақиқӣ зиндагӣ кунанд. Гумроҳ нашавед ва асосро дар биёбон нагузоред. Доимо тайёр бошед, ки чизҳоятонро ҷамъ карда, ба пеш ҳаракат кунед, ва, ниҳоят, палаткаи кӯҳнаи худро дар анбор гузоред.

буд, то хизматгузории Исо аз он сар шавад, ки Рӯҳи Худо дар он замон дар замин чӣ кор мекард. Пас аз ин Исо аз Рӯҳ пур шуд ва дарҳол ба биёбон бурда шуд.

Китоби Муқаддас аёну равшан нишон медиҳад, ки вақте ки Исо ба биёбон бурда шуд, Ӯ аз Рӯҳ пур шуд, аммо Вай пас аз чил рӯзи имтиҳонҳо ва озмоишҳо аз биёбон бо қуввати Рӯҳ баргашт. Вай барои хизматгузорӣ, ки барояш ба замин омада буд, тақдис шуда буд. Пас аз ҳамагӣ якчанд моҳи хизматгузории Яҳёи Таъмиддиҳанда, аз биёбон боз як ҳаракати нав – хизматгузории Исои Масеҳ оғоз ёфт.

## Машкҳои нав

Дере нагузашта пас аз он, ки Исо хизматгузории Худро оғоз намуд, мо мехонем: "Онҳо ба Ӯ гуфтанд: "Чаро шогирдони Яҳё бисёр рӯза медоранд ва дуо мегӯянд, ҳамчунин шогирдони фарисиён низ, лекин шогирдони Ту мехӯранд ва менӯшанд?"" (Луқо 5:33). Дар аввал, мо бояд бипурсем: кистанд "онҳо"? Мо ҷавобро дар Инҷили Матто меёбем: "Шогирдони Яҳё назди Ӯ омада, гуфтанд..." (9:14). Солҳои зиёд ман фикр мекардам, ки ин фарисиён буданд, аммо вақте ман фаҳмидам, ки ин шогирдони Яҳёи Таъмиддиҳанда буданд, ин порча аз Каломи Худо ба ман тамоман аз ҷиҳати наваш кушода шуд! Ин одамон ба хашм омада буданд, чунки онҳо зуд-зуд рӯза медоштанд ва соатҳои зиёд дуо мекарданд, аммо шогирдони Исо чунин рафтор намекарданд. Пайравони Яҳё бо ҳаёти қурбонӣ зиндагӣ мекарданд, лекин тамоми диққат ба шогирдони Исо равона карда шуда буд.

Яке аз тарзҳое, ки дар замони Яҳё Рӯҳи Худоро ба ҳаракат меовард, аз рӯзаҳои бешумор иборат буд. Аммо шогирдони Яҳё аз тарзи хидматгузории устоди худ ба он тарзе ки Рӯҳи Худо ҳозир мекард, нагузаштанд ва тағйир наёфтанд. Онҳо бовар мекарданд, ки маҳз тарзу усули хизматгузорӣ ва саҷдакунии онҳо самара

меовард. Онҳо, Яҳё Таъмиддиҳандаро пайравӣ карда истода, нархи гаронро супориданд, оилаҳои худро гузошта, дар биёбон зиндагӣ мекарданд ва ҳашаротҳоро мехӯрданд, аммо пешвои онҳо ба зиндон андохта шуд. Хизматгузори нав шогирдони Худро дошт, ки аз рӯи қоидаҳои онҳо рафтор намекарданд. Дастаи Яҳё ранҷида буд, ва ба онҳо хатари динпараст шудан таҳдид мекард.

Дар хотир дошта бошед, рӯҳҳои динпарастӣ ҳамеша он чиро, ки Худо кард, риоя мекунанд, вале ба он чизе, ки Вай карда истодааст, муқобилат нишон медиҳанд. Шояд, пайравони Яҳё бештар дар бораи вафодорӣ ба пешвои худ ва дар бораи он ки пайравони ӯ чӣ тавр бояд рафтор кунанд, ғамхорӣ карданро сар карданд, на дар бораи он ки Худо ҳозир чӣ мегуфт ва чӣ кор мекард. Диққати онҳо дигар ба дили Худо равона карда нашуда буд. Маркази диққати онҳо он тарзу усуле шуд, ки боре онҳоро назди дили Худо оварда буд.

Дар онҳо мағрурӣ ва хафагӣ зоҳир шуданро сар карданд. Шогирдони Яҳё вақташонро ва, шояд, маблағашонро ба хизматгузории ӯ ҷудо карданд. Акнун бошад ҳамаи он чизе, ки онҳо карданд, ҳимоя карданд ва ба даст оварданд, дар зери хатар монда буд. Оқибат, ҳатто дар он ҳолате, ки пешвои онҳо дар бораи Исо эълон кард: "Ӯ бояд нашъунамо ёбад, ва ман завол ёбам" (Юҳанно 3:30), онҳо дастнорас шуданд ва ба дигаргуниҳо муқобилат нишон доданд.

Ба он нигоҳ кунед, ки Исо ба онҳо чӣ хел ҷавоб дод: "Оё метавонед аҳли кӯшки никоҳро, модоме ки домод бо онҳост, ба рӯзадорӣ водор намоед?" (Луқо 5:34). Ӯ роҳҳои диндоронаи онҳоро фош карда, гуфт: "Барои чӣ онҳо рӯза доранд, модоме, ки Писари Худо дар байни онҳост? Агар ба онҳо аз Худо чизе лозим бошад, онҳо ҳамту метавонанд назди Ман оянд!". Фикрронии диндорӣ онҳоро маҷбур сохт, то бовар кунанд, ки онҳо марҳамати Худоро ба воситаи рӯзадориҳо ё дигар фаъолиятҳои динӣ бояд ба даст меоварданд. Онҳо рӯзадориро ҳамчун тарзи роҳ ба сӯи Худо меҳисобиданд ва чунини ақида доштанд, ки рӯзадорӣ онҳоро аз касоне, ки рӯза намедоштанд (ё дигар тарзу усулҳоеро, ки онҳо

доштанд, истифода намебурданд), болотар мебардошт. Бо ҳамин тариқ, дар онҳо мағрурӣ устувор мегашт. Тарзу усули онҳо нисбат ба он самарае, ки он дар аввал меовард, муҳимтар шуд.

Гарчанде ки рӯзадорӣ аз хӯрок афзалиятҳои худро дорад, ин роҳи идора кардани Худо нест; мақсади рӯзадорӣ шуморо ба он ҳолат овардан аст, ки дар он шумо он чиро, ки Худо мегӯяд, беҳтар шунида метавонед. Пас барои чӣ ба шогирдон лозим буд, ки рӯза доранд, то ки овози Худоро шунаванд, модоме ки Ӯ бевосита дар назди онҳо буд? Биёед хондани ҷавоби Исоро дар Луқо 5:34-35 давом медиҳем: "Ба онҳо гуфт: "Оё метавонед аҳли кӯшки никоҳро, модоме ки домод бо онҳост, ба рӯзадорӣ водор намоед? Лекин айёме хоҳад расид, ки домод аз онҳо гирифта шавад, ва он гоҳ, дар он айём рӯза хоҳанд дошт"".

Ӯ намегӯяд, ки, шояд, онҳо дар он айём рӯза доранд. Вай мегӯяд, ки онҳо рӯза хоҳанд дошт. Ин одамон танҳо оиди рӯзадорӣ аз хӯрок пурсиданд, лекин Исо ба онҳо дар бораи дигар намуди рӯзадорӣ мегӯяд. Диққат диҳед, ки рӯзадории онҳо дар он айём мешавад, ки аз онҳо Домод гирифта шавад. Исо рӯзадориеро дар назар дорад, ки аз ҳузури бараълои Ӯ буда, на танҳо аз хӯрок аст. Мо дар бораи ин медонем, чунки Ӯ инро дар масале, ки баъди ин суханон нақл мекунад, фаҳмонида медиҳад.

Дар хотир дошта бошед, ки яке аз таърифҳои биёбон ин набудани ҳузури ба назар намоёни Худо аст.

Биёед он масалеро, ки Ӯ нақл кард, мехонем, то фаҳмонем, ки Вай чиро дар назар дошт:

> "Ва ҳеҷ кас шароби навро дар машки кӯҳна намеандозад; вагар на шароби нав машкро дарида, ҳам худаш мерезад, ва ҳам машк талаф мешавад" (Луқо 5:37).

Дар Китоби Муқаддас шароб рамзи ҳузури Худо аст. Павлус дар Эфсӯсиён 5:18 мегӯяд: "Ва масти шароб нашавед, ки аз он фисқу

фуҷур ба амал меояд; балки аз Рӯҳ пур шавед”.

Мо бояд аз шароб, яъне аз ҳузури Худо пур шавем! Шароби нав ин ҳаракати тару тозаи Рӯҳи Ӯ аст.

Иҷозат диҳед, ки боз як бори дигар ин масъалаи муҳимро кӯтоҳ дида бароем. Оё шумо, вақте ки шумо нав аз Рӯҳ пур шудед, он ҳиссиёти аҷиброро дар ёд доред? Ҳузури Худо ширин ва фаровон буд. Ҳар дафъа, вақте ки шумо дуо мекардед, ҳузури Вай дарҳол зоҳир мешуд, ва шумо наздикии Ӯро дар тамоми рӯз эҳсос мекардед. Баъзе вақт дар Калисо шумо ҳамту менишастед ва гиря мекардед, чунки Вай ба шумо хеле наздик буд.

Лекин боре, пас аз якчанд вақт, шумо пайхас кардед, ки дигар ҳузури Ӯро осон эҳсос намекунед. Шумо мисли пештара дуо карданро давом медодед, вале акнун шумо чунин савол медиҳед: “Худо, Ту дар куҷоӣ?”. Шумо ба биёбон афтодед!

Ин биёбон ё рӯзадорӣ аз ҳузури Худо мақсади муайян дорад. Худо шуморо тайёр мекунад, то ки машки нав бошед. Шумо наметавонед шароби навро ё ҳаракати тару тозаи Рӯҳи Худоро ба машки кӯҳна бирезед.

Машкҳоеро, ки дар замони Исо истифода мебурданд, аз пӯсти гӯсфанд тайёр мекарданд. Вақте ки дар ин машкҳо бори аввал шароб мерехтанд, онҳо чандир ва мулоим буданд. Ин машкҳо ҳангоми зиёд шудани шароб ба осонӣ бе ягон мамониат васеъ ва қобили ғунчоиш мешуданд. Лекин сол аз сол муҳити Шарқи Наздик машкро хушк гардонида, онро зудшикананда ва сахт мекард. Ва он гоҳ, агар аз он шароброрехта партоянд ва навашро бирезанд, машк наметавонист на вазнинӣ ва на туршшавии шароби навро тоб оварад, чунки он сахт ва зудшикананда буд, ва метавонист зуд бикафад ё бидарад. Барои ҳалли ин масъала, машкҳои кӯҳна дар муддати якчанд рӯз дар об бояд тар карда мешуданд, ва пас аз он бо равғани зайтун молида мешуданд. Ин чандирӣ ва мулоимии машкҳоро барқарор мекард.

Ин ҷараён рамзи он чизе аст, ки бо мо рӯй медиҳад, чунки мо

барои шароби рӯҳонии нав машкҳо ҳастем. Мо даъват шудаем, ки паҳнкунандагони Каломи Худо бошем. Он муҳите, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, моро метавонад аз ҳассоснок будан барои роҳҳои Худо маҳрум созад. Мо дар осмон нестем; мо дар муҳити фонӣ зиндагӣ мекунем, ки номаш дунё аст. Барои ҳамин ҳам, ақли мо ба навшавӣ эҳтиёҷ дорад. Барои он ки машкҳои мо доимо мулоим ё барои шароби тару тоза тайёр бошанд, мо бояд "тар карда шавем" ё аз Каломи Худо ҷаббида гирем. Павлус дар Эфсӯсиён 5:26 менависад: "То ки (Исо тавонад) онро (Калисоро) ба ғусли об пок карда, ба воситаи калом тақдис намояд". Молидани машкҳо бо равғани зайтун барои мо бо вақте, ки дар дуо гузаронида шудааст, муқоиса карда мешавад. Ҳангоме ки бо Худо, ҳам дар Калом, ва ҳам дар дуо вақт мегузаронем, ақли мо нав мешавад, ва мо дар роҳҳо ва тарзу усулҳои худ дағал ва якрав буданро бас мекунем.

Аммо барои нав кардани машкҳои кӯҳна, аввал аз онҳо бояд шаробро рехтан лозим аст! Ин маънои дар зарф набудани шаробро, яъне набудани ҳузури барҷастаи Худоро мефаҳмонад. Ин рӯзадорӣ аз ҳузури барҷастаи Худо аст, ё, чи хеле ки мо инро меномем, вақти хушк. Дар чунин мавсимҳо шумо ба дигаргуниҳо омода мешавед!

Чаро Худо ҳузури ламскунандаи Худро дур мекунад? То ки шумо рӯҳафтода шавед? Не, ҳатто агар ин рӯй диҳад ҳам! Оё Ӯ мехоҳад, ки шуморо "ба раф гузорад", то он даме, ки шумо боз ба Вай лозим шавед? Не! Вай ҳузури Худро дур мекунад, то ки шуморо водор кунад, ки Ӯро боз ҳам боғайратона биҷӯед. Ҷустуҷӯ кардан шуморо боз ҳам чандир ва мулоим мегардонад. Одамони дағал ва якрав ин он нафароне мебошанд, ки ҷустани Худоро бас мекунанд. Онҳо дар тарзу усулҳо ва формулаҳои худ, ки аз таҷрибаи худ дар натиҷаи азсаргузарониҳои ҳақиқии пештара гирифтаанд, устувор мешаванд.

Пайравони Яҳёи Таъмиддиҳанда ба чунин ҳолат афтоданд. Онҳо ба Яҳё ҳамроҳ шуданд, зеро медиданд, ки Худованд пурқудратона бо воситаи ӯ амал мекунад. Аммо ба ҷои он ки ба мукофоти осмонӣ – аз наздик шинохтани Худо кӯшиш карданро давом диҳанд, онҳо

дар фикру ақидаҳо ва тарзу усулҳои худ якрав шуданд.

Дар ҳар як ҳаракати Худо таълимоти тару тоза пайдо мешавад. Таълимотҳои солим ин роҳест, ки моро ба дили Худо наздик мегардонад. Аммо, агар мо ба худи таълимот андармон шавем, охири охирон, он моро ба ғуломии динӣ, ба қоидапарастӣ, ба гумроҳӣ, ё ба ҳамааш якбора меоварад.

Шумо наметавонед Худоро бо чунин тарзу усули якравии ибодат шиносед, лекин бисёр масеҳиён дарк накарда истода, ба чунин тарзи ҳаёт дода мешаванд. Онҳо тарзу усулҳои ибодаткунии худро муқаррар мекунанд. Сипас, вақте ки онҳо оқибат дониш мегиранд, то ки масеҳиёни намунавӣ бишаванд, онҳо ҷустани Ӯро бас мекунанд ва мутобиқи расму оинҳо, ки онҳо ташаккул додаанд, зиндагӣ карданро сар мекунанд. Ба ҳар ҳол, онҳо худро холӣ ҳис мекунад, гарчанде чунин мешуморанд, ки мутобиқи Хушхабар зиндагӣ мекунанд.

Дар Ирмиё 29:12-13 навишта шудааст:

> “Ва шумо Маро хоҳед хонд, ва омада пеши Ман дуо хоҳед гуфт, ва Ман шуморо иҷобат хоҳам намуд; ва Маро хоҳед ҷуст, ва пайдо хоҳед кард, ба шарте ки бо тамоми дили худ Маро ҷустуҷӯ намоед”.

Танҳо дуо кофӣ нест, то ки Ӯро пайдо бикунем. Бисёр одамоне ҳастанд, ки бо формулаҳои динӣ пайвананд, ки дуруст дуо мехонанд. Худо мегӯяд, ки дар дуоятон шумо бояд Ӯро боғайратона ҷустуҷӯ намоед. Ӯ аёну равшан дар ин порча нишон медиҳад, ки ҷустуҷӯ лозим аст, ва барои ин, назар ба пайравӣ кардани одатҳо, зиёдтар талаб карда мешавад. Хоҳиши оташин ва кӯшиши дили Ӯро донистан зарур аст. Ана барои чӣ Худо дар Ибриён 11:6 мегӯяд: “Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест; зеро ҳар кӣ сӯи Худо меояд, бояд имон дошта бошад, ки Ӯ ҳаст, ва ба толибони Худ мукофот хоҳад дод”.

Ана акнун биёед боз суханони Исоро мехонем:

> “Ва ҳеҷ кас шароби навро дар машки кӯҳна намеандозад; вагар на шароби нав машкро дарида, ҳам худаш мерезад, ва ҳам машк талаф мешавад; лекин шароби навро дар машки нав андохтан лозим аст; дар он сурат ҳар ду маҳфуз хоҳанд монд. Ва ҳеҷ кас шароби кӯҳнаро нӯшида, дарҳол навашро талаб намекунад, зеро ки мегӯяд: шароби кӯҳна хуб аст” (Луқо 5:37-39).

Ягон одаме, ки ба шароби кӯҳна одат кардааст, дарҳол шароби навро намехоҳад. Калимаи калидӣ дар ин ҷо “дарҳол” аст, чунки мо одамоне ҳастем, ки аз одатҳо ва услубу рафторҳои муайян иборат мебошем. Ба Худо зарур аст, ки ин доираи ҳузуру ҳаловати моро бишканад, шароби кӯҳнаро холӣ карда, ба мо иҷозат диҳад, ки вақти хушкии омодашавиро бе шароб гузарем, то ки дар мо ташнагӣ нисбати шароби нав пайдо шавад. Вақте ки шумо ташна мондаед, ва шумо тамоман ҳеҷ чизи нӯшиданӣ надоред, шумо шикоят намекунед: “Ман ин шароби навро намехоҳам, ман кӯҳнаашро мехоҳам”. Агар шумо ташнаи ҳузур ва қуввати Худо бошед, шумо барои ҳаракати нави Рӯҳи Худо дар ҳаёти шумо кушода хоҳед буд. Шумо мисли Довуд мешавед, ки дар биёбони худ гуфт:

> “Худоё! Ту Худои ман ҳастӣ,<br>Туро ҳамеша меҷӯям;<br>ҷонам ташнаи Туст,<br>ва ҷисмам пазмони Ту,<br>дар замини хароба ва бемаҷоле<br>ки об надорад,<br>ҳамин тавр дар қудс бар Ту менигаристам,<br>вақте ки бар дидани қувват ва ҷалоли Ту меомадам”<br>(Забур 62:2-3).

Довуд ташнаи қуввати Худо ва ҳузури Ӯ буд. Дар натиҷа, вақте ки вай ба коре, ки ба он даъват шуда буд, дохил шуд, ӯ барои хоҳишҳои Худо мулоим буд, назар ба шоҳ Шоул, ки ҳама чизро аз рӯи хости худ мекард, на аз рӯи хости Худо.

## Боз як биёбон

Чуноне ки ман пештар дар ин боб нақл кардам, хизматгузорӣ ҳамчун шубони ҷавонон якумин хизматгузории муаллимии ҳақиқии ман буд. Ҷамъомадҳои ҷавонон, ки аз тариқи телевизион пахш мегардиданд, бисёр комёб мешуданд. Мо инчунин роликҳои кӯтоҳи башоратдиҳиро дар дуюмин радиостансияи аз ҳама машҳур дар минтақаи мо пахш мекардем. Ҳамааш бисёр хуб буд.

Лекин боре, ҳангоме ки ман дуо мекардам, Рӯҳи Худо ба ман гуфт, ки дигаргуниҳо меоянд: “Ту аз хизматгузории шубони ҷавонон гирифта мешавӣ”, - гуфт Ӯ, - “ва Ман туро ба калисоҳо ва ба конфронсҳо ба шаҳрҳо аз Соҳили Ғарб то Соҳили Шарқи Амрико, аз сарҳади Канада то сарҳади Мексика, ба Аляска ва Гавайя... мефиристам”.

Ман ба Лиза дар бораи он чӣ, ки Рӯҳи Худо гуфт, нақл кардам, ва мо ҳарду дар бораи ин дар дилҳоямон мулоҳиза карданро сар кардем. Мо дар бораи ин ба ҳеҷ кас нагуфтем, ба ғайр аз як дӯсти мо, ки дар дигар иёлат усқуф буд. Худо гуфт, ки инро ба амал меорад, ва ман медонистам, ки агар ин калом дар ҳақиқат аз ҷониби Ӯ бошад, зарурат набуд, ки ман ба Ӯ кӯмак бикунам, то ки онро иҷро кунад.

Аммо аз як сол зиёд гузашт, лекин ҳеҷ чиз рӯй намедод. Дар вақти ин интизорӣ ба ман боз ҳам душвортар буд, ки ба ҳузури Худо дохил шавам, то он даме ки он ғайриимкон ба назар расиданро сар накард. Ман нисбат ба пештара барои дуо вақти зиёдро сарф мекардам, лекин чунин менамуд, ки ягон натиҷа набуд. Ба ғайр аз ин, ман чунин ҳиссиёт доштам, ки рӯъёи ман барои хизматгузории ҷавонон тира шуданро (шароби кӯҳна рехта мешуд) сар кард. Чӣ

қадаре ки зиёд ман дуо мекардам, ҳамон қадар зиёд рӯъёи ман кам мешуд. Зоҳиран ҳеҷ чиз тағйир наёфт, аммо дар дохил кӯшиши ман хомӯш мешуд.

То саршавии хизматгузории ҷавонон ман соатҳоро дар дуо мегузаронидам, ду дафъа ман ҳатто Худоро илтиҷо кардам, ки ягон касро барои мавъиза бифиристад. Ман, дар ҳоле ки худро холӣ ҳис мекардам, ба хизматгузорӣ мерафтам, аммо то он даме ки ман хизмат мекардам, ҳузури Худо маро мисли кӯрпа мепӯшонид. Вақте ки ман хизматгузориро тамом мекардам ва дар ними роҳ ба сӯи хона равон будам, ҳузури Ӯ боз як ҳафта аз ман гирифта мешуд!

Бар замми ҳамаи ин, дар ҳаёти мо душвориҳои зоҳирӣ ва дохилӣ сар заданд, ки мо ҳеҷ гоҳ аз сар нагузаронида будем. Ман фикр кардам, ки, шояд, гап дар ман буд, ва эътироф кардани ҳар як гуноҳи содиркардаамро, ки ман ба ёд оварда тавонистам, сар кардам, аммо ягон хел сабукиро аз хушкии худ эҳсос накардам.

Боре, вақте ки ман боз кӯшиш кардам, то бифаҳмам, ки кадом гуноҳро ман содир намудам, Худованд ба ман гуфт: “Ту на аз сабаби он ба ин биёбон афтодӣ, ки гуноҳ кардӣ! Ман туро ба дигаргуниҳои дарпешистода тайёр карда истодаам”.

Ӯ дар ботини ман хислатеро, ки ман ба он эҳтиёҷ доштам, инкишоф медод, то ки ман даъвати Ӯро барои давраи ояндаи хизматгузории худ қабул карда тавонам. Биёед Ишаъё 43:18-19-ро мехонем:

> “Аммо вақоеи пешинаро ба хотир наоваред, ва ба мӯъҷизоти қадимӣ диққат надиҳед. Инак, Ман чизи наве месозам, ки он алҳол ба зуҳур меояд. Магар аз он воқиф нестед? Ба яқин, роҳе дар бодия, ва наҳрҳо дар биёбон ба вуҷуд хоҳам овард”.

Дар давоми ин китоб ман нақл мекунам, ки чӣ тавр дар вақти Худаш Худованд бо таври аҷиб “дигаргуниҳои дарпешистодаро” зоҳир кард. Дар ҳамаи он вақт, ҳатто дар рӯзҳои аз ҳама душвори

биёбони ман, Худованд ба тавлиди хизматгузории мо, ки таъсиру нуфузи он дар тамоми Амрико, ва баъдтар дар тамоми ҷаҳон, бояд паҳн мешуд, тайёрӣ медид.

Дӯсти ман, Худо шароби кӯҳнаи шуморо мерезад, то вақте ки наваш меояд, озмоишҳо бошанд, ҳамроҳи наваш меоянд, шумо хоҳиши ба кӯҳна баргаштанро накунед.

# 6

# МУКОФОТИ ОСМОНӢ

*“Баъзе одамон ба гузаштаи худ бармегарданд ва ҳамаи душвориҳоеро, ки онҳо ягон бор доштанд,  тагу рӯ мекунанд , пас ба оянда нигоҳ мекунанд ва интизор мешаванд, ки онҳо боз душвориҳои зиёдтар дошта метавонанд, ва ҳамин тавр тамоми умр дудилагӣ ва ноустувориро давом медиҳанд”.*

**– Д.Л. Муди**

*“Эй бародарон, гумон намекунам, ки ман аллакай расида бошам, балки фақат як чизро мегӯям: он чиро, ки дар қафост, аз хотир бароварда ва ба пеш ҳаракат карда, ман сӯи мақсаде шитоб менамоям, ки фарҷоми ғолибонаи даъвати Худост аз арши аъло дар Исои Масеҳ”.*

**–Филиппиён 3:13-14**

Ҳавворӣ Павлус аз се ду ҳиссаи номаҳои Аҳди Навро навиштааст ва бисёр калисоҳоро аз ғайрияҳудиён асос гузоштааст. Хизматгузории ӯ дар тамоми ҷаҳон паҳн шуда буд, вале дар охири умри худ вай гуфтааст: *“Ман* то ба ҳол комёб нашудаам”. Ӯ қаноатманд набуд, ва ором шуданӣ ҳам набуд, то он даме ки ба анҷоми хидмати худ ва гирифтани мукофоти осмонӣ нарасад.

Барои хидмати худро ба анҷом расонидан ва мукофот гирифтан, якум чизе, ки мо дар дилҳои худ ба он бояд боварӣ дошта бошем, ин он аст, ки мо ҳоло онро комёб нашудаем.

Мо ҳоло камолотро комёб нашудаем; мо бояд тағйир ёфтан ва ба камол расиданро давом диҳем.

Мӯсо низ даъвати бузург дошт, халқи се миллион нафараро роҳбарӣ мекард, ва аз ҳама кас бештар қисми мӯъҷизаҳо ва аломотҳои аҳди қадима буд. Аммо Худо гуфт, ки Мӯсо аз ҳама одами фурӯтан дар тамоми рӯи замин буд. Ӯ худро комёб ҳисоб намекард, вале ба пеш рафтанро давом медод, то ки хидмати худро ба анҷом бирасонад ва мукофоти осмониро бигирад. Барои ба камол расидан ва тағйир ёфтан, мо бояд фурӯтан бошем.

Дуюм чизе, ки мо бояд бикунем, то ки ҷараёни худро барои Худо ба анҷом бирасонем, ин фаромӯш кардани ҳамаи он чизҳое (ғалабаҳо ва мағлубиятҳо) мебошад*, ки дар қафо монданд!* Боз, Худо чунин суханонро дар Ишаъё 43:18-19 мегӯяд:

“Аммо ваҳоеи пешинаро ба хотир наоваред,
ва ба мӯъҷизоти қадимӣ диққат надиҳед.
Инак, Ман чизи наве месозам,
ки он алҳол ба зуҳур меояд. Магар аз он воқиф нестед?
Ба яқин, роҳе дар бодия,
ва наҳрҳо дар биёбон ба вуҷуд хоҳам овард”.

Фикрҳои доимӣ оиди нокомиҳои гузашта, радшавиҳо ё гуноҳҳо намегузоранд, ки дар Масеҳ ба пеш биравем. Аммо ғалабаҳои гузашта инчунин метавонанд моро боздоранд. Агар мо аз ҳад зиёд худбовар бишавем, ва гузорем, ки дастовардҳои гузашта такягоҳи мо бишаванд, мо он чиро, ки Худо барои мо ҳозир тайёр кардааст, аз даст медиҳем. Худо маҳз ҳамин чизро дар Ишаъё 43 дар назар дорад. Гузашта ҳам аз Ӯ буд, аммо, барои ба пеш рафтан ва иҷро кардани он чиро, ки Вай барои мо таъин кардааст, мо бояд барои тарк кардани он роҳҳое, ки бо онҳо Худо моро дар гузашта бурд, тайёр бошем. Дар акси ҳол, ба мо хатари машки кӯҳна шудан таҳдид мекунад.

Павлус инчунин ин ҳақиқатро таъкид мекунад:

“Вақте ки кӯдак будам, кӯдаквор гап мезадам, кӯдаквор фикр мекардам, кӯдаквор муҳокима мерондам; аммо вақте ки мард шудам, кӯдакиро тарк кардам. Зеро ки ҳоло дар оина, ба таври муаммо мебинем, лекин он вақт рӯ ба рӯ хоҳем дид; ҳоло ман ба таври ҷузъӣ медонам, лекин он вақт хоҳам донист ба монанди он ки худам низ дониста шудаам” (1 Қӯринтиён 13:11-12).

Гуфтан мумкин нест, ки кӯдак ноҳақ аст: вай ҳамту ҳоло ба камол нарасидааст. Вақте ки ман панҷсола будам, дунёи ман аз мошинчаҳо ва конструкторҳо иборат буд. Алфавитро аз ёд гуфтан ин барои ман дастоварди калон буд. Ман ҳаётро ба воситаи оинаи тира медидам, чунки ба таври кофӣ ба камол нарасида будам, то

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #6 Кадом корро кардан лозим нест

Дар асоси он чизе, ки Каломи Худо оиди таҷрибаи аламангези исроилиён дар биёбон мегӯяд, баъзе чизҳое ҳастанд, ки дар давоми ин иқомати муваққатии мо дар ин ҷои хушкӣ кардан лозим нест. Дар асл, ин рӯйхат ба ҳамаи мавсимҳои ҳаёти масеҳӣ дахл дорад, аммо, шояд, ҳангоме ки мо дар биёбон ҳастем, ва ба мо мушкил аст, васваса ба ин гуноҳҳо зиёдтар аст. Ана нуқтаҳои асосӣ ё, ақалан, рӯйхати нопурраи он корҳое, ки ба мо кардан лозим нест.

1. Ба чизҳои бад шаҳватнок будан. Баъзан, аз чизе маҳрум шуда, мо фикр мекунем, ки чизҳои нодуруст ба мо кӯмак мерасонанд, ки худро беҳтар, ҳатто хушбахттар ҳис кунем.
2. Бутпараст будан. Ин маънои онро дорад, ки мо барои қонеъ кардани ҳавасҳои худ саъй мекунем, гарчанде медонем, ки онҳо бо Каломи Худо зид ҳастанд ва инчунин назар ба Исо ба касе ё чизе бештар муҳаббат зоҳир мекунем.
3. Ба васвасаи зино ва бадахлоқӣ дода шудан.
4. Худоро озмудан.

ки аз ӯҳдаи тарафҳои боз ҳам душвортар ва васеътари он бароям.

Вақте ки ман ҳаждаҳсола будам, мошинчаҳо ва конструкторҳо дар гузашта монданд. Акнун, пас аз солҳо, ман ба ҳаёт аз оинаи тира нигоҳ намекардам. Сатҳ ва қобилияти фаҳмиши ман ба камол расиданд. Вақте ки ҳаждаҳсола мисли панҷсола рафтор мекунад, ин ғайримуқарарист. Ба камол расида истода, мо роҳҳо ва фаҳмишҳои бачагонаро тарк мекунем ё фаромӯш мекунем, ки дигар барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва иҷроиши хоҳишҳои мо муфид нестанд ва амал намекунанд.

5. Шиква кардан, шиква кардан, шиква кардан.

Дар номаи якуми худ ба имондорони Қӯринтӯс, Павлус ишора мекунад, ки мо метавонем бисёр чизҳоро аз падарони худ, ки дар биёбон буданд, оиди он ки чӣ тавр рафтор кардан даркор нест, ёд бигирем:

“Ман намехоҳам, эй бародарон, ки шумо бехабар бошед аз он ки падарони мо ҳама дар зери абр буданд, ва ҳама аз баҳр убур карданд... Лекин бар аксари онҳо ҳусни таваҷҷӯҳи Худо набуд; зеро ки онҳо дар биёбон ба ҳалокат расиданд. Ва инҳо барои мо тимсоле буданд, то ки бадиро орзу накунем, чунон ки онҳо орзу мекарданд” (1 Қӯринтиён 10:1, 5-6).

Исроилиён барои рафтори худ нархи гарон супориданд; барои ҳамин ҳам, биёед аз мисоли онҳо сабақ мегирем.

Дӯсти ман, дар биёбон шумо метавонед роҳҳои Худоро, ҳатто дили Ӯро пайдо бикунед, лекин шумо бояд устувор бошед, ва қатъиёна дар дили худ бигӯед: “Худо, ҳатто вақте ки ман некӯӣ ва муҳаббати Туро эҳсос накунам ҳам, ман бовар мекунам, ки Ту некӯ ҳастӣ, ва Ту маро дӯст медорӣ”.

Айнан ҳамин тавр, вақте ки мо дар Худо ба камол мерасем ва давраҳои ҳаётро мегузарем, мо бояд чизҳои пештараи хомро тарк бикунем. Павлус мегӯяд, ки акнун мо роҳҳои Худо ва ҷалоли Ӯро тира мебинем, лекин ҳар қадаре ки бештар мо ба мукофоти осмонӣ кӯшиш бикунем, ҳамон қадар аёнтар мо хоҳем дид, то он даме ки Худоро рӯ ба рӯ набинем. Бо дигар суханон, мо Ӯро тавре хоҳем шинохт, ки Вай моро мешиносад!

Мукофоти осмоние, ки Павлус дар бораaш хотиррасон мекунад, чист? Ӯ ба ин савол дар ояти гузашта ҷавоб додааст. Дар Филиппиён 3:10 навишта шудааст: “То ки Ӯро, ва қуввати эҳёи Ӯро, ва ширкати уқубатҳои Ӯро дарк намоям ва дар мамоти Ӯ ба Ӯ монанд шавам”. Мукофоти осмонии Худо ин монанд шудан ба сурат ва шабоҳати Писари Ӯ Исои Масеҳ аст – Ӯро чунон шинохтан, ки Ӯ моро мешиносад! То он даме ки мо ба ин мақсад нарасидаем, мо набояд қаноатманд бошем. Барои ҳамин ҳам, мо ҳеҷ гоҳ набояд ҷустуҷӯ кардани дили Худоро бас кунем.

Сеюм чизе, ки мо бояд бикунем, то ки мукофоти осмониро ба даст орем, ин “ба мақсад кӯшиш намудан”. Кӯшиш намудан онро дар назар дорад, ки мо ба зиддият ва фишор дучор мешавем. Ба шинохтани Худованд зиддият вуҷуд дорад.

Таҳдиди бузургтарин барои шайтон  ин одаме аст, ки ба сурат ва шабоҳати Исо Масеҳ монанд гаштааст, ва қувваҳои зулмот бар зидди ин нисбат бар зидди дигар чизҳо шиддатноктар мубориза мебаранд. Вақте ки имондорон ба сурат ва шабоҳати Масеҳ монанд мегарданд, онҳо дигар барои худ зиндагӣ намекунанд, балки барои Он Касе, ки дар онҳо зиндагӣ мекунад. Ин имондорон ҳаёти худро дар Масеҳ бо таври боз ҳам фаровонтар ва бонуфузтар ифода карданро сар мекунанд. Ана барои чӣ Павлус гуфтааст, ки барои Ӯро шинохтан, мо бояд дар уқубатҳои Ӯ иштирок бикунем. Уқубат дар тан, ки дар бораaш ӯ мегӯяд, ин марги “ман”-и шахсӣ аст, ки аз қафояш ҳаёти эҳёшавӣ меояд! Петрус менависад:

> “Пас чи тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо ҳамон фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад, то ки боқии умри ҷисмониро на аз рӯи ҳавасҳои одамӣ, балки мувофиқи иродаи Худо ба сар барад” (1 Петрус 4:1-2).

Агар мо дар ҷисм уқубат кашида бошем, мо дигар бо роҳҳои худ намеравем ва ба мақсадҳои гуноҳкоронаи ин ҷаҳон кӯшиш нахоҳем

кард. Дар мо хислати Масеҳ амал хоҳад кард! Ин мақсаде аст, ки мо бояд ба он бирасем!

## Бо Масеҳ уқубат кашида

Уқубати Масеҳ чист? Бисёриҳо инро нодуруст фаҳмиданд, чунки баъзе таълимотҳои динӣ ин истилоҳро (термин) вайрон карданд. Бо Масеҳ уқубат кашидан маънои аз беморӣ мурдан ё маблағи кофӣ надоштан барои аз рӯи ҳисобҳо пардохт намуданро надорад. Ин маънои ҳафта паси ҳафта бе хӯрок монданро надорад, то ки Худо аз қурбонии шумо тасхир шавад. Уқубат ин қурбонӣ нест; ин итоат аст! Муаллифи Нома ба Ибриён аёну равшан нишон медиҳад, ки уқубати Масеҳ чист:

> “Дар айёме ки Ӯ дар ҷисм буд, ба Он ки метавонист Ӯро аз мамот наҷот диҳад, бо фиғони пурзӯр ва ашкрезӣ дуо ва тазаррӯъ намуд... Ва агарчи Писар буд, ба василаи уқубатҳо ба итоат омӯхта шуд” (Ибриён 5:7-8).

Исо итоатро ба замин наовардааст; Ӯ бояд ба ин омӯхта мешуд. Ӯ ба Падари Худ итоат карданро омӯхт, дар ҳоле ки итоат накардан осонтар буд. Ӯ кӯшиш мекард, ки на ба одамон, балки ба Худо писанд ояд. Ӯ медонист, ки дар натиҷаи итоаткории Ӯ одамон фоидаи калон мегиранд. Петрус нишон дод, ки уқубати ҳақиқӣ маънои мувофиқи иродаи Ӯ умр ба сар бурданро дорад, на аз рӯи ҳавасҳои одамӣ (1 Петрус 4:2).

Ифодаи “уқубати Масеҳ” маънои бо роҳи Худо рафтанро дорад, дар ҳоле ки ақл, эҳсосот ва ҳиссиёти мо моро ба сӯи беташвишӣ, созиш ва лаззату ҳаловатҳо мебаранд. Аксар вақт ин дар авҷи низоъ, вақте ки дар он Худо ба мо амр мефармояд, ки ба як самт биравем, рӯй медиҳад, вале дӯстон, оила, ҳамкорон ва дигар одамон мехоҳанд, то ки мо бо дигар роҳ биравем. Мутаассифона

чунин ба назар мерасад, ки мо одатан аз тарафи одамони аз ҳама ба мо наздиктарин ба ин зиддият дучор мешавем. Мисоли классикии ин ҳақиқат ин розӣ нашудани Петрус бо Исо оиди марг ва дафни Ӯ аст:

> “Аз ҳамон вақт Исо ба фаҳмонидан ба шогирдони Худ оғоз намуд, ки Ӯ бояд ба Ерусалим равад ва аз дасти пирон, саркоҳинон ва китобдонон бисёр азоб кашад, ва кушта шавад, ва пас аз се рӯз эҳё шавад. Ва Петрус Ӯро ба як сӯ бурда, ба эътироз кардан шурӯъ намуд: “Ҳошо Туро, эй Худованд! Ин ба Ту ҳаргиз рӯй нахоҳад дод!” Аммо Ӯ баргашта ба Петрус гуфт: “Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ, зеро ту на дар бораи амру наҳйи Худо, балки аз чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ”” (Матто 16:21-23).

Исо ба шогирдони Худ эълон кард, ки барои ба Худо итоат кардан Ӯ мебоист ба Ерусалим равад, азоб кашад, кушта шавад ва дар рӯзи сеюм эҳё шавад. Зоҳиран, вақте ки Исо дар бораи эҳёшавӣ гуфт, Петрус нашунид, вагарна вай аз гуфтори Исо оиди марги наздикшудаистодаи Ӯ ин қадар ба изтироб намеафтод.

Магар шумо он чиро, ки Петрус дар борааш фикр мекунад, намешунавед?

“*Исто, охир Ту Масеҳ астӣ (ин худи ҳозир ба ӯ аён шуда буд), ва Ту бояд подшоҳии Исроилро барқарор ва тасдиқ бикунӣ. Ман кори худ, зани худ ва оилаи худро тарк кардам, то ки Туро пайравӣ кунам. Ман дӯстонамро гум кардам, то ки Туро пайравӣ кунам. Ман ба ин бисёр вақтамро ҷудо кардам, ва ман аллакай обрӯи эътибори хосро дорам. Пешвоёни куниишт фикр мекунанд, ки Ту девона ҳастӣ. Рӯзномаю маҷаллаҳо доимо дар бораи он менависанд, ки Ту чи хел мухолиф ҳастӣ. Ту аз ҳамаи мавзӯи муҳокимашаванда дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳастӣ, ва фикру ақидаи бисёриҳо на ба фоидаи ту аст. Бисёр муаллимони илми илоҳӣ ва пешвоёни барӯманд Туро сафсатагӯ меҳисобанд. Ана акнун Ту дар бораи марг мегӯӣ. Пас,*

*аҳволи ман чӣ мешавад? Ҳамаи он вақте, ки барои туро пайравӣ кардан ҷудо шуда буд, барабас меравад, ва ҳамаи он чизе, ки бо ман мемонад, ин бадном шудан аст.*

*Петрус фикр накарда, гуфт: «Не, Худованд! Ту наметавонӣ чунин рафтор кунӣ!».*

*Исо маҷбур буд, то дарҳол нишон бидиҳад, ки фикрҳои Петрус худпарастона ва дунёӣ ҳастанд.*

Ӯ бо чашмони Худо нигоҳ намекард. Ин ҷаҳон аз тарафи шайтон (“худои ин дунё”, 2 Қӯринтиён 4:4) омӯзонида шудааст, ки фоидаи худро биҷӯяд. Подшоҳии осмонӣ тамоман муқобили ин аст. Барои ҳамин ҳам, барои иродаи Худоро иҷро кардан мо бар зидди ҷараёни маданияти худамон бояд биравем, ҳатто агар ин маънои бар зидди баъзе “бародарон ва хоҳарон дар Худованд”, ки фикррониашон аз ҳад зиёд зери таъсири ин ҷаҳон мондааст, баромаданро мефаҳмонад. Петрус одами бад набуд, лекин оиди ин масъала фикрҳои вай зери таъсири ин ҷаҳон монда буд, на зери таъсири Масеҳ. Вай ба ин дигаргунӣ зиддият нишон медод, чунки ҳамаи он чиро, ки бояд рӯй медод, ба худ дигар хел тасаввур мекард.

Боз як мисоли ин ҳақиқат ҷосусоне мебошанд, ки замини Канъонро аз назар мегузарониданд. Исроилиён дар биёбон беш аз як сол сокин буданд, вақте ки Худо ба Мӯсо амр дода буд, ки одамонро бифиристад, то ки Замини ваъдашударо, ки Ӯ мехост онҳо тасарруф кунанд, ҷосусӣ намоянд. Мӯсо дувоздаҳ сарваронро, якнафарӣ аз ҳар сибт, интихоб кард. Ду нафари онҳо Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб буданд.

Вақте ки ҷосусон, заминро аз назар гузаронида, баргаштанд, нақлҳои онҳо оиди он ки онҳо чиро диданд ва чӣ кор кардан лозим буд, ихтилофнок буданд. Даҳ нафари онҳо гуфтанд:

> “Аммо қавме ки сокини он заминанд, пурзӯранд, ва шаҳрҳояшон ҳисордори азим аст, ва фарзандони Анокро низ

дар он ҷо дидем; амолеқиён дар замини Наҷаб сукут доранд, ва ҳиттиён ва ябусиён ва амӯриён дар кӯҳистон сокинанд, ва канъониён назди баҳр ва соҳили Ӯрдун сукунат доранд... ба он қавм наметавонем муқобил бароем, зеро ки онҳо аз мо пурзӯртаранд. Ва дар бораи замине ки онро ҷосусӣ карда буданд, дар миёни банӣ-Исроил овозаи бад паҳн намуда гуфтанд: “Замине ки онро бо мақсади ҷосусӣ карданаш тай намудем, заминест, ки сокинони худро мехӯрад, ва тамоми қавме ки андаруни он дидем, одамони бузургҷуссанд” (Ададҳо 13:28-29, 31-32).

Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун хабари дигар оварданд:

“Ва Колеб қавмро пеши Мӯсо таскин дода, гуфт: “Ба яқин, мо баромада, онро ба тасарруфи худ хоҳем даровард, зеро ки метавонем бар он ғолиб оем”... агар Худованд ба мо таваҷҷӯҳ кунад, моро ба ин замин оварда, онро ба мо хоҳад дод, - ба замине ки шир ва асал дар он ҷорист; фақат ин ки бар зидди Худованд балво накунед, ва аз қавми он замин натарсед, зеро ки онҳо тӯъмаи мо хоҳанд шуд: пуштибонашон аз онҳо дур шудааст, ва Худованд бо мост, аз онҳо натарсед”” (Ададҳо 13:30; 14:8-9).

Ҳамаи он дувоздаҳ нафар барои ҷосусӣ кардани Замини ваъдашуда якҷоя равон шуданд. Онҳо айни ҳамон заминҳо, шаҳрҳо ва одамонро диданд. Чаро даҳ нафари онҳо бо як хабар, ду нафари дигар бошанд, тамоман бо муқобилаш баргаштанд? Гап дар сари дарккунии онҳо буд!

Худо дар бораи Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун гуфт, ки онҳо рӯҳи дигаре доштанд, чунки онҳо Ӯро комилан пайравӣ менамуданд (Ададҳо 14:24). Бо дигар суханон, онҳо аз хоҳишҳои одамӣ ба иродаи Худо гузаштанд. Онҳо бо чашмони Худо медиданд, на ин ки аз нуқтаи назари худмуҳофизаткунӣ. Ин калиде аст барои

фаҳмиши он, ки чаро даҳ нафар ҷосусон айни ҳамон чизро на мисли Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб медиданд. Даҳ нафар ҷосусон аз хоҳиши Худо дида, бештар дар бораи бароҳатӣ, бехатарӣ ва оилаҳояшон ғамхорӣ мекарданд. Онҳо дар бораи ҳаёти худ фикр мекарданд, на дар бораи Подшоҳии Худо. Онҳо дарк намекарданд, ки Худо онҳоро ҳеҷ гоҳ тарк намекунад ва дар ҳама чизе, ки Ӯ онҳоро даъват намудааст, комёбӣ медиҳад. Боқимондаҳо аз халқ низ фикри нодуруст доштанд, чунки онҳо гуфтанд:

> “Ва тамоми банӣ-Исроил аз Мӯсо ва Ҳорун шиква карданд, ва тамоми ҷамоат ба онҳо гуфтанд: “Кошки дар замини Миср мемурдем, ё дар ҳамин биёбон ҷон медодем! Ва чаро Худованд моро ба ин замин мебарад, то ки мо ба дами шамшер биафтем, ва занону кӯдакони мо ба асирӣ бурда шаванд? Оё барои мо беҳтар нест, ки ба Миср баргардем?”” (Ададҳо 14:2-3).

Исроилиён “рӯзҳои некро” дар Миср ба ёд меоварданд, яъне вақтҳоеро, ки онҳо то серӣ хӯрок мехӯрданд ва дар ҳаёти онҳо як устувории муайян буд. Гарчанде ки онҳо дар Миср ғуломон буданд, он чизе, ки онҳо ба он дучор шуданд, чунин ба назар мерасид, ки ҳатто нисбат ба ғуломии онҳо хеле вазнинтар буд. Ҳамаи онҳо ба тағйиротҳои зарурӣ зиддият нишон медоданд. Онҳо худро дар бехатарӣ эҳсос карданро сар карданд, чунки ба биёбон одат карда буданд, гарчанде тарзи ҳаёти кӯчманчиёна ва ғизои онҳо на он қадар ҳам хуб буданд. Дар натиҷа, онҳо оқибат Замини ваъдашударо надиданд ва иродаи Худоро дар ҳаёти худ иҷро накарданд.

Аммо Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб бояд ба мақсад кӯшиш мекарданд. Он зиддияте, ки онҳо ба он дучор шуданд, аз “бародарони” худашон мебаромад, ки мехостанд онҳоро тамоман хомӯш созанд. “Ва тамоми ҷамоат гуфтанд: “Онҳоро сангсор бояд кард!”” (Ададҳо 14:10). Он касоне, ки ба Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб зиддият нишон медоданд, фикрронии навнашуда доштанд, ва то ба

ҳол мисли ин ҷаҳон фикр мекарданд ва медиданд. Онҳо роҳҳо ва тариқҳои худро нигоҳ медоштанд ва риоя мекарданд... ва ҳамчунин фикррониии биёбонро.

Ба мисли Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб, ҳаввори Павлус гуфт, ки ӯ бояд он чиро, ки дар қафост, аз хотир баровварда, ва ба сӯи мақсад, ба мукофоти осмонӣ, шитобад (Филиппиён 3:14).

Биёед боз Ишаъё 43:18-19-ро мехонем; ин насиҳат, бе шубҳа, моро имрӯз илҳом мебахшад:

"Аммо вақоеи пешинаро ба хотир наоваред,
ва ба мӯъҷизоти қадимӣ диққат надиҳед.
Инак, Ман чизи наве месозам, ки он алҳол ба зуҳур меояд.
Магар аз он воқиф нестед?
Ба яқин, роҳе дар бодия,
ва наҳрҳо дар биёбон ба вуҷуд хоҳам овард".

Мутаассифона, имрӯз ҳам бисёриҳо ба ҷои он ки иродаи Худоро иҷро карда истода, ба ғалаба кӯшиш бикунанд, дар ғуломии "бехатар"-и худ истоданро авлотар медонанд. Онҳо аз ҳақиқати одатиашон, вале пурғуссаашон дида, аз он тағйиротҳое, ки дар пеш истодаанд, бештар метарсанд. Инчунин одамоне ҳастанд, ки аз он корҳое, ки Худо аллакай дар ҳаёташон кард, қаноатманданд, ва намехоҳанд даъватҳои навро қабул кунанд. Худо дар асл ба воситаи онҳо корҳои бузургро кардааст, аммо онҳо дар комёбиҳои пештараи худ бозистоданд.

Итоат ба иродаи Худо ҳаёт ва озодӣ медиҳад, ва тарзи ягонаи пайдо кардани қаноатмандии ҳақиқӣ аст. Аммо кӯшиш ба мукофоти осмонӣ дар вазъияти ҳозираи мо ғайриимкон намуданаш мумкин аст. Худо ба воситаи пайғамбар Ишаъё гуфт, ки Вай чизи наве месозад, вале он дар биёбон зоҳир мешавад. Бо дигар суханон, вақте ки Рӯҳи Худоро пайравӣ мекунем, то ки иродаи Ӯро иҷро кунем, мо ба вазъияте мефароем, ки ғайриимкон менамояд. Аммо мо медонем, ки он чӣ барои одамон ғайриимкон аст, барои Худо имконпазир

аст (Луқо 18:27). Дар дигар тарафи биёбони ҳозираи шумо ғалаба, қаноатмандӣ ва ҳаёти комил ҷойгиранд.

Мисли ин даҳ ҷосусон ва ҳамаи он одамоне нашавед, ки хоҳишҳои Худоро қабул кардан нахостанд ва ба дигаргуниҳое, ки онҳоро метавонистанд аз маҳрумиятҳои онҳо дар биёбон озод намоянд, муқобилат нишон доданд. Бар ивази ин, бо боварии комил ба пеш ба Замини ваъдашуда – ба мукофоти осмонии Худо, ки барои шумо тайёр шудааст, биравед!

# 7

# РОҲИ БЕҲТАРИНИ ХУДО

*“Душвориҳо ин на танҳо восита мебошанд. Ин воситаи аз ҳама самаранок барои пешравии ҳаёти рӯҳонии мост. Вазъиятҳо ва воқеаҳое, ки мо онҳоро ҳамчун пастравӣ (регресс) фикр мекунем, аксар вақт моро ба давраи пурҷӯшу хурӯши камолоти рӯҳонӣ меоранд. Ҳамон лаҳза ки мо фаҳмидани онро сар мекунем ва онро ҳамчун ҳақиқати рӯҳонӣ қабул менамоем, аз сар гузаронидани душвориҳо ба мо осон мегардад”.*

**– Чарлз Стенли**

*“Овозе нидо мекунад: “*
*Дар биёбон роҳе барои Худованд тайёр кунед,тариқе барои Худои мо дар саҳроҳо ҳамвор кунед”.*

**– Ишаъё 40:3**

Тааҷҷубовар аст, ки маҳз дар биёбон Худо роҳи беҳтаринро гузоштааст! Маҳз дар ин ҷо роҳи Ӯ ба сӯи он ҳаёти баланд ё олие тайёр мешавад, ки чӣ тавр Худо зиндагӣ ва фикр мекунад.

Дар тамоми тӯли таърих, кам нафарон ин роҳро пайравӣ намуданд. Аммо ҳозир Худо бисёр касонро тайёр карда истодааст, ки бо он бираванд. Дар бораи ин дар Ишаъё 35:7,8 навишта шудааст:

> “Ва сароб ба кӯл табдил хоҳад ёфт, ва хушкӣ – ба чашмаҳои об… Ва дар он ҷо шоҳроҳе ва ҷоддае хоҳад буд, ва он ҷо роҳи муқаддас номида хоҳад шуд”.

Роҳи Худо дар биёбон рақами ишоравӣ надорад, ба монанди “РҶ 065” ё “Хатсайри М 34”. Он ҳамту қудсият ном дорад.

Яке аз таърифҳои қудсият ин “ҳолати покӣ” мебошад. Исо мегӯяд: “Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид” (Матто 5:8). Исо аз паси калисои номуқаддас ё нопок намеояд; Вай аз паси калисои бе нуқсон ва беайб меояд.

Боре, якчанд даҳсолаҳо пештар, вақте ки ман ҳоло ҷавоне будам, ки акнун қадамҳои аввалинро ба хизматгузорӣ мегузошт, Худованд дар вақти дуо ба ман нишон дод, ки Ӯ ҳаёти маро пок гардониданӣ аст. Ман чунон илҳом гирифта будам, ки ба Лиза гуфтам: “Худо аз ман ҳамаи одатҳои бадро дур мекунад”, ва номбар кардани ҳамаи чизҳои номатлубро, ки Худованд дур карданӣ буд,

сар кардам (шояд, вай ҳатто якчанд чизҳоро илова намуд, ки ман фаромӯш кардам!).

Аммо дар давоми се моҳи оянда ҳеҷ чиз рӯй надод. Дар асл, ҳамааш фақат бадтар шуд, ва ман дарёфтам, ки ҳатто ба покшавӣ бештар эҳтиёҷ пайдо карданро сар кардам.

Дар дуо ман аз Худованд пурсидам: “Чаро одатҳои бади ман намераванд, вале бадтар мешаванд?”

“Писар”, - ҷавоб дод Ӯ, - “Ман гуфтам, ки Ман туро пок гардониданӣ ҳастам. Ту кӯшиш кардӣ, ки онро бо қувваи худ бикунӣ. Акнун Ман инро ба таври Худ мекунам”. Ман хабаре ҳам надоштам, ки ба сафари якуми худ ба биёбон, ки ҳаждаҳ моҳ давом ёфт, рафта истодаам.

## Роҳҳои Ӯ роҳҳои мо нестанд

Дар давраҳои аввали ҳаёти масеҳиям ман бо хизматгузории Ти Эл Осборн шинос шудам. Устод Осборн хизматгузор ва муаллифи бисёр хуб буд. Ҳамроҳи зани худ, Дейзи, ӯ хизматгузории пурқудрати башоратдиҳии шифоӣ ва мӯъҷизотро роҳбарӣ мекард, ки дар давоми якчанд даҳсолаҳо дар тамоми дунё амал мекард. Хизматгузории онҳо даҳҳо миллион нафарро ба наҷот овард.

Бинобар ин, шумо ба худ тасаввур карда метавонед, ки чӣ қадар ман устод Осборнро вохӯрда, илҳом гирифта будам, вақте ки вай ба Даллас барои дар Калисои мо мавъиза кардан омад. Ба ғайр аз ин, бинобар он ки кори ман қабул кардани воизони мусофир буд, ман бо ӯ шахсан шинос шудам. Ти Эл бисёр одами хуб буд. Вақте ки ман бо ӯ будам, ба назари ман чунин менамуд, ки ман бо Исо будам.

Ти Эл ба Калисои мо якчанд маротиба омад, ва мо бисёр наздик шудем. Ӯ ба ман ҳамаи китобҳои худро, ки дар ҷавонӣ, ба хизматгузорӣ тайёрӣ дида истода, меомӯхт, тӯҳфа кард. Ду дафъа ӯ инчунин бисёр либосҳои худро (андозаи мо як буд) ба ман дод. Дар он вақт Лиза ва ман маблағи кофӣ барои харидани либосҳо

надоштем; бинобар ҳамин, ин тӯҳфаҳо ба ман хеле кӯмак карданд. Пас аз ин ташрифҳо, ӯ ва Дейзи барои Лиза ва ман ҳамчун падар ва модар шуданд.

Солҳои пеш, вақте ки ман ҳоло ҳам дар як ширкати амрикоӣ кор мекардам, дар як хизматгузорие, ки Ти Эл Осборн мавъиза кард, Рӯҳулқудс ба ман пичиррос зад: “Вақте меояд, ва ту ба вай хизмат хоҳӣ кард. Ту барои устод Осборн кор мекунӣ”. Бинобар ин ман фикр кардам, ки ин чиз тасдиқ намуд, ки ман узви дастаи ӯ мешавам, ва дар оянда ба ҳамин монанд хизматгузории башоратдиҳиро оғоз мекунам.

Лекин ҳеҷ чиз рӯй намедод; ман то ҳол дар биёбон будам. Офиси марказии хизматгузории Осборнҳо дар Талс буд, вале онҳо дар Орландо зиндагӣ мекарданд. Вақт мегузашт, ва ман, барои хизматгузории худро оғоз намудан, фишори сахти дохилиро эҳсос мекардам, то ба дараҷае, ки ман қарор кардам, ки бояд ба Орландо бикӯчам, то ки ба Осборнҳо наздик бошам. Мақсади ман духела буд. Дар аввал, ин ба Ти Эл мефаҳмонид, ки ман дигар дар ягон калисо хизмат намекунам. Ӯ бениҳоят одами ростқавл буд. Ман медонистам, ки вай ҳаргиз маро, аз калисои мо гирифта бурда, ба хизматгузорӣ намегирад. Дуюмаш, ба Орландо кӯчида, ба Лиза ва ман осон мешуд, ки ба хизматгузории онҳо ҳамроҳ шавем. Ба ин шаҳр ба иёлати Флорида кӯчида, ман барои ӯ дастрас мешудам.

Албатта, ман медонам, ки ман каме аз ҳад гузаронидам. Лекин ман бисёр мехостам ба Худо “кӯмак бикунам”, ки маро ба даъвати ҳақиқии ман равона кунад.

Инак, ман аз шубони худ дар Даллас хоҳиш намудам, ки бо ман вохӯрад, то ки ба вай дар бораи рафтанам аз хизматгузорӣ ва кӯчиданам ба Орландо хабар диҳам. Лекин як рӯз пеш аз ин вохӯрӣ се шубон аз се шаҳрҳои гуногун ба ман занг заданд. Ҳар яке аз онҳо дар бораи он ки ман дар рӯзи оянда чӣ кор карданӣ ҳастам фаҳмида, айни ҳамон саволро дод: “Лиза пурра бо ту розӣ аст?”.

Вай норозӣ буд. Якчанд бор вай ба ман гуфт: “Ҷон, ман ба

роҳнамоии ту итоат мекунам, лекин ман дар дилам эҳсос мекунам, ки ту нодуруст рафтор карда истодаӣ".

Ман суханони ӯро ба назари эътибор намегирифтам. Ман фикр мекардам: *"Лиза ҳамту намефаҳмад, ва* модоме ки ман сардори оила ҳастам*, вай бояд ба ман итоат кунад".* Чӣ қадар фикрҳои ман хом ва аблаҳона буданд!

Вақте ки шабона бевақтӣ ба ман шубони сеюм занг зад ва айни ҳамон саволро дод, ки ду нафари дигар то ӯ дода буданд, дар ман чизе шикаста шуд. Чашмони ман кушода шуданд, ва ман дидам, ки ба Худо кӯшиши кӯмак расониданро барои иҷро кардани нақшаҳои Ӯ карданӣ будам ба ҷои он ки ба Ӯ иҷозат диҳам, ки инро бикунад.

Дар рӯзи оянда Лиза ва ман бо шубони ман ва зани ӯ вохӯрдем. Ман ба ҳардуи онҳо нақл кардам, ки чаро ман вохӯриро хоҳиш кардам, аммо пас аз ин зангҳо бегоҳирӯзии гузашта, ман фикрамро тағйир додам. Онҳо бисёр боилтифот буданд ва ба Лиза ва ман хабар доданд, ки онҳо ҳоло ҳам мехоҳанд, ки ман бо онҳо бимонам. Ман метавонистам хизматгузории худро давом диҳам.

Ман эҳсос кардам, ки чӣ хел вазнинии калон аз китфони ман афтоданд, ва ман ба он тайёр будам, ки Худи Худо ба ҷои мо амал кунад. Ман хабар ҳам надоштам, ки ҷараёни покшавӣ ҳоло тамом нашуда буд. Боз як мавҷ фаро мерасид, ки худи ҳамон рӯз ба сари ман омад.

Аллакай баъд аз шаш соат пас аз он, ки ман бо шубони худ ва зани ӯ вохӯрдам, ман дар хона будам ва либоси варзишии худро пӯшида истода будам, то ки ҳамроҳи дигар кормандони калисои мо ба баскетболбозӣ равам. Телефон занг зад. Ин Ти Эл Осборн буд! Мулоимтар карда гӯем, ман дар ҳайрат монда будам!

Дар вақти ин занги телефонӣ, ки навад дақиқа давом кард, ӯ ба Лиза ва ман дар хизматгузории онҳо кор пешниҳод намуд. Мо бояд ба Дейзи ва ӯ кӯмак мерасонидем, ва инчунин ҳамроҳи онҳо ба тамоми дунё сафар менамудем. Мо инчунин бояд дар Талс калисоро оғоз менамудем, ки намунаи асос ёфтани дигар

калисоҳо мегардид. Мақсади ин оғоз намудани чунин калисоҳо дар тамоми дунё буд, дар он ҷойҳое, ки онҳо ҷамъомадҳои бузурги башоратдиҳии худро мегузарониданд.

Дар вақти ин занги телефонӣ ман доимо фикр мекардам: "Падар, ман медонистам, ки Ту амал мекунӣ, лекин ман аз он дар ҳайратам, ки чӣ қадар зуд Ту инро кардӣ!" Душвор аст ифода кардани он ҳайрат ва илҳоме, ки ман, бо телефон бо Ти Эл гап зада истода, аз сар гузаронидам. Ман боварӣ доштам, ки ин баромадан аз биёбон буд, ки ман интизораш будам. Ман чунон хушбахт будам! Чунин ба назар мерасид, ки ман метавонам ҷаҳида ва сарамро ба шифти хонаи худ занам. Гӯшаки телефонро гузошта, Худоро шукргузорӣ карда, ман баромадам, аммо ҳиссиёти манъкунанда ё дудилагиро дар рӯҳи худ эҳсос кардам. Ин мисли ҳиссиёти нохуш ва азобдиҳанда чуқур дар ботин буд.

Ман фикр кардам: *"Не, Худо, не, не, не, Ту наметавонӣ ин корро кунӣ! Ин он чи*зе, ки Ту ба ман солҳои пеш ваъда дода будӣ, ки рӯзе ман барои Ти Эл Осборн кор мекунам! Ту наметавонӣ инро манъ кунӣ!"

Эҳсосоти манъкунанда маро тарк намекард. Се рӯз болои ҳам ман бо тамоми қувват кӯшиш менамудам, ки инро дар дуо аз худ дур созам ва аз ноороми халос шавам. "Худо, дар ин масъала ба ман хурсандӣ бидеҳ!", нидо мекардам ман. Лиза ҳам манъшавиро эҳсос мекард, гарчанде вай ҳам мехост бо Осборнҳо кор кунад.

Ниҳоят, ман қарори охиринро барои бовар накардан ба он ки ин ноустуворӣ метавонад аз ҷониби Худо бошад, қабул кардам (боз як қадами хом ва ҳатто хатарнок аз тарафи ман). Инак, Лиза ва ман барои мусоҳиба ба Оклахома парвоз кардем, ва чунин ба назар мерасид, ки ҳамааш мувофиқат мекард. Ти Эл ва Дейзи ба мо расман ин корро пешниҳод карданд ва моро ба тамоми дастаи хизматгузории онҳо дар вақти ҷашни Мавлуди Масеҳ шинос карданд.

Мо ба Даллас баргаштем, ва ман вазифаи худро дар калисо

гузоштам. Вале эҳсосоти манъкунанда намерафт. Ман соатҳоро дар дуо мегузаронидам, ва то ба ҳол ҳаяҷону изтиробро эҳсос мекардам. Ман кӯшиш мекардам, ки зиёдтар дуо хонда, аз ин ҳиссиёти нохуш халос шавам, аммо ҳеҷ чиз тағйир намеёфт.

Ниҳоят, ман ба Лиза гуфтам:

-Намедонам, чӣ рӯй дода истодааст, аммо корҳо хуб нестанд.

-Ман ҳам чунин ҳиссиёт дорам, - розӣ шуд вай.

-Ман ба Ти Эл занг задам ва ба ӯ дар бораи он чизе, ки эҳсос мекардам, нақл кардам. Вай пешниҳод кард:

-Биё вомехӯрем ва дар ин бора гап мезанем.

-Мо ба Талса парвоз кардем, ва пас аз вохӯрии дусоатина, Ти Эл гуфт:

-Мо ба шумо ин вазифаро пешниҳод намудем, чунки мо шуморо дар ҳақиқат дӯст медорем ва медонем, ки шумо ҳам моро дӯст медоред. Лекин мо фикр карда истодаем, ки шояд, ин аз Худо набошад.

-Ман ҳам намефаҳмам, - гуфтам ман, вале ман фикр мекунам, ки шумо ҳақ ҳастед.

Ман бовар карда наметавонистам, ки ин суханон аз даҳони ман баромаданд. Тамоми худдории ман лозим шуд, то ки инро бигӯям. Кор бо Ти Эл Осборн орзуи деринаи ҳаёти ман буд.

Дар он солҳо ман саҳарӣ барвақт аз хона мебаромадам ва аз якуним то ду соат дуо мехондам. Лекин пас аз ин ноумедӣ, ки бо қаҳрамони ман, Ти Эл Осборн, вобастагӣ дошт, дар давоми ду ҳафта, аз хона саҳарӣ барвақт баромада, ман наметавонистам дуо кунам. Чунин ба назар мерасид, ки ман танҳо гиря карда метавонистам. Ман метавонистам ҳамаи он чизҳоеро, ки дар давоми ду моҳи охир рӯй доданд, бовар накарда, танҳо ба ёд орам. Андӯҳи ман тасвирношуданӣ буд. Ман гӯё ба марги одами дӯстдоштаам навҳа мекардам. Баъд аз ду моҳ ман дар ҷое будам, ки маро ҳеҷ кас шунида наметавонист, ва ман ҳамту ба тамоми овоз дод задам:

-Чаро?! Чаро Ту маро маҷбур сохтӣ, ки инро гузорам? Шаш сол

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #7 Дар интихоби дӯстон эҳтиёткор бошед

Шояд, ин шуморо ба ҳайрат ҳам наорад, лекин аксар вақт аз ҳама танқидкунандагони нешдор ва душманони ашаддии мо, чуноне ки мо фикр мекардем, ин одамоне мебошанд, ки дар тарафи мо буданд! Аксаран таъқиботҳо аз тарафи он касе меоянд, ки шумо ӯро дӯсти худ мешуморидед.

Дар биёбон таъқиботи ҳақиқӣ буда метавонанд, ва мо бояд бохабар бошем, ки

Масеҳро пайравӣ карда, ба таъқибот дучор шуда метавонем. Ҳаввориӣ Павлус мегӯяд: “Ва ҳамаи онҳое ки мехоҳанд парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд” (2 Тимотиюс 3:12). Таъқибот ин қисми ҷараёни покшавӣ аст. Ва кӣ метавонад таъқибкунандаи шумо бошад? Масалан, риёкорон – одамоне, ки ба халқи Худо ҷафс шуданд ва имондор менамоянд, гарчанде дар асл, дили онҳо ба Худо моил нест. Ана барои чӣ Павлус дар бораи Янис ва Ямбрис, ки ба муқобили Мӯсо қиём карда буданд, менависад. Он одамон аз ҷамъияти Худованд буданд, на ин ки аз берун.

Павлус баъзе аз таъқибот ва хатарҳоеро, ки вай аз сар

қабл Ту бо ман сухан рондӣ ва гуфтӣ, ки ман барои ӯ кор мекунам. Чаро?!

Ман ҳаргиз он чиро, ки Худованд ба ман гуфт, аз хотир намебарорам: “Чунки Ман дидан мехостам, ки оё ту ба Ман хизмат мекунӣ ё ба ин орзу?”

Ман дар ҳайрат монда будам.

Ӯ давом дод: “Ана барои чӣ ман ба Иброҳим фармудам, ки Исҳоқро ба қурбонгоҳ гузорад. Ман дидан мехостам, ки оё

гузаронид, тасвир мекунад, ва ба мо мегӯяд, ки баъзе аз душвориҳое, ки ӯ ба онҳо дучор шуд, аз "бародарони козиб" буданд (2 Қӯринтиён 11:26).

Дар биёбон бисёр муфид аст, ки ҳамроҳи худ шахсонеро дошта бошед, ки шуморо дӯст медоранд ва дар бораи шумо ғамхорӣ мекунанд; шахсонеро, ки шуморо дар иродаи Худо талқин мекунанд. Ба шумо танқидҳо лозим нестанд ва низ онҳое, ки шуморо бовар мекунонанд, ки ба гапи Худо гӯш накунед, чӣ тавре ки зан ва дӯстони Айюб рафтор карданд. Ва ба шумо пайғамбарони бардурӯғ, ки хушомадгӯӣ мекунанд, лозим нестанд, дар ҳоле ки ба шумо ислоҳкунии порсоёна лозим аст. Ба шумо шахсоне лозиманд, ки шуморо дӯст медоранд ва бо шумо хиради Худоро ба ҳам мебинанд.

Аммо ҳушёр бошед. Агар касе танқид кардан ва ҳатто айбдор кардани шуморо сар кунад, ки шумо худатон айбдор ҳастед, ки ба биёбон афтодед, шояд, ин шахс дӯсти шумо нест. Рӯҳулқудс моро дар гуноҳ фош месозад, ва аксар вақт Ӯ боз ягон касро истифода хоҳад бурд, то ба мо кӯмак расонад, ки хатогии худро бинем ва тавба кунем. Аммо айбдоркуниҳои доимӣ, ки умед намебахшанд, аз душман мебароянд. Эҳтиёт бошед!

муҳаббати вай ба Ман нисбат ба баракати ваъдашуда, ки Ман ба ӯ дода будам, камтар буд? Ин нишон медод, ки оё вай ба Ман танҳо аз барои ба даст овардани ин орзу хизмат карда, дар асл ба ҳамин орзу хизмат мекард, ё ки ӯ оиди иҷроиши ин орзу ба Ман бовар карда, ба Ман хизмат мекард ва ба ростқавлии Ман бовар менамуд?"

Суханони Ӯ ба ҳар як савол, ки ман бо онҳо ду ҳафтаи охир мубориза мебурдам, ҷавоб доданд. Ва якумин бор баъди беш аз

ҳаждаҳ моҳ, ман хурӯши хурсандиро дар рӯҳи худ эҳсос кардам. Ҳаёти ман гӯё ки аз нав кушода шуд, ва ман дарк намудам, ва ман эҳсос кардам, чӣ қадар он вақт ман баракатёфта будаам. Ман бо зани зебо хонадор будам, ва мо кӯдаки бисёр хуб доштем. Ман боз ба зани худ ва кӯдаки худ ошиқ шудам. Мо дар манзили нави бисёрхонагӣ зиндагӣ мекардем, ки ҳамагӣ сӣ қадам дуртар аз он ҳавзи оббозӣ ҷойгир буд, ва осмон қариб ҳар рӯз равшан ва офтобӣ буд. Ман пештар ҳамаи инро пайхас намекардам, чунки аз ҳад зиёд бо фишори хизматгузорӣ фаро гирифта шуда будам, яъне ман тавре фикр менамудам, ки  барои писанд омадан ба Худо бояд инро мекардам.

Ҳоло, ҳамаи инро ба ёд оварда, ман мефаҳмам, ки ман аллакай афзалияти кор карданро барои Ти Эл Осборн доштам, мувофиқи он чие, ки Худованд ба ман гуфт. Ман ба Ти Эл Осборн бисёр-бисёр маротиба хизмат карда будам, вақте ки ӯ ба калисои мо дар Даллас ташриф меовард.

Аммо акнун ман кор надоштам. Ман фурӯтанона ба калисо баргаштам, то бифаҳмам, ки оё ман метавонам боз кори худро соҳиб шавам. Ман дар ёд дорам, чӣ тавр ман ба дӯсти худам, ки яке аз ёрдамчиёни шубон буд, нигоҳ кардам, ва гуфтам:

-Ба назарам чунин менамояд, ки ман ҳамон қадар хурд ҳастам, ки аз таги ин дар гузашта метавонам.

Ман маҳз чунин гуфтам. Ман ба ҳама гуфта будам, ки ман бо Ти Эл ва Дейзи кор хоҳам кард. Шубони мо ҳатто дар бораи ин аз саҳна эълон карда буд, аммо ин рӯй надод.

Калисо боилтифотона ба ман дигар корро дар ним ставка дод, ва ман дар он ҳашт моҳ хизмат кардам. Баъд аз ин давраи ояндаи хизматгузории ман, яъне он чизе, ки Худо барои он маро тайёр менамуд, фаро расид. Аз ман хоҳиш намуданд, ки узви дастаи яке аз ҳама калисоҳои зудафзоянда дар Амрико бишавам. Ман бояд шубони ҷавонони онҳо мешудам. Ин ба таври аҷиб рух дод. Ману Лиза медонистем, ки ин аз ҷониби Худо буд. Ман аллакай ҳаёти нав

ва рӯъёи тару тоза доштам, чунки ман аллакай машки омодашуда барои ин хизматгузории нав будам, ва дар худ шароби тару тозаи навро доштам.

## Роҳи покшавӣ

Дар тӯли асрҳо аз он вақте, ки Исо аз замин бардошта шуд, пайравони Ӯ кӯшиш менамуданд, ки қудсиятро бо қувваи худ ба даст оранд. Дар натиҷаи ин кӯшишҳои беҳуда як қатор равияҳои динии калон тавлид шуданд. Лекин мо ҳамту худро мутеи шариат гардонидем, чунки қудсият ин натиҷаи кори файзи Худо аст, на ин ки маҳдудияти зоҳирии ҷисм.

Худо ба фурӯтанон файз мебахшад, на ин ки ба мағрурон. Шахси мағрур гумон мекунад, ки принсипҳо, қоидаҳо ва дастурҳои навишташударо риоя карда, қудсиятро метавон бе ёрии Худо ба даст овард. Шахси фурӯтан медонад, ки ин бефоида аст, ва ба файзи (қувваи) Худованд такя мекунад. Муносибати наздик бо Худо пок аст, чунки танҳо ба воситаи чунин муносибат одам барои риоя кардани қонунҳое, ки дар дилаш навишта шудааст, метавонад қувват бигирад.

Бисёре аз мо кӯшиш намудем, ки қудсиятро ба воситаи итоат ба ҳарфҳои Аҳди Нав ё ба ақидаҳои ғайрибиблиявии муайян ба даст орем, ва шарманда шудем. Ба мисли яҳудиён, ки ҳарфи шариатро риоя карда, бенатиҷа кӯшиш менамуданд, ки наҷотро ба даст оранд, мо наметавонем, ки ин қоидаҳоро риоя карда, дар қудсият роҳ гардем. Бисёриҳо рафтор ё амали муайянро риоя карда, худро бо фикрҳои қонунпарастӣ маҳдуд гардонидаанд. Онҳо барои ба даст овардани қудсияти ботини кӯшиш карда, маҳдудияти зоҳириро истифода бурданд.

Аммо Худо ба намуди зоҳирии қудсият нигоҳ намекунад; Ӯ тағйироти ботинии дили шуморо мехоҳад, чунки дили пок ба рафторҳои пок меорад. Исо дар Матто 23:26 гуфтааст: "Аввал даруни

коса ва табақро (дилро) тоза кун, то ки беруни он низ тоза бошад".

Агар дили шумо пок бошад, шумо намехоҳед чунин рафторҳоеро содир кунед, ки ба номи Исо доғ меоранд.

Шумо аз сайтҳои порнографӣ дар интернет худро дур мегиред, ё ки либосҳои бисёр ба худ ҷалбкунандаро дар бар намекунед. Бисёр мардон ва занон бо он меболанд, ки боре ҳам ҷудо нашудаанд, лекин, агар дили онҳо нисбати ҳамкорашон аз шаҳват пур бошад, ё ки онҳо баъзан вақт порнографияро тариқи интернет тамошо кунанд, оё ин қудсият аст?

Агар дили шумо пок бошад, компютер ё смартфон шуморо ба ҷустуҷӯи чизҳои беасос тела намедиҳанд. Технология худ аз худ шуморо нопок намегардонад. Шумо қарорҳои муайянро аз рӯи он чизе, дар дили шумост, қабул мекунед. Агар дили шумо пок бошад, шумо танҳо он чизро хоҳиш мекунед, ки Худо хоҳиш мекунад.

Биёбон яке аз кӯраҳоест, ки Худо истифода мебарад, то ки ниятҳову мақсадҳои моро пок гардонад. Худо дилҳои моро то баргаштани Худ аз паси калисои Худ тайёр мекунад. Худо насли одамонеро мебардорад, ки ҷалоли Ӯро нишон медиҳанд, на аз они худро, одамонеро, ки ба сурат ва шабоҳати Вай офарида шудаанд ва мутобиқи хислати Ӯ рафтор мекунанд:

> "Вале дар хонаи калон на танҳо зарфҳои тилло ва нуқра, балки чӯбин ва гилин ҳам ҳаст, ва аз онҳо баъзе барои истеъмоли иззатнок аст, ва баъзе барои истеъмоли зиллатнок. Пас, ҳар кӣ худро аз инҳо (гуноҳ/қонунвайронкунӣ) пок кунад, зарфе барои истеъмоли иззатнок хоҳад буд, ки он муқаддас ва қобили истифодаи соҳибаш мебошад ва тайёр ба ҳар амали нек" (2 Тимотиюс 2:20-21).

Диққат диҳед, ки ду намуди зарфҳо ҳастанд – барои истифодаи иззатнок ва зиллатнок. Калимаи юнонии *"атимия",* ки ҳамчун "зиллатнок" тарҷума шудааст, маънои "бадномӣ, маломат, шармандагӣ, зиштӣ"-ро дорад. Калимаи юнонии *"тиме"* , ки ҳамчун "иззат-

нок” тарҷума шудааст, маънои «гаронбаҳо”-ро дорад. Худо мегӯяд: “Ва агар гаронбаҳоро аз ночиз берун оварӣ, мисли даҳони Ман хоҳӣ буд” (Ирмиё 15:19). Гаронбаҳо аз ночиз ба воситаи покшавии ҷиддӣ ё аз омехтаҳо озод шудан берун оварда мешавад.

Малокӣ пайғамбари Аҳди Қадим аст, ки дар бораи замонаҳои Аҳди Нав бисёр нубувват кардааст. Лекин гап дар он буд, ки ӯ истилоҳоти (терминологияи) Аҳди Навро намедонист. Бинобар ин, вай чунин калимаҳоро ба монанди “левизодагон” ё “коҳинон” истифода бурдааст, то ки он чиро, ки ӯ дидааст, ва он чиро, ки ба ӯ аз ҷониби Рӯҳулқудс дар бораи масеҳиёни Аҳди Нав гуфта шудааст, тасвир кунад.

Малокӣ пешгӯӣ кардааст, ки Худованд ба маъбади Худ (ба калисои Худ) меояд, пеш аз он ки Ӯ баои гирифта бурдани маъбади Худ меояд. Мақсади Ӯ  покгардонӣ аст. Вай менависад:

> “Ва ҳамчун гудозанда ва тозакунандаи нуқра нишаста, банӣ-Левиро тоза хоҳад кард, ва онҳоро мисли тилло ва нуқра гудохта, беғаш хоҳад гардонид, то ки ҳадияро барои Худованд аз сидқи дил пешкаш намоянд” (Малокӣ 3:3).

Левизодагон ин рамзи “каҳонати шоҳона” (1 Петрус 2:9) ё пайравони Масеҳ дар калисо мебошанд. Азбаски Худо покшавии ин каҳонатро бо ҷараёни тозашавии тилло ва нуқра муқоиса мекунад, оиди хислати тилло ва нуқра ва оиди он ки чӣ тавр онҳо тоза карда мешаванд, донистан муфид хоҳад буд. Ман фақат дар бораи тилло мегӯям, чунки ҷараёни тозашавии ҳарду металл қариб якхел сурат мегирад.

Тилло ранги зебои зард дорад ва ҷилои мулоими металлиро нурпошӣ мекунад. Он дар табиат бисёр васеъ паҳн гаштааст, аммо дар намуди тоза ҳамеша бо миқдори кам ва аҳёнан вомехӯрад. Пас аз тозакунӣ тилло нарм, мулоим мегардад ва дар таркибаш зангзанӣ ва дигар моддаҳоро надорад. Бо дигар металлҳо (бо мис,

оҳан ва никел) омехта шуда, тилло сахттар, на он қадар мулоим ва ба зангзанӣ бештар дучоршаванда мегардад. Чунин омехта хӯла ном дорад. Чӣ қадаре ки фоизи дигар металлҳо баланд бошад, ҳамон қадар тилло сахттар мешавад. Ва баръакс, чӣ қадаре ки таркиби фоизии металл паст аст, ҳамон қадар он мулоим аст.

Мо дарҳол қиёсро мебинем: дили тоза назди Худо ба тиллои тоза монанд аст. Дили тоза нарм, меҳрубон ва мулоим мебошад. Бинобар ин, чуноне ки Рӯҳулқудс мегӯяд,

> ““Имрӯз агар овози Ӯро бишнавед,
> Дилҳои худро сахт накунед,
> мисли замони ошӯб,
> мисли рӯзи озмоиш дар биёбон...”
> Балки якдигарро ҳар рӯз насиҳат диҳед, то даме ки “имрӯз” гуфта мешавад,
> ки касе аз шумо ба фиребҳои гуноҳ афтода, сахтдил нашавад...” (Ибриён 3:7-8,13, NLT).

Гуноҳ ин моддаҳои иловакардашудае мебошад, ки дилҳои моро сахт гардонида, тиллои тозаи моро ба хӯла табдил медиҳад. Бе дили мулоим, мо ҳассосияти худро гум мекунем ва наметавонем овози Худовандро шунавем.

Бадбахтона, имрӯз бисёр одамоне, ки дар ин ҳолат ҳастанд, намуди порсоиро доранд, аммо на дили ҳассоснокро, ки барои Худованд оташ мегирад. Ин муҳаббати ҷонгудоз нисбат ба Худо ба муҳаббати сарди худхоҳона, ки танҳо лаззату ҳаловат, бароҳатӣ ва фоидаро барои худ меҷӯяд, иваз карда шудааст. Чунин шуморида мешавад, ки порсоӣ манбаи фоида аст (1 Тимотиюс 6:5), ин одамон аз ваъдаҳо танҳо фоидаро меҷӯянд, ва нафаҳмида ё ки фикр накарда, Он Касеро, ки ин ваъдаҳоро додааст, инкор мекунанд. Фирефта шуда, онҳо аз ин олам ҳаловат мебаранд, инчунин интизор мешаванд, ки осмонро ба даст оваранд! Ин на он чизе аст, ки Худо мехоҳад:

> “Дини пок ва беайб ба ҳузури Худо ин аст, ки... худро аз олам олуда накарда нигоҳ дорем” (Яъқуб 1:27, NLT).

Исо ба калисое бармегардад, ки муқаддас аст ва на доғе дошта бошад, на нуқсоне, на чизе монанди ин (Эфсӯсиён 5:27) – барои бадане, ки аз одамоне иборат буда, дилҳояшон бо ин олам олуда нашудааст.

Боз як хислати тилло ин устувор будан ба зангзанӣ аст. Гарчанде ки дигар металлҳо аз сабаби шароитҳои муҳит тира мегарданд, тиллои тоза ба ин таъсирот дода намешавад. Хиштӣ (хӯлаи зарди мис ва руҳ (цинк)) гарчанде тиллоро ба ёд орад ҳам, лекин чунин намебошад. Хиштӣ (латунь) осон тира мегардад. Он ба тилло монанд аст, лекин хислатҳои онро доро нест. Дар калисо зарфҳо аз хиштӣ ҳастанд, ки намуди тиллоро доранд, лекин чунин намебошанд. Танҳо оташи тозакунанда фарқро байни ин ду нишон медиҳад. Малокӣ дар бораи он мегӯяд, ки баъд аз тозашавӣ чӣ рӯй медиҳад:

> “Ва шумо аз нав фарқи байни одил ва шарирро, байни касе, ки ба Худо хизмат мекунад, ва касе, ки ба Ӯ хизмат намекунад, хоҳед дид” (Малокӣ 3:18).

Биёед ба тозашавии тилло бармегардем. Аз сабаби зиёд будани будани моддаҳои дигар дар тилло, он на фақат сахт мегардад, балки ба зангзанӣ ва вайроншавӣ низ бештар дучор мешавад. Муҳити ин оламе, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, ба он осонтар таъсир мекунад.

Дар замони ҳозира роҳҳои ин олам ба калисо дохил шуданд. Мо маданияти ин ҷаҳонро ба худ гирифта, доғдор шудаем. Дар Амрико арзишҳои калисо бо арзишҳои дунёӣ омехта шуда, ифлос шудаанд. Аксар одамон бепарвоянд ва дарк намекунанд, ки ба покшавӣ эҳтиёҷ доранд.

Малокӣ 3:3 нишон медиҳад, ки Исо калисои Худро аз таъсири

ин ҷаҳон пок карданист, чуноне ки гудозанда тиллоро тоза мекунад. Дар ҷараёни тозашавӣ тилло майда-майда карда шуда, ба хока табдил дода мешавад, баъдан бо як моддае, ки флюс ном дорад, омехта карда мешавад. Ин омехтаро ба оташдон мегузоранд ва дар оташи бисёр баланд об мекунанд. Металлҳо ё омехтаҳои дигар ба флюс ҷазб мешаванд ва ба сатҳи боло мебароянд. Тилло ( ки вазнинтар аст), дар таг мемонад. Омехтаҳо (ба монанди мис, оҳан ва руҳ дар якҷоягӣ бо флюс) баъдан нобуд карда мешаванд.

Ана акнун ба он диққат диҳед, ки чӣ гуна Худо тоза мегардонад:

> "Ва дасти Худро бар ту хоҳам баргардонид, ва ғашши туро дар ишқор тоза хоҳам кард, ва тамоми нопокии туро дур хоҳам сохт; ва доварони туро мисли пештара ва мушовирони туро мисли аввала хоҳам баргардонид; пас аз он ту "Шаҳри адолат, пойтахти амин" хонда хоҳӣ шуд" (Ишаъё 1:25-26).

Худо кадом оташро барои пок гардонидани мо истифода мебарад? Ҷавоб дар порчаи навбатӣ дода шудааст:

> "Дар ин бора шодӣ кунед, дар сурате ки ҳоло, агар лозим шавад, аз озмоишҳои (ё имтиҳонҳои) гуногун андаке андӯҳгин мешавед. Имони шумо аз тилло, ки бо вуҷуди озмуда шуданаш дар оташ ҳам фонӣ мебошад, гаронбаҳотар аст. Ин имон аз имтиҳон мегузарад ва барои ҳамд ва шавкат ва ҷалол дар вақти зуҳури Исои Масеҳ холис ба миён меояд" (1 Петрус 1:6-7).

Оташи Худо барои покгардонӣ ин озмоишҳо ва душвориҳое ҳастанд, ки воситаҳои асосӣ дар биёбон мебошанд. Оташи баланди онҳо омехтаҳои моро аз хислати Худо дар мо ҷудо мекунад. Ин ба таври назариявӣ моро ба қудсият мебарад (ба зудӣ ман мефаҳмонам, ки чаро ман калимаи "назариявӣ"-ро истифода мебарам).

Хислати дигари тилло дар намуди тозатарин ин шаффофии (қобилияти нигоҳ кардан аз пушти ашё, ҳамчун аз пушти шиша) он аст. “Ва кӯчаи шаҳр – зари холис, монанди шишаи шаффоф” (Ваҳй 21:21). Ҳамон лаҳза ки шумо бо озмоишҳои оташин пок мегардед, шумо шаффоф мешавед! Зарфи шаффоф ба худ ҷалол намеорад, лекин он чизеро, ки дар худ дорад, ҷалол медиҳад. Он диққатро ба худ ҷалб намекунад ва қариб ки ба назар нонамоён аст.

Вақте ки мо пок мешавем, ҷаҳон боз Исоро мебинад. “Агар мо шаффоф бошем, - агар мо ҳақиқатро гӯем, ҳавобаландона рафтор накунем, ба суханони худ вафодор бошем, ростқавл бошем, ва мо ҳеҷ чизи пинҳонӣ надошта бошем, - одамони ин ҷаҳон инро пайхас мекунанд”.

Дар китоби пайғамбар Ишаъё мо инро боз равшантар дида метавонем:

> “Инак, Ман туро гудохтаам, вале на дар бӯттаи нуқра: туро дар кӯраи азиятҳо имтиҳон намудаам. Ба хотири Худам, ба хотири Худам ин корро хоҳам кард, зеро ки чаро исми Ман хор шавад? Ва ҷалоли Худро ба дигаре нахоҳам дод!” (Ишаъё 48:10-11, NLT).

Оташ ва кӯра ин рамзи азобу уқубат аст, на ин ки оташи ҳақиқӣ, ки бо он нуқра (ё тилло) тоза карда мешавад. Ин фаҳмонида медиҳад, ки чаро Ӯ мегӯяд: *“на дар бӯттаи нуқра”.* Озмоишҳои мо ин он оташи баланд аст, ки гаронбаҳоро аз ночиз ҷудо мекунад.

Худо бар зидди иродаи мо ин чизҳоро дур намекунад. Ана барои чӣ Павлус дар 2 Тимотиюс 2:21 менависад, ки одаме, ки пок будан мехоҳад, “худро пок мекунад”. Агар шумо бегуноҳии худро исбот карданӣ бошед, ва минбаъд низ ба нуқсонҳо иҷозат диҳед, ки шуморо боздоранд, Худо шуморо маҷбур намесозад, ки онҳоро тарк кунед. Ҷараёни гузаштаи азобу уқубатҳо бефоида мешавад (маҳз барои ҳамин ман пештар калимаи “назариявӣ”-ро истифода

бурдам). Покшавӣ дар роҳи қудсият ин ҷараёни доимӣ, давомнок ва аксар вақт дардовар аст. Аммо, дар бораи самараҳои он дониста, ман онро қабул мекунам.

Муаллифи Нома ба Ибриён тасдиқ мекунад: "Осоиштагиро... пеша кунед ва қудсиятро толиб бошед, ки бе он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид" (12:14). Исо мегӯяд: "Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид" (Матто 5:8). Довуд, ки дилаш ба сӯи Худо майл дошт, нидо мекард: "Кист ки саҳвҳоро фаҳмида тавонад? Маро аз хатоҳои пӯшидаам пок намо" (Забур 18:13).

Бигзор ин дуои мо бишавад. Агар мо аз Худо хоҳиш кунем, ки дилҳои моро пок гардонад, Ӯ он нопокиҳоеро, ки аз чашмони мо пӯшидаанд, дур месозад. Худо фикрҳо ва ниятҳои ботинии моро медонад, ҳатто вақте ки мо худамон дар бораи онҳо намедонем.

Ман шуморо даъват менамоям, ки донистан ва қабул кардани вақти рӯҳонӣ ва мавсими биёбонро ёд гиред. Вақте ки озмоишҳои оташин меоянд, ба хашм наоед ва дигаронро айбдор накунед; бар ивази ин, кӯшиш кунед, ки мақсади онҳоро бифаҳмед. Дили худро тадқиқ кунед ва ба Худо иҷозат диҳед, ки гаронбаҳоро аз ночиз ҷудо намояд. Ӯ амр медиҳад: "Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам" (1 Петрус 1:16).

Дар хотир доред, покшавӣ ҳама чизи некро мустаҳкам мегардонад ва ҳамаи он чизеро, ки заиф ё палид мегардонад, дур месозад. Хуш омадед ба покгардонии Ӯ, то ин ки шумо тавонед зарфи иззатнок бошед, ки қобилият дорад бо таври бисёр хуб ва шаффоф ҷалоли Ӯро нишон диҳад.

# 8

# АСОСНОК КАРДА БИСОЗЕД

*“Аз ҳама ситораҳои дурахшонтарин ин онҳое мебошанд, ки дар осмони қутбӣ медурахшанд. Аз ҳама оби ширин ин обе аст, ки дар биёбон аз мобайни рег мебарояд. Ва аз ҳама имони гаронбаҳотарин ин имоне аст, ки аз душвориҳо гузашта, зиндагӣ ва ғалаба мекунад. Имони озмудашуда таҷриба медиҳад. Шумо ҳаргиз бовар намекардед, ки заиф ҳастед, агар ки маҷбур намебудед, ки аз душвориҳо гузаред. Ва шумо ҳаргиз қувваи Худоро намедонистед, агар ба он, ки он шуморо аз онҳо гузаронд, эҳтиёҷ намедоштед”.*

**– Чарлз Стенли**

*“Зеро онҳое ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи ҷисмонӣ фикр меронанд, вале онҳое ки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи рӯҳонӣ фикр меронанд”.*

**– Румиён 8:5**

Хизматгузорони Худо, мардон ва занон, на ба воситаи тадҳин, балки ба воситаи хислати худ устувор мегарданд. Ва маҳз дар биёбон, вақте ки фишор меояд, вақте ки ноумедиҳо афзун мегарданд, вақте ки орзуҳо дастнорас ба назар мерасанд, покшавии зарурӣ – ташаккулёбии хислат рӯй медиҳад.

Ман вақтеро дар биёбон дар ёд дорам, вақте ки ман мубориза мебурдам, то ки хашми сахтеро, ки дар ман бардошта мешуд, мағлуб намоям. Ман дар ин бора дар боби аввал гуфтам. Ман аз Худо пурсидам: "Чаро ман ба ҳама ин қадар дар хашм ҳастам? Чиро ба ман лозим аст, ки бубандам ё аз ҳаёти худ биронам?"

Ӯ ҷавоб дод: "Писар, ту наметавонӣ ҷисми худро бубандӣ ё биронӣ; ту бояд онро маслуб кунӣ".

Ман, боз ҳам бештар ранҷида, пурсидам: "Пас ин хашм дар ман аз куҷост? Ман ҳеҷ вақт пештар онро эҳсос намекардам, ҳатто вақте ки ҳоло наҷот наёфта будам".

"Он дар ту солҳои дурудароз буд" – ҷавоб дод Ӯ, - "лекин он мисли омехтаҳое, ки дар ангуштарини тиллоии ту ҳастанд, нонамоён аст, агар он дар оташдон гудохта нашуда бошад. Лекин агар онро дар оташдон гузорем, омехтаҳо ба рӯй мебароянд. Ман, туро ба кӯраи азобу уқубатҳо оварда, хашми туро барои ту намоён кардам".

Ман на он қадар мефаҳмидам, ки он чиро, ки Худо ба ман гуфт,

чӣ тавр дар амал татбиқ намоям. Бинобар ин, Ӯ батафсил сухан гуфтанро шурӯъ кард: “Ту метавонӣ зани худ, ҳамкорони худ, дӯстони худ, фишореро аз он, ки ту кӯдаки навзод дорӣ, ва вазъиятҳои худро айбдор кунӣ. Агар ту чунин рафтор бикунӣ, ин хашм мемонад, ва вақте ки оташ паст мешавад, он боз ба дохили ту меравад, ва лозим меояд ҳамаашро аз нав оғоз кард. Лекин ту метавонӣ дуо карда тавба кунӣ: “Худо, маро барои ин бубахш; илтимос, ин хашмро аз ман дур бисоз”. Агар ту инро бикунӣ, Ман кафлези калони Худро мегирам ва инро аз ту баровардa мепартоям”.

Ман ҳамчунин рафтор кардам. Вақте ки фишори биёбони оташин хашми маро маълум кард, ман ба гуноҳи худ иқрор шудам, тавба кардам ва аз Худо хоҳиш намудам, ки онро гирифта партояд”.

Ин боз як сабаби он аст, ки биёбон, чӣ қадар душвор набошад ҳам, бисёр пурқимат аст ва, охири охирон, ба шодии бузург меорад:

> “Дар ин бора шодӣ кунед, дар сурате ки ҳоло, агар лозим шавад, аз озмоишҳои гуногун андаке андӯҳгин мешавед; имони шумо аз тилло, ки бо вуҷуди озмуда шуданаш дар оташ ҳам фонӣ мебошад, гаронбаҳотар аст; ин имон аз имтиҳон мегузарад ва барои ҳамд ва шавкат ва ҷалол дар вақти зуҳури Исои Масеҳ холис ба миён меояд” (1 Петрус 1:6-7).

Биёбон ин ҷое аст, ки пок мешавем, ва хислати мо инкишоф меёбад. Маҳз дар ҳамин кӯраи азобу уқубатҳо ва таъқибот ташаккули одами ҳақиқатан порсо рӯй медиҳад. Дар Румиён 5:3-4 навишта шудааст: “Инчунин, мо метавонем шодӣ кунем, вақте ки ба мушкилиҳо ва озмоишҳо дучор мешавем, чунки мо медонем, ки онҳо ба мо кӯмак мекунанд, ки сабрро инкишоф диҳем. Сабр бошад қавииродагиро инкишоф медиҳад” (NLT).

Худо нисбати Довуд боилтифот буд, чунки ӯ барои шод кардани дили Худо кӯшиш менамуд, на ин ки ба подшоҳии заминӣ. Шоҳ Шоул оқибат биёбони поккунандаро нагузашт; бинобар ин, ӯ нопок ва ба худ нобовар монд. Довуд бошад дар биёбон пок гардида буд,

ва Худо ҳатто Шоулро истифода бурд, то ки ӯро ба он ҷо барад!

Роҳҳои Худо метавонанд даркнашаванда бошанд, аммо нақшаҳои Ӯ ҳамеша некӯанд!

## Орзу ба як сӯ гузошта мешавад?

Аммо покшавӣ метавонад дарднок бошад. Шуморо фиреб намедиҳам: биёбон ин ташриф овардани Диснейленд намебошад. Уқубат ин уқубат аст, ва баъзе вақт он бисёр дарднок мешавад.

Шояд, Худо орзуҳо ва рӯъёҳои он чиро, ки Ӯ шуморо ба он даъват намудааст, нишон додааст. Аммо дар биёбон аксар вақт чунин ба назар мерасад, ки ҳар қадар бештар шумо Худовандро биҷӯед ва ба каломи Ӯ итоат бикунед, ҳамон қадар бештар шумо аз он орзуе, ки Ӯ ба дили шумо гузоштааст, дур мешавед.

Биёед ҳаёти Юсуфро дида мебароем. Ӯ хобе дар бораи он дид, ки ҳукуматдор мешавад, ва ҳатто бародаронаш ва тамоми оилааш зери ҳукми ӯ мешаванд. Пас аз ин чӣ рӯй дод? Ӯ аз тарафи онҳое, ки ӯро бояд муҳофизат мекарданд, яъне аз тарафи бародарони калониаш ба чоҳ партофта шуд,, ва, ба зудӣ баъд аз ин, ба ғуломӣ ба мамлакати бегона фурӯхта шуда. Ба худ ошуфтагӣ, ноумедӣ ва дарди ӯро тасаввур карда метавонед?

Шояд ӯ фикр мекард, ки Худо ба таври фавқултабиӣ дахолат мекунад, ва ба зудӣ вайро озод менамояд. Вале умедҳои ӯ амалӣ нагаштанд, чунки ғуломии ӯ на якчанд моҳ ва ҳатто сол, аммо аз даҳ сол бештар давом кард. Ин бисёр дурудароз аст! Тамоми ин вақт ӯ медонист, ки одамоне, ки ба ӯ ин уқубатҳоро оварданд, дар озодӣ зиндагӣ мекарданд ва дар хонаи падари худ, ки хеле сарватманд буд, аз ҳаёт ҳаловат мебурданд.

Юсуф чӣ кор кард? Ҷавоби ӯ дар мавсими биёбони худ чӣ гуна буд? Ӯ имони худро ҳифз менамуд, хизмат мекард ва ваъдаҳои Худоро фаромӯш намекард. Ӯ бовафо, боҳикмат, боғайрат буд ва, оқибат, баракат ва комёбиро соҳиб шуд.

Аммо ногаҳон шароити вай боз тағйир ёфт, ва боз ҳам бадтар шуд. Зани роҳбари Юсуф ба ӯ бо шаҳват нигоҳ мекард. Вай мехост ӯро ба доми зинокорӣ андозад, ва на фақат як-ду бор, вале якчанд маротиба. Ба ин нигоҳ накарда, Юсуф ба Худо боитоат буд ва ҳар дафъа аз бадахлоқии ҷинсӣ мегурехт. Ниҳоят, ин зан чунон бадқаҳр шуд, ки Юсуф ба маънои аслиаш маҷбур шуд, то аз чанголи вай гурезад. Ин зан худро радшуда ҳис карда, Юсуфро ба он гуноҳе, ки ӯ содир накарда буд, бардурӯғ айбдор намуд. Ӯ беадолатона маҳкум гардид ва ба зиндон партофта шуд (одатан, ба ғуломи хориҷӣ, ки барои кӯшиши таҷовуз кардани зани шахси мансабдор, ки дар дарбор хизмат мекард, дигар ягон бор насиб намегардид, ки рӯзи равшанро бубинад).

Шахсе, ки дар маҳбас ҳаст, барои фикру хаёл вақти зиёд дорад. Оё ба худ тасаввур карда метавонед, бо кадом фикрҳо Юсуф маҷбур буд, ки мубориза барад? *“Ман тамоми умри худ ба Худо содиқона хизмат кардам, ва ин ба ман чӣ дод? Ман беайб ба ин маҳбас афтодам, дар он ҷое, ки пӯсида меравам. Ҳаёти ман ба охир расид! Бародарони золими ман озод ҳастанд ва, аниқтараш, дар серӣ зиндагӣ мекунанд. Ман кадом корро нодуруст кардам? Ман танҳо ба бародаронам он хоберо, ки ба ман, чуноне ки ман гумон мекардам, аз ҷониби Худо дода шуда буд, нақл кардам, ва ана ин маро ба куҷо овард! Чӣ фоидае аз он, ки ман ба Худо хизмат кардам? Чунин ба назар мерасад, ки ҳар қадар бештар ман ба Ӯ итоат кунам, ҳаёти ман ҳамон қадар бадтар шуда истодааст”.*

Кӣ метавонист Юсуфро барои ин фикрҳо айбдор кунад? Онҳо бисёр мантиқӣ менамоянд, ҳамин тавр не?

> Ва боре дар маҳбас Юсуф ба имтиҳони бузурги худ дар биёбон дучор шуд. Худо ба назди ӯ ду шахсро – нонвой ва соқиро овард. Онҳо ҳарду хобҳо диданд, ки аз барои онҳо ошуфта гашта буданд, ва мехостанд таъбири хобашонро бидонанд. Агар Юсуф имонро ба Худо ва ба ваъдаи Ӯ гум мекард, ӯ осон диққаташро ба худ ҷалб менамуд ва ба онҳо хизмат намекард. Вай метавонист бигӯяд: “Шумо шаби

гузашта хобҳо дидед? Э-ҳа! Боре ман ҳам хоб дидам. Ман ҳам фикр кардам, ки ин хоб аз ҷониби Худо буд. Лекин ҳақиқат дар он аст, ки орзуҳо амалӣ намегарданд. Орзуҳо бефоида, холӣ ва фиребдиҳандаанд. Барои ҳамин ҳам, илтимос, маро ба ҳолам гузоред!”

Агар Юсуф чунин рафтор мекард, ӯ дар биёбони худ боз солҳои дароз мемонд, ё, шояд, то охири умраш ӯ чиптаи худро барои озодӣ аз даст медод (баъдтар соқӣ ба фиръавн қобилияти Юсуфро оиди гуфта додани таъбири хобҳо нақл кард, ки ба туфайли он Юсуф аз маҳбас озод карда шуд ва ба мансаби калон таъин карда шуд). Агар ӯ ба худафсӯсхӯрӣ сар мекард, доимо ба одамон, – “Худо бевафост; Ӯ ваъдаҳои Худро иҷро намекунад! – гӯён, ҳамин тариқ дар ин зиндон ҳамчун шахси сангдил, беор ва ноумед мемурд.

Аммо Юсуф чунин рафтор накард. Ӯ он фикрҳо ва хулосаҳои мантиқиеро, ки ба ваъдаҳои Худо зид буданд, дур кард, ва ба соқӣ ва нонвой хизмат кард. Ӯ дар итоати худ ба Худо собитқадам монд. Ва чӣ рӯй дод? Ниҳоят, ӯ ба озодӣ баромад ва дар як рӯз мансаби шахси дуюмро дар Миср пас аз фиръавн соҳиб шуд!

Баъд аз нӯҳ соли пас аз Юсуф ҳоким шудан, аз сабаби гуруснагии сахт, бародарони ӯ ба Миср омаданд ва назди вай истоданд. Юсуф кӯшиши аз онҳо қасд гирифтанро накард, чуноне ки бисёриҳо мекарданд. Акнун ӯ хислати пешвои ҳақиқии подшоҳии Худоро дошт. Вай ба онҳое, ки бо ӯ бад рафтор карданд, некӣ кард. Вай сангдил нашуда буд; ӯ одаме буд, ки аз имон, муҳаббат ва бахшиш нисбати онҳое, ки ӯро таслим карданд, пур буд. Забурсарой дар бораи Юсуф менависад:

“(Худо) Пеш аз онҳо мардеро фиристод: Юсуф ба ғуломӣ фурӯхта шуд. Пойҳои ӯро бо завлона азият доданд; оҳан бар ҷонаш омад, то даме ки сухани ӯ ба амал омад: сухани Худованд ӯро покиза кард” (Забур 104:17-19).

Танҳо Худо медонист, ки кай он ваъдае, ки Ӯ ба Юсуф дода буд, бояд иҷро мешуд (баъди бештар аз бист соли хоби ӯ). Биёбон дар ӯ хислатеро, ки ҳаёт, оила ва мавқеи пешворо асоснок карда месохт, ташаккул дод. Калид ба ҳамаи комёбиҳои ӯ тарси боэҳтироми Худованд буд. Новобаста аз шароитҳо, Юсуф Каломи Худоро мегуфт, аз рӯи Каломи Худо амал мекард ва ба Каломи Худо итоат мекард.

Дар бобати шумо бошад чӣ? Чуноне ки аллакай гуфта шуд, шояд, Худо ба шумо оиди он ки ба чӣ Ӯ шуморо даъват намудааст, хобҳо ва рӯъёҳо дод. Шояд, Ӯ бо шумо оиди нақшаҳое, ки барои шумо дорад, гуфта буд. Аммо, чуноне ки бо Юсуф рӯй дод, шумо дар биёбон ҳастед, ва чунин ба назар мерасад, ки ҳар қадаре бештар шумо Худовандро биҷӯед ва ба Каломи Ӯ итоат бикунед, шумо ҳамон қадар аз он орзуе, ки Ӯ ба дили шумо гузошт, дуртар меравед.

Шояд, шумо мушоҳида кардед, чӣ тавр дигар одамон, ҳатто онҳое, ки бар зидди шумо буданд, дар хизматгузорӣ (ё дар ягон соҳаи дигар) ба вазифаи баландтар соҳиб шуданд, дар ҳоле ки шумо, зоҳиран, аз орзуе, ки Худо ба шумо додааст, дуртар меравед. Шояд, шумо ҳамаи он чиро, ки медонед, иҷро кардед, вале рӯъёи шумо иҷро намешуд.

Ҳамроҳи шумо ҳатто метавонанд одамони шаҳвонӣ бошанд, ки Худовандро намеҷӯянд, вале пешравиро ба даст меоранд ва комёб ба назар мерасанд. Онҳо "баракати" молиявӣ ва иҷтимоиро ба даст меоранд. Шояд, онҳо ба воситаи хушомад ва манипулатсия ба пеш мераванд, ё онҳо, комёбиро ба воситаи дурӯғ ва фиреб ба даст оварда, бевиҷдонона рафтор мекунанд. Лекин ба ҳар ҳол, онҳо "баракатёфта" ба назар мерасанд, дар ҳоле ки шумо ба Юсуф монанд ҳастед – дар занҷирҳо ва дар зиндони фиръавн.

Шумо ба ин чӣ гуна аксуламал мекунед? Шумо шикоят мекунед? Ана Худо чӣ мегӯяд:

> "Суханони шумо дар ҳаққи Ман сахт буд. Ва мегӯед: "Дар ҳаққи Ту чӣ гуфтаем?" Шумо гуфтед: "Ибодати Худо бефоида

аст; чӣ суде дошт, ки мо хизмати Ӯро ба ҷо овардем, ва ба
ҳузури Худованди лашкарҳо маҳзунона рафтор намудем?
Ва алҳол мо хушбахтии ноинсофонро мушоҳида менамоем,
ки ба воситаи бадкорӣ ба некӯаҳволӣ ноил гардидаанд, ва
Худоро озмуда, аз ҷазо раҳо шудаанд”” (Малокӣ 3:13-15).

Ин одамони шиквакунанда чӣ мегӯянд? Онҳо мегӯянд: “Чӣ фоидае аз он ки мо Худоро гӯш кардем? Дар ҳаёти мо ҳеҷ чиз тағйир намеёбад. Маҳз золимон – одамони шаҳвонӣ ва номдуздҳо ба пеш мераванд, баракат меёбанд ва комёб мешаванд, на ин ки мо” (ин “парафрази Бивер”). Худо инро суханони сахт меномад, ва чунин меҳисобад, ки онҳо бар зидди Худаш равона карда шудаанд. Оддитар карда гӯем, ин шикваю шикоятҳо ва норозигиҳо мебошанд.

Шиква ба исроилиён нагузошт, ки ба Замини ваъдашуда дохил шаванд. Чаро шиква ҳамчун таҳқир дар ҳаққи Худо аст, ва чаро он ба маҳкумияти сахт дучор мегардад? Шиква ба таври ғайримустақим ба Худо мегӯяд: “Ба ман он коре, ки Ту дар ҳаёти ман мекунӣ, маъқул нест, ва, агар ман ба ҷои Ту мебудам, дигар хел рафтор мекардам”. Шиква ин куллан набудани эҳтиром нисбат ба Ӯ мебошад.

“Худо маълум месозад, ки ба Ӯ кӣ кӯшиш мекунад, ва кӣ фоида меҷӯяд. Аввалинҳо дар кӯшиши худ собитқадаманд; охиринҳо, вақте ки ҳамааш, на он тавре, ки онҳо мехостанд, рӯй медиҳад, шикоят мекунанд Он чизе, ки баъзеҳо баракат меноманд, ва он чизе, ки дар ҳақиқат баракат мебошад, ин ду чизи тамоман гуногунанд. Агар муносибати (дили) шумо нодуруст бошад, баъзе баракатҳо метавонанд бо шумо намонанд. Худованд Ба одамоне, ки бо ниятҳои ғаразнок шиква мекунанд, муроҷиат карда, оиди он мегӯяд, ки Ӯ бо онҳо ва баракатҳои онҳо чӣ кор мекунад:

““Ва акнун барои шумо, эй коҳинон (имондорони
шиквакунанда), чунин ҳукме ҳаст: агар нашнавед, ва агар
дар дили худ ҷо накунед, ки бояд исми Маро ҷалол диҳад”, -
мегӯяд Худованди лашкарҳо, - “Ман бар шумо лаънат хоҳам

> фиристод, ва баракоти шуморо лаънат хоҳам гуфт, ва аллакай
> лаънат гуфтаам, чунки шумо инро дар дили худ ҷо накардед””
> (Малокӣ 2:1-2).

Мукофоти мо ва мероси мо аз чизҳо ё мавқеъҳо иборат намебошанд. Мерос ё насибаи мо ин Худованд аст!

Дар Ҳизқиёл 44:28 навишта шудааст: “Ва ин насибаи онҳо хоҳад буд: Ман насибаи онҳо хоҳам буд; ва мулке ба онҳо дар Исроил надиҳед: Ман мулки онҳо хоҳам буд”.

Бисёри масеҳиён имрӯз аз мероси ҳақиқӣ рӯй гардонидаанд, ва ба ҷои ин барои ба даст овардани чизҳо ва мавқеъҳо, шояд, ҳатто чизҳои хубе, ки аз ҷониби Худо дода шуда буданд, диққаташонро ҷалб кардаанд,. Лекин инро бо он муқоиса кардан мумкин аст, ки писар бештар ба он чизе, ки падар медиҳад, иштиёқманд аст, назар ба муносибат бо ӯ. Ман чор писар дорам, ва ман дӯст медорам аз он чизе, ки дорам, ба онҳо бидиҳам. Аммо агар онҳо бо ман танҳо аз барои он муносибат мекарданд, ки чизе аз ман бигиранд, дили ман пора мешуд. Малокӣ давом медиҳад:

> “Он вақт тарсгорони Худованд бо якдигар сухан меронданд,
> ва Худованд гӯш андохта, инро мешунид, ва ба ҳузури Ӯ
> ин дар китоби ёддошт, ки барои тарсгорони Худованд
> ва азиздорандагони исми Ӯ мебошад, навишта мешуд”
> (Малокӣ 3:16).

Ин одамон айни ҳамон шароитҳои биёбонро мегузаранд, чуноне ки “шиквакунандагон”, аммо мақсади асосии ин гурӯҳ на мавқеъ, эътироф ё чизҳо аст. Онҳо дили Худоро меҷӯянд! Хоҳиши донистани Ӯ дар онҳо оташ мегирад. Шумо метавонед бо онҳо дар мавзӯъҳои ҷамъиятӣ ё дар бораи тиҷорат сухан ронед, лекин ҳангоме ки шумо дар бораи Худованд ва Каломи Ӯ сухан меронед, дили онҳо оташ мегирад.

Ин шахсоне, ки дар бораашон Луқо менависад: “Ва онҳо ба

якдигар гуфтанд: “Оё дили мо дар даруни мо намесӯхт, вақте ки Ӯ дар роҳ ба мо сухан меронд ва Навиштаҳоро ба мо мефаҳмонд?”” (Луқо 24:32). Хоҳишҳои онҳо дар чизҳои Рӯҳ устувор гардидаанд. Онҳо мегӯянд: “Ман ҳамту Худоро донистан мехоҳам. Ман мехоҳам ба Ӯ писанд бошам. Ман гуруснагӣ ва ташнагиро нисбати Каломи Худованд эҳсос мекунам. Ман мехоҳам, ки Вай аз ман хурсанд бошад, чунки Ӯ сарчашмаи хурсандии ман аст”. Ана барои онҳо чӣ аз ҳама чизи асосӣ мебошад. Муҳаббати аввалини онҳо Исо аст, на ин ки мавқеъ, мақом ё дороӣ.

Новобаста аз он ки онҳо дар биёбон ҳастанд ё ба миллионҳо нафар мавъиза мекунанд, рафтори онҳо тағйир намеёбад.

> “Зеро ки мо хизматгорони Худо ҳастем; шумо киштзори Худо, иморати Худо ҳастед. Аз рӯи файзи Худо, ки ба ман ато шудааст, ман, чун меъмори доно, таҳкурсӣ ниҳодам, ва дигаре бар он иморат месозад; лекин ҳар кас бохабар бошад, ки чӣ гуна месозад” (1 Қӯринтиён 3:9-10).

Ба мо лозим аст, ки ба масъалаи он, ки чӣ гуна мо ҳаёти худамонро месозем, диққати ҷиддӣ диҳем! Дар Навиштаҷот сохтмони хона рамзи сохтмони ҳаёти мо ва хизматгузорӣ ба подшоҳӣ аст. Мо ба Худо тааллуқ дорем, чунки мо иморати Ӯ ҳастем:

> “... ба ... Исои Масеҳ назар дӯзед, ки Ӯ ба Он ки Ӯро таъин намуд, амин буд, чунон ки Мӯсо низ дар тамоми хонаи Ӯ амин буд. Зеро Ӯ нисбат ба Мӯсо сазовори ҷалоли бештаре гардид, чунки меъмори хона, назар ба худи хона, эҳтироми бештаре дорад; зеро ки ҳар хона меъмори худро дорад, валекин меъмори ҳама чиз Худост” (Ибриён 3:1-4).

Ба он диққат диҳед, ки меъмори хона кист: ин Худованд аст. Ин хона бо қувваи ҷисми мо сохта намешавад. Ҳамаи он чизе, ки Худо месозад, доимӣ, аммо ҳамаи он чизе, мо месозем – не. “Агар

Худованд хонаро бино накунад, бинокорони он бар абас меҳнат мекунанд" (Забур 126:1). Он чӣ, ки инсон бе Худо бино мекунад – ҳаёти худ, хонаи худ ё ҳатто хизматгузории худ, доимӣ намешавад.

Дар Ҳастӣ 11:4 мо мисоли инро мебинем: "Ва гуфтанд: "Биёед, шаҳре барои худ бино кунем, ва бурҷе ки сараш ба осмон бирасад; ва номе барои худ пайдо кунем, мабодо бар рӯи тамоми замин пароканда шавем"".

Нияти одамоне, ки бурҷи Бобилро бино карданд, чӣ гуна буд? Онҳо мехостанд, иморати худро барои ҷалоли худ бардошта, орзуҳои худпарастонаи худро амалӣ гардонанд. Онҳо мехостанд мисли Худо бошанд, вале тамоман аз Ӯ новобаста. Ин кӯшиш хоҳиш ва иродаи онҳоро иҷро менамуд, на иродаи Худоро. Сохтмон бе Худо ҳаргиз комёб намегардад, чунки, чӣ қадаре ки нияту мақсадҳои мо некӯ бошанд ҳам, бе Худо ин кори беҳуда аст. Ана барои чӣ ба мо ин огоҳӣ дода шудааст:

> "Лекин ҳар кас бохабар бошад, ки чӣ гуна месозад... Ва агар касе бар ин таҳкурсӣ (ки он Исои Масеҳ аст) иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё чӯб, хасбеда, пахол бино кунад, амали ҳар кас зоҳир хоҳад шуд; зеро ки он рӯз ("кӣ метавонад рӯзи доварии Ӯро дошт дода тавонад?") нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст" (1 Қӯринтиён 3:10-13).

Тилло, нуқра ва ҷавоҳирот рамзи бино кардан аз рӯи хости Худо мебошад. Чӯб, хасбеда ва пахол рамзи тарзу усулҳои бино кардан мутобиқи нақшаи ин ҷаҳон аст. Наход ин оятҳо танҳо довариро, ки дар осмон барпо мегардад, тасвир кунанд? Не! Дар ин ҷо дар бораи он навишта шудааст, ки Ӯ ба маъбади Худ меояд (Малокӣ 3:16-4:1 ва 1 Қӯринтиён 3:16-17). Ӯ мисли оташе меояд, ки ё чӯб, хасбеда ва пахолро нобуд мекунад, ё тилло ва нуқраро тоза мекунад. Ана барои чӣ Ӯ давом медиҳад: "Ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; валекин худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз

даруни оташ гузашта бошад” (ояти 15).

Агар шумо ҳаёти худ, кори худ ё хизматгузории худро бо хиштҳои дастӣ, яъне бо қувваи шахсияти худ ё бо барномаҳо ва тарзу усулҳои ҷаҳонӣ бино мекунед... агар шумо бо воситаи тарсонидани одамон, манипулятсия ё фишор бино мекунед... агар шумо хушомадгӯӣ мекунед ва аз пуштибонии дигарон истифода мебаред, то ки соҳиби мансаб бишавед... агар шумо бино карда истода, дигаронро бо воситаи танқид ё ғайбат вайрон мекунед... он гоҳ ҳамаи он чизе, ки шумо бо ин роҳу усулҳо ба даст меоред, месӯзад ва гум мешавад.

Бисёриҳо роҳу усулҳои фиреб ё ҳатто дурӯғи ошкороро истифода бурда, худро ба пеш мебаранд, то ки афзалиятро ба даст оранд. Ин ҳам месӯзад! “Зинҳор касе худро фирефта накунад: агар касе аз шумо худро дар ин ҷаҳон ҳаким медониста бошад, бигзор ҷоҳил шавад, то ки ҳаким гардад. Зеро ки ҳикмати ин ҷаҳон пеши Худо ҷаҳолат аст” (1 Қӯринтиён 3:18-19).

Дар назди чашмони Худо ҳар соҳаи ҳаёти шумо, ки дар он ниятҳои ғаразнок ҳастанд, чӯб, хасбеда ва пахол ба ҳисоб меравад. Ҳатто агар чунин ба назар намояд, ки шумо ба дигарон кӯмак мерасонед, ба номи Худованд рафтор мекунед ё вақти худро масраф мекунед, ҳамаи ин месӯзад.

Дар маркази ҳикмати ин ҷаҳон “ман”-и шахсӣ мавҷуд аст. “Аммо агар шумо дар дили худ ҳасади талх ва худсарӣ доред... Ин ҳикмате нест, ки аз боло нозил шуда бошад, балки ҳикмати заминӣ, нафсонӣ ва шайтонӣ мебошад” (Яъқуб 3:14-15). Ҳасад рақобат ва гумони бадро ба вуҷуд меорад. Барои мақоми худро нигоҳ доштан, мо метавонем барои қудрат мубориза бурданро сар кунем, ки аз боиси ин мо метавонем дӯстони худ, самимияти худро гум кунем ё, аз ҳама муҳимаш, ба муносибатҳои худ бо Худо зиён оварем. Ҳатто шубонон ва дигар хизматгузорон, аз ҳисоби рафоқат бо дили Худо, метавонанд бо ғамхорӣ оиди мақоми худ, унвон ё маоши худ раҳбарӣ карда шаванд.

Ба онҳое, ки дили Худоро самимона меҷӯянд, чунин намуданаш мумкин аст, ки ҳар қадаре бештар онҳо Ӯро биҷӯянд, ҳамон қадар бештар онҳо аз Ӯ дур мешаванд. Ноумед шуда, онҳо нидо мекунанд: “Худо, ҳар қадар бештар ман Туро биҷӯям, ҳамон қадар бештар ман ба поён равона мешавам, на ба боло”.

Аммо Худо ҷавоб медиҳад: “Чуқуртар бикан!”

> “Ҳар кӣ назди Ман биёяд ва суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо оварад, ба шумо мефаҳмонам, ки вай ба кӣ монанд аст: вай ба касе монанд аст, ки хонае месохт, ва заминро чуқур канда, таҳкурсиро бар санг гузошт” (Луқо 6:47-48).

Вақте ки оилаи мо дар Даллас зиндагӣ мекард, ман мушоҳида менамудам, ки чӣ тавр сохтмончиён биноҳои осмонбӯсро месохтанд. Дар аввал болоравӣ (прогресс) суст буд, чунки дар давоми якчанд моҳҳо онҳо қаъри заминро, барои таҳкурсӣ канда, вайрон мекарданд. Чӣ қадаре ки сохтмон калонтар бошад, ҳамон қадар чоҳ чуқуртар буд, ва ҳамон қадар таҳкурсии бино васеътар буд. Аз рӯй чунин менамуд, ки сохтмончиён, бе ягон натиҷаҳои махсус, суст кор мекунанд. Лекин ногаҳон бинои баланд бисёр тез бардошта мешуд. Чунин ба назар мерасид, ки назар ба ҷараёни омодашавӣ, ин бино дар як рӯз сохта шудааст.

Динамикаи болошаванда назар ба омодашавии камшаванда ҳеҷ чиз буд.

Ман боварӣ дорам, ки имрӯз дар бадани Масеҳ бисёриҳо ҷараёни омодашавии камшавандаро гузашта истодаанд, шояд, хусусан намояндагони насли ҷавон. Ман Худоро барои ин ҷалол медиҳам! Шояд, онҳо даъват барои хизматгузорӣ ё ягон дигар орзу аз ҷониби Худованд доранд, аммо дар вақти ҳозира онҳо мавқеъҳои муҳимро дар хизматгузорӣ ишғол намекунанд. Ҳама чиз зуд рӯй намедиҳад, вале ман боварӣ дорам, ки онҳо омодашавии ҷиддиро дар биёбон таҳти роҳбарии Худо гузашта истодаанд. Дар

онҳо таҳкурсӣ гузошта шуда истодааст – хислати Масеҳ ташаккул ёфта истодааст. Ин хислат ҳамаи онҳоеро, ки ба Масеҳ ва подшоҳии Ӯ, солҳои дурудароз, бо ҷӯшу хурӯш хизмат мекунанд, қавӣ мегардонад.

Шахсони дигаре, ки дар биёбон намебошанд, чунин ба назар мерасад, ки ба воситаи корчаллонӣ ва худпешбарӣ босуръат ба боло ҳаракат мекунанд. Ба бошандагони биёбони мо чунин намуданаш мумкин аст, ки онҳо дар беҳаракатӣ мебошанд, ва онҳо ҳатто метавонанд васвасаи интихоби роҳи зуд ва осонро аз сар гузаронанд. Аммо дониста, ки ин роҳ ба онҳо қавииродагиро намедиҳад ва он хислатеро, ки дар онҳо аллакай ташаккул ёфтааст, зери таҳдид мегузорад, онҳо қарор мекунанд, ки хавф бисёр бузург аст. Худоро интизор шуда, онҳо ба Меъмори Асосӣ иҷозат медиҳанд, ки таҳкурсии мустаҳкамро дар Сахра гузорад.

Дар замони ҳозира шубononе ҳастанд, ки Худоро бо ҷидду ҷаҳд меҷӯянд, вале, боз ҳам, чунин ба назар мерасад, ки кам чиз рӯй медиҳад, ё ҳатто ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Онҳо дар ҷой ё вақти хушкӣ мебошанд. Онҳо онро мушоҳида мекунанд, ки чӣ гуна дигарон, тарзу усулҳои маркетинги дунёиро истифода бурда, худро ва хизматгузории худро ба пеш мебаранд. Онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ хушбахтӣ ва комёбии хаёлӣ ва хомро меофаранд. Лекин Худо ба онҳое, ки дар биёбон ҳастанд, намегузорад, ки бо ёрии ин тарзу усулҳо бунёд кунанд, чунки Ӯ барои онҳо асоси мустаҳкам ва пойдорро тайёр карда истодааст.

Инчунин боз чунин одамоне ҳастанд, ки ба онҳо Худо ҳоло ҳолати муайян ё ҷои муайянро нишон надодааст, аммо Ӯ ба онҳо орзу додааст. Онҳо савол медиҳанд, ки он чӣ тарз иҷро мешавад, ва чунин ба назар мерасад, ки иҷроиши он аз онҳо боз дур шуда истодааст.

Дар вақти хушкӣ ё биёбон Худо онҳоеро, ки Ӯро итоаткорона интизор мешаванд, аз онҳое, ки фиреб, худпешбарии мақсаднок ё манипулятсияро истифода бурда, бино мекунанд, ҷудо мекунад. Пешравии ҳақиқӣ аз Худо ва роҳи баромад аз биёбон ба онҳое

муяссар мешавад, ки ба маъбади Худ омадани Худоро интизор мешаванд. Ӯ мегӯяд:

**Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?**

**#8 Еҳушаъ ибни Нун ҳамаашро дуруст фаҳмид**

Агар биёбон барои фоидаи мо таъин шуда бошад, чӣ тавр мо дар биёбон некӣ ба даст орем ва аз бадӣ гурезем?

Еҳушаъ ибни Нун мисоли хуби он инсоне мебошад, ки дар биёбон дили дуруст дошт. Вақте ки Мӯсо ба кӯҳи Сино баромад, Еҳушаъ ибни Нун дар пояи кӯҳ монд. Ӯ мехост то қадри имкон ба ҳузури Худованд наздик шавад. Вақте ки Мӯсо бо Худо дар хайма вомехӯрд, Еҳушаъ ибни Нун низ он ҷо буд. Ҳатто дар он вақте ки Мӯсо бо Худованд суханрониро ба охир мерасонид, Еҳушаъ ибни Нун дар Хаймаи ҷомеъ мемонд (Хуруҷ 33:11).

Дар китоби Еҳушаъ ибни Нун мо мебинем, ки он панҷ соҳаи гуноҳ, ки аз онҳо насли якуми исроилиён оқибат натавонист озод шавад, дар насли дуюм (дар насли Еҳушаъ ибни Нун) инчунин осон зоҳир нашуданд. Ин танҳо боре бо шахсе, ки Охон ном дошт, рӯй дод. Аммо пешвоён ва халқ фавран Худоро талаб карданд, то ки инро ҳал кунанд. Насли дуюм ҳамаашро дуруст фаҳмид, чунки онҳо нокомиҳои насли гузаштаро медиданд. Онҳо медиданд, ки чӣ гуна падарону модарони онҳо, оқибат ваъдаҳои Худоро ба даст наоварда, дар биёбон мурданд.

Еҳушаъ ибни Нун ва насли ӯ ба Холиқ диққаташонро ҷалб карданд ва ба замини ваъдашуда даромаданд. Онҳо дар риояи каломи Худо пурқувват буданд, ва ба андӯҳ дода нашуданд. Онҳо шиква карданро рад намуданд ва барои ба Худо ба зудӣ имон овардан тайёр буданд.

““Вақте ки мӯҳлате муқаррар намоям, Ман аз рӯи ростӣ доварӣ хоҳам кард...” Зеро ки на аз машриқ наҷот меояд, ва на аз мағриб, ва на аз биёбон кӯҳсор, балки Худованд довар аст: якеро сарнагун мекунад, дигареро сарфароз мегардонад” (Забур 74:3-8).

## Ботилии ҷисм

Ҳақиқат оиди муборизаи ҷисм ва Рӯҳ ба тамоми соҳаи ҳаёт дахл дорад, на танҳо ба хизматгузорӣ. Дар хотир доред, ки ҷисм ҳаргиз наметавонад ба ваъдаҳои Худо тавлид диҳад! Агар ҷисм ба ягон чиз тавлид диҳад, шумо бо ин мушкилиҳо дошта метавонед, чунки маҳз ҷисм бояд инро дастгирӣ кунад. Агар Рӯҳ ба ягон чиз тавлид диҳад, Худо инро таъмин мекунад.

Амалҳои ҷисмонӣ одатан муҳити манипулятсия ва назораткуниро ба вуҷуд меоваранд. Пешвоён ё маҷбур мекунанд, ё бо эҳсосоти одамон бозӣ мекунанд, то ки натиҷаҳоро ба даст оранд. Агар шумо дар шумори пайравони онҳо бошед, дере наугзашта, шумо барои комёбиҳо ё нокомиҳои онҳо, вобаста аз он ки шумо ба супоришҳои онҳо чӣ гуна аксуламал мекунед, масъулиятнок мешавед. Дар чунин муҳит фишор, расмиятпарастӣ, ҳукмронӣ ва манипулятсия бисёр мешавад.

Гарчанде ки ман асосан оиди хизматгузорӣ мегӯям, ман таъкид кардан мехоҳам, ки ин на танҳо ба хизматгузорӣ дахл дорад. Ман дар бораи ҳама муҳите, ки бо қувваи ҷисм сохта шудааст, гуфта истодаам. Ин метавонад ба даъвати мо ба тиҷорат, маълумот, ҳифзи саломатӣ, ҳокимият, артиш, варзиши касбӣ ва бисёр дигар соҳаҳо, ки Худо халқи Худро даъват менамояд, ки хизмат кунад, дахл дошта бошад.

Ва баръакс, аз Рӯҳ тавлидшуда медонад, ки дар ташаккули худ ягон нақше набозидааст, ва бинобар ин дарк мекунад, ки наметавонад худро дастгирӣ намояд ё дар худ бо қувваи худ

афзоишро ба амал орад. Худо Худаш барои он чизе, ки Ӯ офарид (ё бино кард), масъулиятнок аст.

Вақте ки Исҳоқ таваллуд шуд, мавқеи Исмоил аллакай таъин шуда буд (Ҳастӣ 16-21). Ман аз таҷрибаи худ дарёфтам, ки имконият барои Исмоил ҳамеша то вақти тавлид шудани орзу дар бораи Исҳоқи ваъдашуда меояд. Ба васвасаи истифода бурдани қувваи худ муқобилат намудан лозим аст, то ки ба он чизе, ки Худо ба шумо ваъда дод, тавлид бахшед. Ояти ояндаро ба хотир оред: “Ин канизро бо писараш пеш кун; зеро ки писари ин каниз бо писари ман Исҳоқ ворис нахоҳад буд. Ман инро тоқат намекунам!” (Ҳастӣ 21:10, NLT).

Рӯзе меояд, ки Худованд ба халқи Худ мегӯяд: “Аз худ кӯшишҳои Исмоилро дур созед, чунки аз ҷисм тавлидшуда бо аз ваъда тавлидшуда ворис нахоҳад буд. Ҳатто агар ин тарзу усулҳо сермаҳсул намоянд ҳам, Худо мегӯяд: “Онҳоро аз худ дур созед!”, то ки ягон ҷисм дар ҳузури Ӯ худро таъриф накунад!”.

Вақте ки доварии Худо зоҳир мешавад, ҳамаи қисми ҳаёти шумо, ки бо қобилиятҳои шумо сохта шуда буд, оташи поккунандаро тоб намеорад. Агар ҳамаи кӯшишҳои ҳаёти шумо ба худмуҳофизаткунӣ ва худпешбарӣ равон карда шуда бошанд, ҳамаи ин месӯзад. Лекин шумо наҷот меёбед, “аммо тавре ки гӯё аз дарун оташ гузашта бошед” (1 Қӯринтиён 3:15).

Танҳо он чизе мемонад, ки ба воситаи ваъда ба даст оварда шудааст, ки аз Рӯҳи Худо ва файз ба вуҷуд омадааст ва тавлид ёфтааст.

# 9

# МАШҚҲОИ ЗӮРТАЛАБ

*“Худованд сарбозони беҳтарини Худро аз баландиҳои уқубатҳо ба даст меорад”.*

**– Чарлз Х. Сперҷен**

*-“Ва кӯдак калон шуда, рӯҳаш қавӣ мегашт, ва то рӯзе ки бар Исроил зоҳир гардид, дар биёбонҳо буд”.*

**– Луқо 1:80**

Солҳои пеш ман ба душвориҳое дучор гаштам, ки нишон медиҳанд, ки ба мо, ба пайравони Масеҳ, вақти омодашавӣ лозим аст, то ки қувват бигирем ва имони худро устувор гардонем. Бовар мекунед ё не, ин имтиҳонҳо на дар биёбони хушк ва беҳосил, аммо дар толорҳои варзишӣ ва марказҳои саломатӣ мегузаштанд.

Вақте ки ман сию панҷсола будам, пас аз он ки ман аз сидқи дил дар як калисо дар Атланта, иёлати Ҷорҷия, мавъиза кардам, ман дар саҳна қариб аз ҳуш рафтам. Ман фаҳмидам, ки на он қадар саломатиам хуб аст, ва медонистам, ки агар ман хизматгузории худро содиқона давом доданӣ бошам, бояд бадани худро обутоб диҳам.

Ман аз Ҷорҷия ба хона баргаштам ва ба Лиза дар борaи он чизе, ки рӯй дод, нақл кардам. Баъдан ман арз намудам:

-Ман ба варзиш машғул шуданӣ ҳастам.

Дар тааҷҷуби ман, вай ҷавоб дод:

-Ҷалол ба Худо! Ман дуо мекардам, ки ту ба варзиш машғул шавӣ!

Дар ҳақиқат бисёр хуб аст, агар зане дошта бошӣ, ки медонад, ки чӣ тавр барои шавҳари худ дуо кунад.

Дар он вақт мо дар Флорида зиндагӣ мекардем, ва ду хона дуртар аз мо гӯштингире аз Федератсияи Умумиҷаҳонии Рестлинг бо

номи Кип зиндагӣ мекард. Оилаҳои мо дӯстӣ пайдо карданд, чунки фарзандони мо тахминан ҳамсинну сол буданд. Якчанд маротиба вай ба ман пешниҳод кард, ки маро ба толори варзишӣ гирифта барад ва машқ диҳад, лекин ман ҳамеша мегуфтам: “Не, ман бисёр машғул ҳастам. Ман вақт надорам”. Ман машғул будам, аммо ман каме меҳаросидам; кӣ мехост бо гӯштингири касбӣ машқ кунад?

Кип қаду басти калон дошт: қад – 190 сантиметр, вазн – 108 килограмм, ва ҳамагӣ шаш фоиз равғани бадан. Тани ӯ бисёр олӣ “V”-монанд буд, дар шикамаш чор ҷуфти мушакҳои обутобёфта ҷудо шуда меистоданд. Бисёр вақт вай, фарзандони мо ва ман баскетбол ё хоккейи кӯчагӣ бозӣ мекардем. Вақте ки ман ба ӯ бармехӯрдам, вай ҳатто аз ҷояш намеҷунбид, ман бошам якуним-ду метр ҷаҳида дур мешудам!

Пас аз ин сафар ба Атланта, ман назди ӯ даромадам ва гуфтам:

-Кип, ба ман лозим аст, ки машқ карданро сар кунам. Ту гуфтӣ, ки ба ман кӯмак мекунӣ. Ту ҳоло ҳам тайёр ҳастӣ, ки инро бикунӣ?

Вай зуд ҷавоб дод:

-Албатта, ман туро ҳамроҳи худ ба машқкунӣ мегирам.

Ман мебоист ба табассуми садистонаи ӯ бодиққаттар мебудам. Ман хабаре ҳам надоштам, ки чӣ маро интизор аст!

Дар субҳи дигар мо ҳарду ба толори варзишӣ равона шудем. Ман дарҳол фаҳмидам, ки дар он ҷо танҳо варзишгарони касбӣ машқ мекунанд. Муҳит бо тестостерон пур буд, бӯи араќи бадан бошад, қариб тоқатфарсо буд. Яке аз дарсҳое, ки ман дар рӯзи якум дар ин толори варзишӣ ёд гирифтам, чунин буд. Ба штанга вазни сабукро гузошта ва онро бист ё сӣ маротиба бардошта, мушакҳоро наметавон калон кард. Ба ҷои ин, лозим аст, ки ба штанга вазни калонро гузорем, ки шумо метавонед ҳамагӣ се ё чор маротиба бардоред.

Ҳамаи чизи хубе, ки бо мушакҳои шумо рӯй медиҳад, аз такроркунии сеюм ё чорум сар мешавад. Дар ин лаҳза ҳама чиз дар шумо мегӯяд: “Ман дигар наметавонам инро бардорам!”. Аммо

вақте ки ҳамаи бачагоне, ки дар гирди хараки шумо ҷамъ омадаанд, дод мезананд: “Ҳа бардор, бардор, бо тамоми қувватат бардор!”, чизе дар дохили шумо шуморо маҷбур месозад, ки то охир қуввати худро ба кор андозед ва ин вазнро то чорум ё панҷум маротиба бардоред. Ҳамчун фаҳмондадиҳии осони ҷараёни бисёр мураккаб, мушакҳо маҳз ҳамин тавр калон мешаванд.

Ба иқрор шудан шарм медорам, лекин дар рӯзи якум ман бо тахтапушт хоб рафта (в жиме лежа) ҳамагӣ 40 киллограммро бардошта тавонистам. Ман боварӣ дорам, ки дар он вақт Кип медонист, ки ба ҳамсояи ӯ роҳи дурударозро тай кардан лозим меояд! Пас аз ду ҳафта дар толори варзишӣ, ман тавонистам 45 килограммро бардорам. Боз пас аз чанд ҳафта ман 55 килограммро бардоштам. Вақте ки 60 килограммро бардошта метавонистам, ман чунон фахр мекардам, ки метавонистам ду диски стандартии сикилограммиро аз ҳар тарафи штанга бимонам. Ман дигар аз штанга бардоштан шарм намекардам.

Ман нақли худро дар давоми ин боб давом медиҳам, лекин ҷараёни тадриҷан ба даст овардани қувваи ҷисмонии ман шабоҳати (аналогияи) хуби он мебошад, ки вақте Худованд моро ба “толори варзишии” Худ дар биёбон мегирад ва ба мо ёрӣ медиҳад, ки мушакҳои рӯҳонӣ пайдо кунем, чӣ рӯй медиҳад.

Маҳз дар биёбон рӯҳи мо пурқувват мешавад, чунки ин на танҳо ҷои хушкӣ, ки мо нидо мекунем: “Худо, Ту дар куҷоӣ?”, балки инчунин ҷои озмоишҳо ва имтиҳонҳои калон аст. Хабари хуш дар он аст, ки гарчанде биёбон ҷои душвор ва вазнин аст, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки кӣ дар вақти машқҳои зӯрталаби рӯҳонии мо ба мо ёрдам медиҳад, то вазнҳоро бардорем.

“Агар Худо тарафгири мо бошад, зидди мо кист?” (Румиён 8:31).

Ба ғайр аз он ки Ӯ тарафгири мо аст ва моро илҳом мебахшад, Ӯ инчунин ба мо ваъдаи қатъӣ медиҳад:

> “Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед” (1 Қӯринтиён 10:13).

Бинобар ин, новобаста аз он ки шумо ба кадом озмоиш дучор мешавед, аз кадом ҷойҳои сахт ва хушкӣ мегузаред, Худо ба мо ваъда медиҳад, ки ҳаргиз ба сари мо озмоише намеояд, ки берун аз қуввати мост. Агар фикр кунем, ин бисёр аҷиб аст.

Ҳангоме ки шумо ба озмоишҳо дучор мешавед, ҳаргиз дар бораи он фаромӯш накунед, ки шумо кистед. Исо ба шумо, ҳамчун ба фарзанди дӯстдоштаи Худо, мегӯяд: “Ба шумо қудрат медиҳам, ки... тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд” (Луқо 10:19). Инак, мо мефаҳмем, ки муҳим нест, ки душман ба сӯи мо чӣ мепартояд; мо метавонем инро паси сар кунем. Дар акси ҳол, Худо ба ин роҳ намедод!

Аммо ин ҷо боз як мушкилӣ ниҳон аст. Бисёр одамон дар қобилияти худ оиди аз ӯҳдаи душвориҳои калон баромадан ба камол намерасанд. Онҳо, гуфтан мумкин, ҳамон лаҳза ки ба толори варзишӣ мефароянд аз он ҷо мегурезанд ё шиква ва шикоят мекунанд. Ба ҳар ҳол, Павлус тамоман муносибати дигарро тасвир мекунад. Ӯ менависад:

> “Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон имон оваред, балки барои Ӯ уқубат кашед” (Филиппиён 1:29).

Оё ба шумо каме ғалатӣ наменамояд, вақте шумо мехонед, ки уқубат ба шумо ато шудааст? Ин дар асл чӣ маъно дорад? Агар ба ман касе мегуфт: “Ба ту чизе ато шудааст”, ман баракатҳоро мунтазир мешудам. Ман бо интизорӣ фикр мекардам: “Аҷиб, ман чиро мегирифта бошам?”

Чӣ тавр метавон калимаи “ато шудааст” ва “уқубат”-ро дар як ҷумла якҷоя кард? Ин ба он монанд аст, ки ба касе бигӯӣ: “Чунки дар зодрӯзи

шумо ба шумо ато шудааст, ки назди духтури дандон барои кандани бофтаи роҳи решаи дандонатон бираведʼʼ. “Шумо ҷиддӣ мегӯед? Раҳмат, лекин ман намехоҳамʼʼ. Ин ҳамту бемазмун менамояд, чунки, дар мамлакати замонавӣ ба монанди Иёлоти Муттаҳида зиндагӣ карда, мо ба ҳаёти бароҳат ва мутаносибан осон мекӯшем. Бинобар ин, фикр оиди он, ки уқубат ба шумо ато шудааст, метавонад сахт ҳайрон кунад. Бисёри одамон, ба душвориҳо дучор шуда, чунин мегӯянд:

“Бовариам намеояд, ки ин бо ман рӯй дода истодаастʼʼ.

“Барои чӣ ман?ʼʼ

“Чаро ман бояд аз ҳамаи ин гузарам?ʼʼ

“Инро тоқат карда наметавонам!ʼʼ

“Ҳеҷ кас фаҳмида наметавонад, ки ман аз чӣ гузашта истодаамʼʼ.

“Чаро ман наметавонам, ки ҳаёти хуб дошта бошам?ʼʼ

“Худо, илтимос, инро бигир!ʼʼ

“Барои чӣ мубориза бурдан даркор? Дарҳол таслим шудан беҳтар аст...ʼʼ

Ман боварӣ дорам, ки баъзе вақт ҳамаи мо, ба душвориҳо дучор гашта, ё чунин фикр мекардем, ё муносибати ба ин монандро ифода мекардем. Афсӯс, ки аксар вақт мо ҳамту мақсади озмоишҳо ва уқубатҳоро (биёбонро) намефаҳмем.

Лекин, мисли ҳар вақта, Худо медонад, ки мо ба чӣ эҳтиёҷ дорем, ва ба мо чӣ қадар қувват лозим аст, то ки боз ҳам барои подшоҳии Ӯ сермаҳсул бошем. Ана барои чӣ Павлус ба мо оиди ваъдаи Худо хабар медиҳад, ки ба мо “уқубати стратегӣʼʼ барои калон кардани мушакҳои рӯҳонии мо ато хоҳад шуд.

## Нақши озмоиш

Чи хеле ки ман пештар хотиррасон кардам, яке аз мақсадҳои машқҳои зӯрталаби мо дар биёбон ин дар қобилияти мо барои шинохтани озмоиш ва ба он муқобилат нишон додан ба камол расидан аст. Исо инро дар аввали хизматгузории худ аз сар гузаронд,

вақте ки Падар ба иблис иҷозат дод, ки Ӯро дар биёбон биозмояд: "Ва Исои пур аз Рӯҳулқудс аз Ӯрдун баргашт, ва Рӯҳ Ӯро ба биёбон бурд. Ва чиҳил рӯз Ӯро иблис меозмуд, ва дар он рӯзҳо Ӯ чизе нахӯрд; ва баъд аз тамом шудани онҳо гурусна монд" (Луқо 4:1-2).

Ман махсус калимаи "иҷозат дод"-ро истифода бурдам, чунки Худо ҳеҷ гоҳ муаллифи озмоиш намебошад: "Дар озмоиш бигзор ҳеҷ кас набояд бигӯяд: "Маро Худо меозмояд"; чунки Худо бо бадӣ озмуда намешавад ва Худаш ҳеҷ касро намеозмояд" (Яъқуб 1:13).

Чӣ дар асл бо мо рӯй медиҳад, вақте ки мо озмуда мешавем? Мо медонем, ки мақсади шайтон моро ба гуноҳ тела додан аст, то ки моро аз итоати хурсандона ба Худо ва аз муносибат бо Ӯ дур барад. Агар шайтон моро бо ин мақсад озмояд, он гоҳ Худо, бо кадом мақсад ба мо иҷозат медиҳад, ки ба озмоиш дучор шавем? Ҳаввории Петрус ба мо ҷавобро пешниҳод мекунад: "Пас, чи тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо ҳамон фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад" (1 Петрус 4:1).

Ба ибораи дигар, имтиҳон ба воситаи озмоиш ва ғалаба аз болои гуноҳ ё дигар мушкилиҳое, ки мо дар биёбон дучор мешавем, мақсад доранд, ки барои калон кардани мушакҳои рӯҳонии мо ва барои боз ҳам ба камол расидан кӯмак расонанд. Калимаи калидӣ дар ин оят "мусаллаҳ шавед" аст.

Метавонед ба худ қисми ҳарбиро тасаввур кунед, ки ба ҷанг бе аслиҳа баромаданд? Бе чархболҳои ҳарбӣ, танкҳо, милтиқҳо ва лавозимоти ҷангӣ – тамоман бе аслиҳа? Ин сабаби бадбахтӣ мешуд. Ба айни ҳамон бадбахтӣ пайрави Масеҳ дучор мешавад, вақте ки ӯ барои уқубат кашидан ва аз имтиҳонҳо гузаштан мусаллаҳ нест.

Пилотҳои хатсайрҳои ҳавоии тиҷоратӣ мисоли хуби одамоне мебошанд, ки барои мушкилиҳои ҳамаҷониба омодаанд. Ҳар шаш моҳ хатсайри ҳавоӣ онҳоро ба омӯзиши даврӣ равона мекунад. Ин пилотҳо ба симулятор менишинанд ва ёд мегиранд, ки ба ҳама ҳодисаҳои бадтарини ба амал оянда самаранок аксуламал кунанд.

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #9 Исмоилро таваллуд накунед

Вақте мо дарк мекунем, ки дар биёбон ҳастем, ва фикр мекунем, ки дар он бисёр дурудароз мондем, ба мо барои орзуи худро амалӣ гардонидан, васвасаи “ҳамту ягон корро кардан” меояд. Ман инро таваллуди Исмоил меномам, ва ин вақте рӯй медиҳад, ки мо кӯшиш менамоем, то бо қувваи худ  он чиро, ки Худо ба мо ваъда дод, амалӣ гардонем. Аксар вақт Исмоилҳо ҳамчун ҷавоб ба ягон мӯҳтоҷии асоснок таваллуд мешаванд, вале онҳо аз рӯи ҷисм таваллуд мешаванд.

Албатта, ин фикр оғози худро аз ҳодисаи Иброҳим ва Соро мегирад, ки ба онҳо Худо писарро ваъда карда буд. Онҳо ёздаҳ сол мунтазир шуданд; Иброҳим аллакай 86-сола буд, Соро бошад барои фарзандор шудан хеле пир буд. Аз ҳамин сабаб, онҳо ба “Нақшаи Б” гузаштанд – Соро ба Иброҳим пешниҳод кард, ки Ҳоҷарро гирад ва кӯдаки ваъдашударо ба воситаи ӯ таваллуд кунад. Ин бисёр фикри

Мақсад дар он аст, ки қобилияти ҳар як пилотро барои аз ӯҳдаи ҳолатҳои тасодуфӣ баромадан қавӣ гардонад. Одатан, дар вақти вазъияти душвор дар ҳавопаймо, мусофирон (пассажирон), ки, бешак, омода нестанд, ҳамту аксуламал мекунанд, пилот бошад амал мекунад. Чаро? Чунки пилот омода ё мусаллаҳ буд.

Ана биёбон бо масеҳии боитоат чӣ кор мекунад. Он дар роҳҳои мо душвориҳоро мегузорад, ки мақсади онҳо моро барои ғалабаҳои оянда мусаллаҳ гардонидан аст. Мо бояд бифаҳмем, ки дар биёбон мо душвориҳо дошта метавонем. Исо гуфт, ки дар ин ҷаҳон мо ба душвориҳо ва ғаму андӯҳҳо дучор мешавем, лекин Вай ба мо ёрӣ мерасонад, ки онҳоро паси сар кунем. Ва аз онҳо гузашта, мо боқувваттар мешавем.

бад аст. Ва ҳар як нақша бо Исмоил, ҳатто агар он арзанда ба назар намояд ҳам, инчунин фикри бад мебошад. Ҳамеша дар хотир доред: агар шумо чизеро бо қувваи ҷисми худ таваллуд карда бошед, шумо маҷбур мешавед, ки онро бо қувваи ҷисми худ дастгирӣ кунед.

Ман якчанд маротиба дар биёбон "Нақшаи Б"-ро карданӣ мешудам. Ман медонистам, ки Худо ба ман ваъда дода буд, ки рӯзе ман хизматгузории воизи байналхалқиро дошта метавонам. Аммо ин рӯй намедод, ва ман худро дар хизматгузории калисои маҳаллӣ "дармонда" эҳсос мекардам. Бинобар ин, якчанд бор ман кӯшиш мекардам, ки озод шуда ва аз биёбон гурезам. Ман барои ин кӯшишҳо нархи гарон супоридам, ва онҳо ба ҳар ҳол ба ман чизе надоданд. Ҳамон лаҳза ки ман таслим шудам, Худо Худаш амал карданро сар кард, ва ҳама чизро тағйир дод.

Маслиҳати ман ба шумо: худро аз азобҳои бемазмун озод кунед – Исмоилро таваллуд накунед. Ба Худо иҷозат диҳед, ки он чиро, ки Ӯ ба шумо ваъда дод, иҷро бикунад.

## Имконияти бузург

Мо бояд биёбонро ҳамчун имконияти бузурги қавӣ гардонидани мушакҳои рӯҳонии худ ва боқувваттар гардидан барои он чизе, ки Худованд ба мо дар давраи ояндаи ҳаёти мо мехоҳад диҳад, дида бароем. Ҳаворӣ Яъқуб суханони зеринро мегӯяд:

> "Эй бародарони ман, вақте ки ба озмоишҳои гуногун дучор мешавед, инро барои худ имконият ҳисоб кунед..." (Яъқуб 1:2, NLT).

Ҳамаи мо мефаҳмем, ки имконият чист, чунки мо, амрикоиҳо,

соҳибкоронро дӯст медорем. Имконият дар тиҷорат, масалан, ин имконияти ба пеш рафтан, муваффақ шудан ва нашъунамо ёфтан аст. Ин имконияти васеъ гардонидани ҳудудҳои мост. Ва мо ба душвориҳо маҳз ҳамин тавр бояд назар кунем, чуноне ки Яъқуб давом медиҳад: “Чун шумо медонед, ки вақте ки имони шумо имтиҳон карда мешавад, сабри (ё тоқати) шумо имконияти афзун шуданро дорад. Пас, бигзор он афзун шавад, чунки, вақте ки сабри шумо пурра инкишоф меёбад, шумо, ҳеҷ камбудие надошта, комил ва солим хоҳед буд” (Яъқуб 1:3-4, NLT).

Дар биёбон ба мо имконияти афзун кардани сабри худ дода мешавад. Ба кадом маъно имрӯз мо калимаи “сабр”-ро бештар аз ҳама истифода мебарем? Бештар аз ҳама, ба маънои машқҳо барои санҷидани сабр – як қатор машқҳо барои инкишофи он. Соддатар карда гӯем, машқҳо барои санҷидани сабр қобилияти моро барои дар оянда аз ӯҳдаи душвориҳо баромадан васеъ мегардонанд.

Маъно дар ин аст: дар ҳамаи озмоишҳо, ки мо ба онҳо дучор мешавем, Худо душвориҳоро бо мақсади муайян иҷозат медиҳад, ва ин мақсад афзун гардонидани қобилиятҳои мо мебошад. Худо имрӯз ба душвориҳое, ки сатҳи фишорро муайян мекунанд, (мисоли симулятори парвозро ба ёд оред), иҷозат медиҳад, ва ман боз ин калимаро таъкид мекунам, - ба душвориҳое иҷозат медиҳад, ки ба онҳо, чуноне ки Ӯ медонад, мо фардо дучор мешавем. Маҳз барои ҳамин озмоиш нисбат ба сатҳи имрӯзаи омодагӣ ва масъулияти мо ҳама вақт зиёдтар менамояд. Инак, моҳият дар он аст, ки Худо душвориҳои имрӯзаи моро истифода мебарад, то ки моро барои ғалабаҳои калон дар оянда қавӣ гардонад.

Ана акнун ба машқҳои ман бармегардем. Чи тавре ки ман аллакай нақл кардам, Кип маро чунон машқ дод, ки ман метавонистам 60 килограммро бо тахтапушт хоб рафта бардорам. Гарчанде ин барои ман дастоварди калон буд, ман фикр мекардам, ки оё ман зиёдтар метавонам? Агар машқҳои зӯрталаби маро бо омодагии рӯҳонӣ ва қувват муқоиса кунем, пас чӣ гӯем, агар

Худованд барои ман вазифае медошт, ки нисбат ба бардоштани 60 килограмм қувваи бештарро талаб мекард?

Инак, ман ба толори варзишӣ рафтанро давом медодам. Ниҳоят, ман 90 килограммро бардоштам, лекин дар ин вазн ду сол дармондам. Ман дар як конфаронс дар Калифорния мавъиза мекардам, ва якчанд хизматгузорон ба ман гуфтанд:

-Ҷон, ту ягон бор 100 килограммро набардоштаӣ?

-Не, лекин ман аллакай беш аз панҷ сол кӯшиш мекунам, ки инро кунам, - каме маъюсона гуфтам ман.

-Мо ба ту кӯмак мекунем, ки рахна кунӣ, - гуфтанд онҳо.

Ва дар ҳақиқат, он рӯз ман 100 килограммро бо тахтапушт хоб рафта бардоштам! Ман чунон илҳом гирифта будам!

Пас аз ин ба хизматгузории мо “Мессенҷер Интернэшнл” як коргари нав ҳамроҳ шуд. Ман фаҳмидам, ки вай бо варзиши вазнин машғул аст, ва мо якҷоя машқ карданро сар кардем. Бо ёрии ӯ ман тавонистам 105 килограммро бардорам, ва боре ҳатто 110-ро. Аммо оё ман ба зиёдтараш қобилият доштам?

Баъд аз як сол ман дар як калисо дар шаҳри Детройт мавъиза кардам. Пас аз хизматгузориҳои рӯзи якшанбе, шубон ба ман гуфт:

-Ҷон, тренери ман фитнес-инструктори дар тамоми Амрико машҳур аст, ва ӯ ба калисои мо меояд. Пагоҳ саҳарӣ ман ба машқи навбатиам меравам. Ту бо ман меравӣ?

-Албатта, - гуфтам ман бо илҳоми зиёд.

Дар рӯзи оянда мо ба он ҷо рафтем. Ин тренер ба ман баҳо дод ва пурсид:

Инак, аз ҳама вазни калоне, ки ту бардоштӣ, 110 килограмм буд?

-Ҳа, лекин ин ҳамагӣ як дафъа буд.

-Имрӯз ту зиёдтар мебардорӣ.

*“Чӣ?!”* Ман инро нагуфтам, вале фикр кардам: *“Ту девонаӣ! Ин ғайриимкон аст!”* Лекин пас аз машқи на он қадар зиёд ва маслиҳатҳо, ман 120 килограммро бардоштам.

Ман хеле илҳом гирифта будам. Ман ва коргари хизматгузории мо, ки атлети вазнин буд, ба Колорадо баргаштем, ва ҳар ҳафта ин инструктор моро ба воситаи почтаи электронӣ машқ медод. Мо бо ҷидду ҷаҳд кор карданро давом медодем, ва дар соли оянда ман ба айни ҳамон калисо ба Детройт баргаштам. Он вақт ман 42 сола будам.

Он рӯзи якшанбе ман дар бораи сифатҳои бисёр хуби Рӯҳулқудс мавъиза кардам. Рӯзи душанбе фаро расид, ва мо ҳама якҷоя ба толори варзишӣ раҳсипор шудем. Ин тренер гуфт:

-Ҷон, шаби гузашта ман хобе дар бораи он дидам, ки ту беш аз 140 килограммро бардоштӣ.

-Аҷоиб! – гуфтам ман. Аммо, эҳтимолан, ман фикр кардам: "Офарин, лекин ман чунин хобе надидам!"

-Ҷон, дирӯз ту дар бораи қувваи Рӯҳулқудс мавъиза кардӣ. Ӯ ба ман шаби гузашта ин хобро дод! Ба болои харак хоб кун. Мо инро иҷро мекунем!

Ва ана, пас аз машқ, вазнҳо ба штанга гузошта шуда буданд, ва, бо доду фиғони баланд, ман 150 килограммро бардоштам!

Ман чунон илҳом гирифта будам, ки ба Лиза аз фурудгоҳи Детройт занг задам ва гуфтам:

-Ба ман ҳавопаймо лозим нест, ки ба хона парвоз карда равам – ҳоло ман дар чунон баландӣ ҳастам!

Дар он вақте, ки ман 150 килограммро мебардоштам, ман оромона бо вазни 100 килограмм машқ мекардам. Ман ҳатто ҳаргуна машқҳо мекардам, ки дар вақти он ин вазнро то даҳ маротиба мебардоштам. Бо ман чӣ рӯй медод, агар дар 35-солагӣ Кип ба штанга ба ҷои 40 килограмм 100 килограммро мемонд? Ин штанга метавонист маро бикушад! Он ба ман бо тамоми вазни худ меафтод ва маро маҷақ мекард! Солҳои тӯлонии кӯшишҳои пайдарҳам лозим шуданд, то ки ман қувваи ҳозираи худро пайдо кунам. Он чӣ, ки аллакай вазни одатӣ ба ҳисоб мерафт, ҳафт сол пеш метавонист маро бикушад!

Ана барои чӣ он озмоишҳое, ки мо мегузарем, ки баъзе вақт дар ҳаёти мо муддати дурудароз мемонанд, дар асл машқи қувваи рӯҳонӣ мебошанд, ки ба мо дар оянда барои тайёрӣ дидан ба озмоишҳои боз ҳам зиёдтар ёрӣ медиҳанд. Вақте ки мо дар Худованд пурқувваттар мешавем, мо қобилият пайдо мекунем, ки дар сохтмони подшоҳии Ӯ боз ҳам зиёдтар амал бикунем.

Мутаассифона, одамоне хоҳанд буд, ки дар назди курси доварии Масеҳ меистанд, ва Ӯ, бо ашк дар чашмон, ба онҳо мегӯяд: “Ман барои ту аз ин ҳам чизҳои бузуртарро доштам, лекин ту қобилият надоштӣ, ки аз ӯҳдаи он душвориҳое барой, ки ҳамроҳи ин меомаданд”. Ин махсусан фоҷиаовар аст, чунки, чи хеле ки мо медонем, Худо ҳаргиз ба мо, чуноне ки медонад, аз он, ки мо барояш тоб оварда метавонем, зиёдтарашро намедиҳад. Ӯ ба мо инро ваъда додааст!

Бинобар ин, биёед воқеаҳои машқи маро ба сифати шабоҳат (аналогия) истифода мебарем. Агар шумо қобилият дошта бошед, ки 60 килограмм муқобилияти рӯҳониро бардошта метавонед, вале Худо нақша ё хизматгузорие дорад, ки дар он барои бардоштани 80 килограмм муқобилият, таъқибот, озмоишҳо ва душвориҳо қобилият талаб карда мешавад, Ӯ ба ин роҳ намедиҳад, чунки шумо ба таври кофӣ боқувват нестед. Ба ҷои ин, Ӯ ба шумо имкон медиҳад, ки ҷараёни таълимро оғоз кунед. Шояд, Ӯ 65 килограмм душвориҳоро иҷозат медиҳад (лекин ба вуҷуд намеоварад), ки санҷидани шуморо давом медиҳанд, вале шуморо намешикананд.

Масалан, шояд, касе ғайбат мекунад ва дар бораи шумо овозаҳо паҳн мекунад. Ба ҷои он ки ба ин ҳамла муқобилат нишон диҳед, худро муҳофизат намоед ва худатон дар бораи ин одам ғайбат кунед, шумо, ба Каломи Худо итоат намуда, авлотар мешуморед, ки чизе нагӯед ва, ба ҷои ин, баракат диҳед. Бисёр хуб – шумо озмоишро дар вазни 65 килограмм бардоштед! Акнун шумо бояд ба дигар сатҳ – 70 килограмм гузаред! Агар шумо аз мусибатҳо гузашта, боз ба Худо итоат карданро давом диҳед, то он даме ки

шумо ба сатҳи 80 килограмм нарасед, машқи шумо давом меёбад. Акнун шумо ба нақша ва мавқеи боз ҳам баландтар дар подшоҳии Худо омода ҳастед, ки нақшаи Ӯ дар ҳаёти шумо мебошад.

Лекин агар шумо, дар бораи ғайбатҳо фаҳмида, хафа шавед ва ба ин одам ҷавоб гардонед, он гоҳ, чи тавре ки шумо аллакай пай бурдед, Худованд бо ашк дар чашмон мегӯяд: “Афсӯс мехӯрам, лекин ба ту лозим меояд, ки ба 60 килограмм муқобилияти рӯҳонӣ баргардӣ”. Шумо то ҳол дар “толори варзишӣ”ҳастед, вале аз он фоида намегиред.

Машқ давом ёфта истодааст, аммо дар ҳамон сатҳи пештара. Давомаш, Ӯ дар ҳаёти шумо мушкилиҳои молиявиро иҷозат медиҳад – боз як имтиҳон дар 65 килограмм. Лекин бар ивази он ки таъминоти Худоро биҷӯед, шумо дарҳол мегӯед: “Ин мушкилӣ нест! Пули корти қарзии мо ҳоло тамом нашудааст!”. Ва Худо – “Ба 60 килограмм баргард” – гуфта, ин вазни иловагиро мегирад.

Аммо вақте фаро мерасад, ки шумо ба Худо барои вазифаи муайян ё мавқеи муайян дар подшоҳии Ӯ лозим мешавед, ки муқобилиятро дар 80 килограмм дар назар дорад. Агар имтиҳонҳои биёбони шумо – машқҳои зӯрталаб, доимо номуваффақ мешуданд, Ӯ наметавонад шуморо дар он бубарад, чунки шумо мушакҳои рӯҳонӣ надоред, ки метавонанд муқобилиятро дар ин вазифаи додашуда ё мавқеи додашуда бардоранд. Дар ин ҳолат, Ӯ маҷбур мешавад, ки каси дигарро пайдо кунад, то ки аз ӯҳдаи ин вазифа барояд ё ин мавқеро ишғол намояд.

## Қудрат ва қуввати боз ҳам бештар

Ана барои чӣ биёбон он қадар муҳим аст; он қуввати моро афзун мегардонад.

Маҳз дар биёбон Яҳёи Таъмиддиҳанда дар рӯҳ пурқувват шуд.

Маҳз дар биёбон Исо дар рӯҳ қавӣ гардид.

Мушакҳои рӯҳонии онҳо на дар вақтҳои осон инкишоф ёфтанд,

балки дар вақти душвориҳо, вақте ки имони онҳо озмуда мешуд.

Яъқуб ба мо хабари хушро мерасонад: вақте ки шумо аз душвориҳо мегузаред, ва шумо ба Худо писанд омада, инро ба амал меоред, шумо пурра омода мешавед – шумо барои ҳама чизе, ки Худо барои шумо тайёр намудааст, қувват хоҳед дошт:

> “Чун шумо медонед, ки вақте ки имони шумо имтиҳон карда мешавад, сабри (ё тоқати) шумо имконияти афзун шуданро дорад. Пас, бигзор он афзун шавад, чунки, вақте ки сабри шумо пурра инкишоф меёбад, шумо, ҳеҷ камбудие надошта, комил ва солим хоҳед буд” (Яъқуб 1:3-4, NLT).

Вақте ки Яъқуб мегӯяд: “Пас, бигзор он афзун шавад”, вай қобилият ва сабри моро дар назар дорад. Яъқуб инчунин дар бораи он мегӯяд, ки агар дар биёбон дуруст рафтор кунем, мо чиро интизор шуда метавонем: “Худо онҳоеро баракат медиҳад, ки босаброна озмоишҳоро аз сар мегузаронанд. Пас аз ин онҳо тоҷи ҳаётро ба даст хоҳанд овард, ки Худо ба онҳое, ки Ӯро дӯст медоранд, ваъда кардааст” (Яъқуб 1:12, NLT).

Калимаи “тоҷ” рамзи қудрат мебошад, ва бо қудрат бошад қувват меояд. Мисли он ки чӣ хел Исо ба биёбон рафт, то ки аз тарафи иблис озмуда шавад, ва, ба туфайли итоаткории Худ ва қавииродагии Худ, аз он бо қудрат ва қуввати калон баромад, мо ҳам метавонем аз мавсими биёбон бо қудрат ва қуввати калон бароем.

Намедонам, шумо чӣ хел, аммо ман мехоҳам боварӣ дошта бошам, ки ман барои он чизе, ки Худо барои ман тайёр кардааст, қуввати рӯҳонӣ дорам.

Касе машқ кардан мехоҳад?

10

# ОБ ДАР БИЁБОН

*“Агар мо наметавонем ба Худо бовар кунем, вақте чунин ба назар мерасад, ки вазъият бар зидди мост, пас, мо тамоман ба Ӯ бовар намекунем”.*

**– Чарлз Сперҷен**

*“Ҳар кӣ аз ин об нӯшад, боз ташна монад, лекин ҳар кӣ аз обе, ки Ман ба вай медиҳам, нӯшад, абадан ташна намонад, балки обе, ки Ман ба вай медиҳам, дар вай чашмаи обе гардад, ки то ҳаёти ҷовидонӣ меҷӯшад”.*

**– Юҳанно 4:13-14**



Борон дар биёбон кам аст. Обро дар он ҷо ба даст овардан осон нест, ва, агар онро умуман пайдо карда шавад, онро аз чоҳҳо ё чашмаҳо гирифтан лозим аст. Биёбон ин замини хушк ва ташна аст (Забур 62:2). Барои ҳамин ҳам, Исо моро бо чунин суханон даъват мекунад:

> ““Ҳар кӣ ташна бошад, назди Ман биёяд ва бинӯшад. Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чуноне ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд”. Ин суханонро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт...” (Юҳанно 7:37).

Ман якчанд ҳодисаҳоро аз мавсими биёбони худ дар ёд дорам, вақте ки ман кӯшиш мекардам, ки дуо хонам, лекин ба ман душвор буд, ки оби ҳаётро ба даст орам. Боре, вақте ки ман дар чунин ҳолат будам ва Худовандро меҷустам, ман палаткаи худро гирифтам ва ба боғи давлатӣ равона шудам, то ки дар он ҷо як шаб то саҳари дигар бимонам. Он шаб ман дуо кардам, пас Каломро хондам, баъдан бошад хондани сурудҳои мадҳкуниро сар кардам. Ин тахминан се соат давом кард, ва чунин ба назар мерасид, ки ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Ман тару тозагиро эҳсос намекардам – ман хушкии мутлақро эҳсос мекардам. Дар маъюсии сахт, ман ниҳоят ба хобхалтаи худ хазида рафтам ва кӯшиши хоб рафтанро кардам.

Дар он шаб чунин ба назар мерасид, ки ҳамаи девон ид барпо

карданд; ман нағз хоб накардам. Ман аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар гашта, аз худ мепурсидам, ки чаро Худо Худро ба ман зоҳир накард. Субҳи дигар ман аз палатка баромадам ва дар гулгаштҳои боғ роҳ рафтанро сар карда, дар рӯҳ дуо мегуфтам, лекин то ҳол худро хушк эҳсос мекардам. Ин боз якуним соат давом кард. Ниҳоят ман чашмонамро бардоштам ва гуфтам: *“Худованд, аз афташ, ман дар биёбон ҳастам”*. Ман фикр кардам: *“Беҳтараш ки ман ба хона равам ва ҷустани Ӯро бас кунам; Ӯ маро ба ҷои хушкӣ гузошт, ва ҳеҷ чиз тағйир намеёбад, то он даме ки Вай маро аз ин ҷо набарорад”.*

Ин фикррониии хато буд! Худо моро аз биёбон намегузаронад, то ки моро ба маъюсию ноумедӣ орад ё маҷбур созад, ки таслим шавем, то он даме ки Ӯ Худаш шароити моро тағйир надиҳад! Биёбон таъин нашудааст, ки ҷои нокомиҳо бошад, балки ҷои ғалабаҳо бошад! Ногаҳон ман овози пастеро дар дохили худ шунидам, ки мегуфт: *“Мубориза бубар!”.* Як ҳамин калимаи хурдакак он шӯълаи оташ ва ҳаёт буд, ки ман ба он эҳтиёҷ доштам. Ман дарҳол гуфтам:

-Бахшоиши Худо, дар ман оташ бигир! Дарёҳои оби зинда, хурӯш бизанед! Чоҳи дили ман, лабрез шав!

Ман як ҳодисаеро, ки бо исроилиён дар биёбон рух дод, ба хотир овардам:

> “Ва он ҷо аз Баир кӯч карданд. Ин ҳамон чоҳест, ки Худованд дар бораи он ба Мӯсо гуфт: “Қавмро ҷамъ кун, то ки ба онҳо об диҳам”. Он гоҳ исроилиён ин сурудро сароиданд: “Лабрез шав, эй чоҳ!”” (Ададҳо 21:16-17).

Ман такрор кардани ин суханонро аз Каломи Худо давом медодам, ва дуои ман боз ҳам пурзӯртар мешуд, то он даме ки ман, дуо карда ва Каломи Худоро бо қувва ва оташи бузург эътироф карда, дар яке аз гулгаштҳои боғ ба қафо ва ба пеш роҳ рафтанро сар накардам. Тару тозагӣ омад, ва ман гӯё одами дигар шудам! Ман

ҳузури пурқуввати Ӯро эҳсос мекардам. Якчанд дақиқа пештар ман вазнинӣ ва заифиро эҳсос мекардам; акнун бошад ман тайёр будам, ки бо мадади Каломи Худованд бо ҳамаи душман рӯ ба рӯ шавам!

Ин тақрибан бисту панҷ дақиқа давом кард, лекин чунин ба назар мерасид, ки ҳамагӣ панҷ дақиқа гузаштааст. Ман бо тару тозагӣ пур шуда будам ва тайёр будам, ки ҷаҳонро ба даст орам!

Исо гуфтааст, ки дарёҳо ё сарчашмаҳои оби зинда аз дили касе ҷорӣ мешавад, ки назди Ӯ меояд ва менӯшад. Дар биёбон мо резиши (борони) Рӯҳулқудсро аз сар намегузаронем. Дар ин ҷои хушкӣ оби тароватбахшро бояд аз дилҳои мо – аз сарчашма ё чоҳи Худо гирифтан лозим аст.

Диққат диҳед, ки Исо нишон медиҳад (Юҳанно 7:39), ки чоҳ ё сарчашмае, ки Ӯ дар борааш мегӯяд ин Рӯҳи Худованд аст, ва дарёҳо (шакли ҷамъ), на ин ки дарё (шакли танҳо), аз дили имондор ҷорӣ мешаванд.

Бо кадом тарз Рӯҳи Худованд мисли дарёҳо аз дилҳои мо ҷорӣ мешавад? Пайғамбар Ишаъё табиати амал намудани Рӯҳро фаҳмонида медиҳад: *“Ва бар Ӯ Рӯҳи Худованд, рӯҳи ҳикмат ва хирад, рӯҳи машварат ва қудрат, рӯҳи шинохтани Худованд ва тарси Ӯ қарор хоҳад гирифт” (Ишаъё 11:2).*

Рӯҳулқудс рӯҳи ҳикмат ва хирад, рӯҳи машварат ва қудрат, рӯҳи шинохтани Худованд ва тарси Ӯ номида мешавад. Азбаски Исо мегӯяд, ки Рӯҳ мисли дарёҳо мешавад, ин маънои онро дорад, ки дарёи Ҳикмат, дарёи Хирад, дарёи Машварат, дарёи Қудрат, дарёи Шинохтани Худованд ва дарёи Тарси Худованд ҳаст. Аҷиб нест, ки дар он гулгашт назди палаткаи ман дили ман бо оташ аланга гирифт!

Ана боз якчанд ҳақиқатҳое, ки ин тасдиқотро дастгирӣ менамоянд:

Дар Масалҳо 18:4 навишта шудааст: *“Суханони даҳони одам обҳои чуқур аст; селоб аст, ки аз чашмаи ҳикмат ҷорист”.*

Дар Масалҳо 16:22 навишта шудааст: *“Ақл барои соҳибони худ чашмаи ҳаёт аст”.*

Дар Масалҳо 20:5 навишта шудааст: *“Андешаи дили одам обҳои чуқур аст, вале шахси хирадманд онҳоро мекашад”.*

Ин чоҳи обҳои чуқур дар дили имондор ҷойгир аст, чунки маҳз дар ҳамон ҷой Рӯҳ иқомат мекунад. Аммо, танҳо одаме, ки роҳҳои Худоро мефаҳмад, обро аз он мекашад. Калимаи калидӣ дар ин оят – “мекашад”. Боз ҳам, муҳим аст ба ёд овардан, ки дар биёбон обҳои тароватбахш дар намуди борони Рӯҳ намеоянд, вале бояд аз дил кашида шаванд.

Дар Масалҳо 10:11 навишта шудааст: *“Даҳони одил чашмаи ҳаёт аст...”.*

Дар Масалҳо 15:23 навишта шудааст: “*Шодӣ барои одам ҷавоби даҳони ӯст”.*

Агар ман бо фикри он, ки “Беҳтараш ман ба хона равам ва ҷустани Ӯро бас кунам; Ӯ маро ба ҷои хушкӣ гузошт, ва ҳеҷ чиз тағйир намеёбад, то он даме ки Вай маро аз ин ҷо набарорад”, палаткаи худро ҷамъ мекардам ва мерафтам, ман бо он вазниние, ки дар дохили ман буд, мерафтам. Вале азбаски ман он чиро, ки Худо ба дили ман гузошт, гуфтам, ман тавонистам обро аз чоҳҳои чуқур бикашам. Ман то чашмаҳои зеризаминии наҷот расидам, ва оби тароватбахшро кашида гирифтам. Ин дар ҳақиқат ба нӯшидани оби хунук аз чашма дар мобайни биёбон монанд буд!

Бисёриҳо дар ин вақти хушкӣ таслим мешаванд, вале Худо мегӯяд: “Ба пеш рафтанро давом деҳ! Бознаист!”. Дар дохили мо кӯшиши қавӣ ва мустаҳкам бояд бошад, ки ба мо намегузорад, ки таслим шавем, то он даме ки иродаи Ӯ иҷро нашавад.

Бисёриҳо, вақте ки хушкиро эҳсос мекунанд, дуо карданро бас мекунанд; онҳо бас мекунанд, чунки об аз чоҳҳо намеояд, ва чунин ба назар мерасад, ки онро ба даст овардан хеле душвор аст. Онҳо заиф ҳастанд, вале Худо мехоҳад, ки онҳо қувваи худро барои муборизаҳое, ки онҳоро дар оянда мунтазиранд, афзун гардонанд.

Аз куҷо қувват пайдо кунем, то ки ин обро бикашем? Ин қувват дар шодмонӣ аст! Дар Ишаъё 12:3 навишта шудааст: *“Ва бо*

*шодмонӣ аз чашмаҳои наҷот об хоҳед кашид"*, чунки *"шод будан ба ҳузури Худованд қуввати шумост" (Наҳамё 8:10).* Шодмонӣ ин қуввати рӯҳоние аст, ки моро қавӣ мегардонад.

Шод будан ба ҳузури Худованд ин чист? Солҳои зиёд ман фикр мекардам, ки шод будан ба ҳузури Худованд ин маънои доштани он шодие аст, ки Ӯ дорад, лекин ба ман душвор буд, ки инро бифаҳмам. Аммо дар ин ҷо на дар бораи ин навишта шудааст. Шумо ягон бор чунин ифодаро шунидаед, ки: "Шодмонӣ аз тайёр намудани хӯрок аст"? Тайёр намудани хӯрок дар худ шодмонӣ надорад. Ин маънои онро дорад, ки шумо шодмониро эҳсос мекунед, вақте ки хӯрок тайёр мекунед. "Шод будан ба ҳузури Худованд" ин шодиест, ки мо аз муносибат бо Ӯ эҳсос мекунем. Ӯ ба мо шодмонӣ медиҳад!

Оне ки мо ҳузури Ӯро дар ҳуҷраи дуохонӣ эҳсос намекунем, маънои онро надорад, ки Ӯ моро рад мекунад. Бинобар ин, шодии мо на дар он асос ёфтааст, ки мо эҳсос мекунем. Он дар Шахсияти Худо асос ёфтааст ва дар афзалияти муносибат бо Ӯ, ки мо дорем. Инак, мо боз ҳам дуртарро мебинем, нисбат ба дурӯғ оиди он ки мо аз тарафи Ӯ рад карда шудаем, ва мефаҳмем, ки дар асл Ӯ моро ба чашмаҳои боз ҳам чуқуртар... ҷалб мекунад!

## Чоҳҳои басташударо кушода истода

Боре Исҳоқ – писари бо мӯъҷиза таваллудшудаи Иброҳим, давраи хушкиро аз сар мегузаронид:

> "Ва қаҳтие дар он замин рӯй дод, ба замми он қаҳтии аввал, ки дар айёми Иброҳим рӯй дода буд... Ва Худованд бар ӯ зоҳир гардида, гуфт: "Ба Миср нарав, балки дар замине, ки ба ту бигӯям, маскан гир. Дар ин замин мусофират кун; ва бо ту хоҳам буд, ва туро баракат хоҳам дод"" (Ҳастӣ 26:1-3).

Худо, қисман, ба Исҳоқ амр дод, ки ба Миср – ба ҳаёти бароҳат

нагурезад, балки дар он ҷое бимонад, ки Ӯ вайро гузошт. Баъзе вақт, ҳангоме ки мо ба ҷои хушкӣ мефароем, якум чизе, ки мо дар борааш фикр мекунем, ин “Ман аз ин ҷо меравам!” гуфтан аст. Агар дар вақти дуохонии саҳарӣ мо ҳузури Худоро эҳсос накунем, ақли мо дар бораи ҳама чизе, ки мо бояд дар ин рӯзи дарпешистода бикунем, фикр карда, оворагардиро сар мекунад,. Мо саросемавор вақти дуохонии худро хотима медиҳем ва ба фикр кардани рӯйхати корҳоямон мегузарем.

Агар мо дар калисое, ки ба он меравем, хушкиро эҳсос кунем, мо, ҳатто Худоро напурсида, қарор мекунем:*“Ман ба он ҷое меравам, ки илҳоми рӯҳонӣ ва мавъизаҳои таассуротбахш ҳастанд!”.*

Инчунин, агар мо дар соҳаи иҷтимоӣ ё касбӣ хушкиро эҳсос кунем, мо дар бораи он фикр мекунем, ки биравем ва шаҳреро пайдо кунем, ки иқтисодиёти афзоишкунанда дошта бошад. Мо фикр мекунем: *“Агар ман дар ин ҷо бимонам, ман хушк мешавам, ва нақшаи Худо барои ҳаёти ман иҷро нашуда мемонад”.*

Бисёр масеҳиёни амрикоӣ чунин фикр мекунанд. Онҳо аз як соҳаи иҷтимоӣ ба дигараш, аз як фаъолият ба дигараш, аз калисо ба калисо, аз шаҳр ба шаҳр давида, кӯшиш мекунанд, то ҷоеро пайдо бикунанд, ки он ҷо хушкӣ нест. Ба ҷои он ки чоҳҳо бикананд ва ба Худо иҷозат диҳанд, ки онҳоро истифода барад, то дар он ҷои хушкие, ки онҳо ҷойгиранд, оби тароватбахшро биёранд, онҳо, сабукӣ ва ҳаёти оромро ҷуста, хушобуранг карда гӯем, “ба Миср сафарбар шуда истодаанд”. Он чиро, ки онҳо дар ҳақиқат намефаҳманд, ин он аст, ки дар бисёр аз ин мавсимҳои хушкӣ Худо нияти иҷро кардани он рӯъёро дорад, ки Ӯ ба онҳо додааст. Ман медонам, ки ин на ҳама вақт чунин аст, чунки баъзе вақт Худо моро барои ҷои нав тайёр мекунад ва ба кӯҳна иҷозат медиҳад, ки хушк шавад. Калид дар он аст, ки бо Рӯҳи Худо раҳнамоӣ карда шавем! Агар Ӯ чизе нагӯяд, бозистед ва мубориза баред!

Бинобар он ки Исҳоқ ба Худо итоат намуд ва дар мамлакате бимонд, ки қаҳтӣ буд, чунин чиз рӯй дод:

“Ва Исҳоқ дар он замин зироат кард, ва дар он сол садчандон ҳосил бардошт: Худованд ӯро баракат дод. Ва ин мард бузург шуд, рафта-рафта бузург шудан гирифт, то ба дараҷае, ки бағоят бузург шуд. Ва ӯро рамаҳои гӯсфандон ва рамаҳои говон, ва ғуломону канизони зиёде буд, ва фалиштиён ба ӯ ҳасад бурданд. Ва ҳамаи чоҳҳоеро, ки ғуломони падараш дар айёми падараш Иброҳим канда буданд, фалиштиён бастанд ва аз хок пур карданд... Ва чоҳҳои обро, ки дар айёми падараш Иброҳим канда буданд, ва фалиштиён онҳоро баъд аз вафоти Иброҳим баста буданд, Исҳоқ аз сари нав канд, ва ба онҳо ҳамон номҳоро дод, ки падараш ба онҳо дода буд” (Ҳастӣ 26:12-15,18).

Исҳоқ он оберо, ки барои зироати вай лозим буд, чоҳҳои падари худро , яъне он чоҳҳоеро, ки фалиштиён баста буданд, аз нав канда, ба даст овард. Монанди он ки бо Исҳоқ рӯй дод, обе, ки мо ба он

**Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?**

**#10 Воситаи пинҳонӣ барои хурсандӣ**

Вақте ки шумо дар биёбон ҳастед, бисёр осон аст, ки ба шароиту вазъиятҳои худ диққататонро ҷалб кунед. Ман мехоҳам ба шумо сирри хурдакакеро кушода диҳам, ки ба ман кӯмак кард, то дар вақтҳои биёбон зинда монам ва нашъунамо ёбам. Ман инро воситаи Пинҳонӣ барои хурсандӣ меномам.

Ҳангоме ки қариб ҳеҷ чиз дар зиндагӣ маро илҳом намебахшад, вақте чунин ба назар мерасад, ки ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад, вақте ки ман дуо мекунам ва дуо мекунам, вале натиҷаро намебинам, ман фикран ба он чизе бармегардам, ки Исо кард. Ман дар ёд дорам, ки Ӯ ба маънои аслиаш маро аз дӯзах наҷот дод, аз он ҷое, ки оташ ҳаргиз хомӯш

бисёр эҳтиёҷ дорем, то ки тухмии бефанои Худо дар дилҳои мо бирӯяд ва нашъунамо ёбад, баъзе вақт лозим меояд, ки аз чоҳҳои басташуда кашида гирем. Фалиштиён аз ин ҷаҳон ва системаи он буданд. Аксар вақт, ҳангоме ки мо бо системаи ин ҷаҳон бисёр наздик муносибат мекунем, мо дарк намекунем, ки чӣ қадар чоҳҳои мо баста мешаванд. Бисёр муҳим аст, ки чоҳҳои худро кушоем, то ки мо обёрии лозимаро барои ҷонҳои худ гирифта тавонем.

Ман боварӣ дорам, ки зада даромадани арзишҳои маданӣ ба бадани Масеҳ дар замони мо бисёр чоҳҳоро "бастааст". Оё имкон дорад, ки калисое, ки бояд чашмаи об ҷорӣ бошад, ҷои хушкӣ шуд, чунки ба душман иҷозат дод, ки худро фиреб диҳад ва чоҳҳои худро бубандад?

Мо бояд саволи навбатиро диҳем: "Оё Худо метавонад калисои Худро бо оби тоза барқарор бикунад?". Албатта! Ишаъё бо таври

намешавад, ва бӯйи сулфур ҳаргиз намеравад. Азобу уқубат дар он ҷо ҳаргиз тамом намешавад. Дӯзах на барои ман, балки барои шайтон офарида шуда буд. Аммо шайтон одамизодро фиреб дод, ва акнун ӯ вайро ба он ҷо, аз қафои худ, мебарад. Аммо, Исо ҳаёти Худро бидод – Холиқи ман ҳаёти Худро бидод, то ки маро аз дӯзах наҷот бидиҳад.

Вақте ки ман дар ин бора фикр карданро сар мекунам, вақте ки ман нигоҳи худро сӯи Ӯ равона мекунам, вақте ки ман ба ҳаёт бо миннатдорӣ назар мекунам, вақте ки ман ба он аз нуқтаи назари абадият нигоҳ мекунам, ногаҳон вазъияти ман он чунон муҳим намуданро бас мекунад. Ин воситаи Пинҳонии ман барои хурсандӣ ба ёд овардани ҳамаи он чизе аст, ки ман барояш бояд миннатдор бошам, ва нигоҳи худро ба Исо равона кунам.

бисёр хуб дар бораи ин мегӯяд:

> “Ва Худованд туро ҳамеша ҳидоят хоҳад намуд,
> ва дар хушксолиҳо туро сер хоҳад кард,
> ва ба устухонҳои ту қувват хоҳад дод,
> ва ту мисли боғи сероб хоҳӣ буд,
> ва мисли чашмае, ки обаш ҳаргиз адо намешавад.
> Ва онҳое, ки аз ту ба вуҷуд меоянд,
> харобаҳои қадимро бино хоҳанд кард,
> ва ту асосҳои чандин асрро барпо хоҳӣ намуд,
> ва туро таъмиркунандаи рахнаҳо,
> ободкунандаи роҳҳо барои сукунат хоҳанд номид”
> (Ишаъё 58:11-12).

Исҳоқ қарор кард, ки роҳҳои худро намеҷӯяд ва ба мамлакате, ки шароитҳои беҳтарин дорад, рафта, ба лаззату ҳаловат кӯшиш намекунад. Агар мо ҳам роҳҳои худро наҷӯем, ба лаззату ҳаловатҳо кӯшиш накунем ва аз рӯи хости худ умр ба сар набарем, балки Худовандро эҳтиром кунем, он гоҳ мо ҳамчун боғи обёрикардашуда ва чашмаи оби зинда мешавем, ки обҳои он ҷорӣ шуданро бас намекунанд. Агар мо он чуноне рафтор кунем, ки Худо мехоҳад, Ӯ ба воситаи мо оби зиндаро ба одамони хушкшуда ва ташналаб медиҳад.

Худо моро раҳнамоӣ мекунад, то ҳамаи чоҳҳоеро, ки аз тарафи ин ҷаҳон баста шуда буданд, аз сари нав биканем Боз ҳам, ин устувориро талаб мекунад, ва ин метавонад вақти зиёдтарро гирад, нисбат ба якчанд соат, рӯзҳо, моҳҳо ё ҳатто сол.

## Гум кардани ҷидду ҷаҳд

Боварӣ дорам, ки ман дар ин китоб аниқ нишон додам, ки биёбон ин маҷозест (метафора), ки вазъиятҳои бисёр гуногунро тасвир менамояд. Як чизи умумии онҳо он аст, ки мо ба

вазъиятҳое дучор мешавем, ки дар онҳо маҳрумӣ ё хушкиро аз сар мегузаронем. Аксар вақт чизи огоҳикунандаи биёбон ин поёнравӣ ё тамоман нестшавии илҳом ва ҷидду ҷаҳд ба даъвати мо, ё ҳатто ба муносибати мо бо Худо мебошад.

Ба ман иҷозат диҳед, ки мухтасар дар бораи таҷрибаи дуюми аҳамиятноки худ дар биёбон нақл кунам, вақте ки ман ҳамчун шубони ҷавонон хизмат мекардам.

Нӯҳ моҳи аввал дар ин калисо дар Флорида бисёр аҷиб буданд – хизматгузорӣ васеъ мешуд, ва дастаи ҷавонон меафзуд. Ман рӯҳбаланд, пур аз қувват ва ҷидду ҷаҳд будам. Лекин баъд ман гӯё ки қувват гирифтанро бас кардам, ва ҳамаи ҷидду ҷаҳд ва кӯшишҳои ман тамом шуданд.

Ман дар дуо вақти зиёдтарро мегузаронидам, нисбат ба ҳарвақта, лекин чунин ба назар мерасид, ки ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Ба ғайр аз ин, он рӯъёе, ки ман барои хизматгузории ҷавонон доштам, торафт кам мешуд (шароби кӯҳна рехта мешуд). Ҳар қадаре ки бештар ман дуо мекардам, ҳамон қадар бештар он хомӯш мешуд. Зоҳиран ҳамааш мисли пештар монда буд, лекин дар дохил чизе тағйир меёфт.

Бар замми ҳамаи ин, мо имтиҳонҳои зоҳириеро мегузаштем, ки ҳаргиз аз сар нагузаронида будем. Аз ҳама имтиҳони бузург он буд, ки роҳбари бевоситаи ман бар зидди ман кор мебурд, то ки аз кор озодшавии маро ба даст орад. Писари ӯ дар хизматгузории ҷавонони мо буд, ва боре бегоҳӣ, баъд аз ҷамъомади ҷавонон, вай назди зани ман омад ва гуфт:

-Хонум Лиза, чӣ тавр ман аз рӯи он чизе, ки Ҷон мавъиза мекунад, зиндагӣ кунам, агар падару модари ман дар хона... корҳоро мекунанд? (гуфтан лозим нест, ки онҳо чӣ корҳоро мекарданд; ман танҳо мегӯям, ки ин чизи хуб набуд).

Ӯ дар ҳайрат монда буд, лекин ҷавоби оқилона дод:

-Ба Каломи Худо содиқ бимон, ва ба Худо иҷозат деҳ, ки бо падару модари ту кор кунад.

Аз ҳамон рӯз роҳбари ман қарор кард, ки обрӯи маро мерезонад ва аз ман халос мешавад. Ӯ ҳуҷуми номаълум, вале боисрорро сар кард. Ба вай муяссар гардид, ки байни шубони калони мо ва ман носозӣ андозад. Дар давоми шонздаҳ ҳафта ман боре ҳам бо шубони худ вонахӯрдам ва гап назадам.

Пас аз якчанд моҳи найрангҳои ин шахс, шубони калон қарор кард, ки маро аз кор озод намояд. Вай дар ҷамъомади якшанбегии саҳарӣ эълон кард, ки дар хизматгузории ҷавонон дигаргуниҳои назаррас ба вуқӯъ меоянд. Ду бародарон шубонон ба ман гуфтанд, ки рӯзи душанбе ман аз кор холӣ мешавам.

Аммо Худо мӯъҷиза кард, ва шубони калони мо аз фикраш гашт. Худо ба ӯ тақрибан байни ин эълон дар вақти ҷамъомади якшанбегии пагоҳӣ ва вохӯрии таъиншудаи мо дар пагоҳии рӯзи душанбе сухан ронд. Вақте ки мо вохӯрдем, вай гуфт:

-Ҷон, Худо туро ба мо фиристод, ва ту намеравӣ, то он даме ки Вай нагӯяд, ки вақте фаро расид, ки ту биравӣ.

Пас аз шаш моҳ найрангҳои роҳбари ман ошкор гардиданд, ва ӯ зуд аз вазифаи худ дар калисо озод карда шуд. Он коре, ки вай кард, нисбат ба он ки бисёре аз мо фикр мекардем, ҷиддитар буд.

Дар давоми ин мавсим ман на танҳо ба ин ва дигар ҳуҷумҳои зоҳирӣ дучор шудам, балки ба бисёр дигар ҳуҷумҳои дохилӣ, ки ман ҳеҷ вақт аз сар нагузаронида будам. Боз ҳам, ман фикр мекардам, ки шояд гап дар ман буд, ва эътироф кардани ҳар як гуноҳеро, ки ба ёд оварда тавонистам, сар кардам, лекин ман сабукиро аз ҳуҷумҳо ба ҳаёти ман ва аз хушкии ман эҳсос накардам.

Боре, вақте ки ман боз кӯшиш кардам то бифаҳмам, ки кадом гуноҳро ман содир кардам, Худованд ба ман гуфт: “Ту дар биёбон на аз барои он ҳастӣ, ки гуноҳ кардӣ. Ман туро ба дигаргуние, ки меояд, тайёр карда истодаам”. Ин “шароби нав” буд, ки дар бораваш ман дар боби 5-ум навиштам.

Пас аз он ки дар ин биёбон қариб як сол гузашт, Худованд маро роҳнамоӣ кард, ки ман аз хӯрок рӯза гирам. Баъд аз якчанд рӯзи

рӯзадорӣ аз даҳони ман дуо баромад, ки ман онро бо гӯшҳои худ, танҳо пас аз он ки аз даҳонам баромад, шунидам. Ин фарёд аз дили ман ақли маро пеш гузашт. Ман аз дил нидо кардам: *"Худованд, аҳамият надорад, ки ман дар биёбон мешавам, дар он ҷое, ки касе нест, ё ба миллионҳо нафар мавъиза мекунам. Ман айни ҳамон чизро дар ҳарду ҷой хоҳам кард. Ман ба дили Ту кӯшиш хоҳам кард!".*

Ногаҳон дар дохили ман гӯё ки зангӯлаҳо садо доданд, ва ман фаҳмидам, ки чиро Ӯ дар ман иҷро карда истодааст! "Худо, Ту маҳз ҳаминро дар ман мекардӣ" – гуфтам ман. – "Ту маро ба чунин ҳолат овардӣ, ки дар он мероси ман ва муҳаббати аввалини ман ин Туӣ, на ин ки хизматгузорӣ ё ягон чизи дигар. Бинобар ин, вақте ки тағйирот меояд, ман онро бут намекунам. Ман Туро – муҳаббати аввалинамро тарк намекунам, ва хизматгузориро ба ҷои Ту дӯст нахоҳам дошт. Дили ман дар ҳолати дуруст хоҳад монд".

Ва ногаҳон ман он чиро, ки Худо дар бораи Довуд гуфт, ба хотир овардам:

> "Вақте ки ӯро аз миён бардошт, Довудро бар онҳо подшоҳ таъин кард ва дар ҳаққи ӯ шаҳодат дода, гуфт: "Довуд ибни Йисойро мувофиқи табъи дили Худ ёфтам, ки ӯ тамоми хостаи Маро ба ҷо хоҳад овард"" (Аъмол 13:22).

Ба ман иҷозат диҳед, ки боз ин далели муҳимро ёдрас кунам – шоҳ Шоул боре ҳам биёбонро нагузашта буд. Вай дар аввал, вақте ки аз пайғамбар дар ароба пинҳон мешуд, ҳамон вақте ки вайро шоҳ эълон карданд, фурӯтан ба назар мерасид. Аммо, пас аз чанд комёбиҳо, омехтаҳои вай ба рӯй баромаданро сар карданд. Ӯ дар муҳорибаи бузург ғалаба кард, вале инро ба таври худаш кард ва ба супоришҳои Худо итоат накард. Гӯё ки ин кофӣ набуд, пас аз ин ӯ пайкараи худро бино кард. Ин танҳо саршавии корҳои нопоки ӯ буд, ки маълум шуданро давом медоданд. Ниҳоят, вай аз барои

он омехтаҳо ё камбудиҳое, ки оқибат онҳоро ислоҳ накард, ҳаёти худро аз даст дод.

Ду ҳолате мавҷуд аст, ки он чиро, ки дар дохили шумо ҳаст, маълум мекунад. Яке аз онҳо, ки дар бораaш мо аллакай гуфтем, ин оташи поккунанда. Дуюмаш – ин комёбӣ. Аммо комёбӣ омехтаҳои шуморо ба ҳама дар иҳотаи шумо маълум мекунад, лекин шумо то ҳол нисбати онҳо кӯр мемонед. Бисёр хизматгузорон ба оташи поккунанда нагузоштанд, ки онҳоро пок кунад. Ба ҳар ҳол, ба мисли Шоул, онҳо, ниҳоят, даъват шуда буданд, ки ба хизматгузорӣ дохил шаванд. Аммо, афсӯс ки, оқибат онҳо омодагии бояду шоядро нагузаштанд. Ва вақте ки комёбӣ омехтаҳоро дар дохили онҳо маълум кард, ин он кореро, ки онҳо ба он даъват шуда буданд, вайрон кард.

Шоул “хизматгузорӣ”-и худро то дараҷае дӯст медошт, ки одам мекушт, то ки онро нигаҳ дорад. Довуд ба тахт кӯшиш намекард; вай ба дили Худо кӯшиш мекард. Дар биёбон Довуд сарчашмаи ҳақиқии хурсандии худро пайдо кард, ва ин сарчашма ҳам бошад, Худи Худо буд. Довуд ду дафъа имконияти куштани Шоулро дошт, то ки тахтро забт кунад, ва ҳамроҳонаш ӯро дастгирӣ мекарданд, ки чунин кунад. Агар Довуд айни ҳамон ниятҳоеро медошт, ки Шоул дошт, вай мекушт, то ки он чиро, ки Худо ба воситаи пайғамбар Самуил ба ӯ ваъда дода буд, ба даст оварад.

Имрӯз мардон ва заноне ҳастанд, ки тайёранд суханони бад гӯянд, ғайбат кунанд ё фиреб диҳанд, то ки он чиро, ки Худо ба онҳо ваъда дод, ба даст оранд; дар бораи ин фикр кунед, ки ин чӣ хел кинояомез аст! Онҳо ба Шоул монанд ҳастанд; онҳо қариб ки ба ҳама чиз тайёранд, то ки мероси худро ба даст оранд ё нигаҳ доранд. Худо “Довудҳо”-ро меҷӯяд, ки дилҳояшон ба Ӯ майл мекунанд, на ин ки ба мавқеъ, нуфуз, пул ё шараф. Барқароркунии машки кӯҳна ин амиқшавии хислати Худо дар дохили мо аст. Маҳз хислати Худо фишори шароби нави Рӯҳро (тадҳин ва ҳузури Ӯро) метавонад ҷойгир кунад. Вақте ки мо Он Касеро меҷӯем, ки

мехоҳем пайравӣ кунем, ин хислат инкишоф меёбад,.

Шумо пурсида метавонед: “Чӣ қадар вақт барои ин лозим мешавад?”

Ҷавоби ман чунин аст: “Вақт набояд шуморо хавотир созад; канданро ҳамту давом диҳед, то он даме ки об ҷорӣ нашавад”. Бисёри вақт ҷавоб баъди як дуо намеояд. Шумо мебояд аз он ҷой дар вақти дуои навбатӣ давом диҳед ва, шояд, дар вақти дуоҳои бисёри навбатӣ.

Вақте ки ман дар Даллас зиндагӣ мекардам ва ба шубони калон ва зани вай кӯмак мерасонидам, ман бо яке аз дӯстони наздики худ – ёрдамчии шубон ва роҳбари кормандони калисо, - қариб ҳар саҳар дуо мекардам. Мо ба ҳуҷраи дуохонӣ соати 07:00–и субҳ меомадем ва дуо мекардем, ва бисёр вақт ҳузури Худо ва он чиро, ки чӣ тавр Ӯ барои мо амал мекунад, эҳсос мекардем. Лекин бисёр дафъа, вақте ки соат 08:30 (вақти саршавии рӯзи корӣ) мешуд, ва мо бояд ба дафтари кориамон мерафтем, мо қариб ки маъюсию ноумедиро эҳсос мекардем, чунки тамоман ягон рахнашавӣ набуд... ягон хел обҳои тароватбахш. Чоҳҳо ҳоло кушода набуданд!

Субҳи дигар мо бармегаштем ва аз он ҷой сар кардем, ки дар он ҷо бозистода будем. Баъзе вақт ин ду рӯз, баъзан се рӯз давом мекард, боре бошад ман дар ёд дорам, ки тамоми ҳафта бе обҳои тароватбахш гузашт! Аммо вақте ки рахнашавӣ меомад, мо қувват ва тару тозагӣ мегирифтем.

Дар калисоҳо дар тамоми Амрико сафар карда, ман бисёр масеҳиёнеро вомехӯрам, ки гузоштанд, ки чоҳҳояшон баста шаванд, ва дар ин ҳолат қулай ҷо гирифтанд. Далели изтиробангез он аст, ки ман эҳсос мекунам: дар ин ҳолат аксарият қарор доранд, на ин ки аққалият. Чӣ рӯй медод, агар ин одамон дар худ бахшоиши осмониро оташ мегиронданд ва иҷозат медоданд, ки он ба воситаи онҳо амал кунад? Одамон, оилаҳо, калисоҳо тағйир меёфтанд – тамоми Амрико тағйир меёфт!

Бахшоиши Худо дар ҳаёти бисёр одамон амал намекунад. Аммо агар чунин ба назар намояд, ки чоҳҳо баста шудаанд, Рӯҳ мунтазир аст.

Канданро давом диҳед! Шумо оби тару тозаи худро дар биёбон пайдо хоҳед кард!

11

# РОҲИ ХУДОВАНДРО ТАЙЁР БИКУНЕД

*“Душворӣ ҳамеша ногаҳонӣ ва номатлуб аст. Душворӣ ин бадандеш ва дузд аст, вале дар дастони Худо он воситае мегардад, ки бо ёрии он қувваи фавқултабии Ӯ зоҳир мегардад”.*

**– Чарлз Стенли**

*“Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад”.*

**–Юҳанно 5:19**

Биёбон – ин ҷое аст, ки роҳи Худованд тайёр мешавад, дар он ҷое, ки ҳар кӯҳ паст мешавад, ва ҳар водӣ лабрез мешавад. Ишаъё инро бо таври фаромӯшнашаванда дар ин ояти машҳур тасвир менамояд:

Овозе нидо мекунад:

“Дар биёбон роҳе барои Худованд тайёр кунед,
тариқе барои Худои мо дар саҳро ҳамвор кунед!,
Ҳар дара баланд ва ҳар кӯҳ ва теппа,
паст хоҳад шуд,ва партгоҳ ба дашт,
ва силсилаи кӯҳҳо ба водӣ табдил хоҳад ёфт;,
ва ҷалоли Худованд зоҳир хоҳад шуд,,
ва ҳар ҷисм якбора онро хоҳад дид,,
зеро ки Худованд инро гуфтааст”.

Овоз мегӯяд: “Эълон намо!”,
Ва гуфтам: “Чиро эълон намоям?”,
Ҳар ҷисм мисли алаф аст, ва тамоми ҳусни он,
мисли гули саҳро.,
Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад,,
вақте ки боде аз ҷониби Худованд бар он бивазад:,
ба яқин, қавм низ алаф ҳастанд.,
Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад,,
вале каломи Худои мо то абад қоим хоҳад буд” (Ишаъё 40:3-8).

Ин порча барои ҳамаи онҳое, ки ҳозир дар мавсими биёбон ҳастанд, маҳз чӣ маъно дорад?

Дар бадани Масеҳ ҳамаи мо ӯҳдадориҳое дорем, ки Худованд ба мо вогузоштааст. Аммо, пеш аз он ки Худо ба мо барои иҷро кардани онҳо иҷозат диҳад, мо бояд дар биёбон, яъне дар он ҷое, ки ҷисми мо маслуб мешавад, имтиҳон ва машқро гузарем. Дар биёбон мо инчунин Худовандро мунтазир шудан ва хомӯш монданро ёд мегирем, то он даме, ки овози Ӯро нашнавем ва нафаҳмем, ки Ӯ чӣ кор карда истодааст, то ки иродаи Ӯро итоаткорона иҷро намоем.

Ман мехоҳам дар бораи ҳаёти худ бештар нақл кунам, то ки ба шумо нишон диҳам, ки роҳ ба воситаи биёбон аз нуқтаи сафарбаркунӣ то нуқтаи таъинот на ҳама вақт бо роҳи рост меравад, ва инчунин метавонад аз роҳҳои давродаври шигифтангез ва истгоҳҳое, ки ба нақша гирифта нашудаанд, иборат бошад.

Дар соли 1979, дар донишгоҳи “Пердю” донишҷӯ буда, ман дар хобгоҳи мардонаи донишгоҳамон аз олами боло таваллуд шудам. Пас аз чор моҳ, ман аз Рӯҳулқудс пур шудам, ва Худо водор кардани маро сар кард, ки ба Ӯ хизмат кунам. Ба ман бовар кунед, хизматгузорӣ тамоман дар нақшаи ман набуд; ман намехостам бо ин ягон чизи умумӣ дошта бошам. Ҳамаи хизматгузороне, ки ман аз бачагӣ мешинохтам, шахсоне набуданд, ки ман ба онҳо монанд шудан мехостам. Ман медонам, ки муносибати ман ғаразнок буд, аммо барои ман онҳо одамони “на аз ин ҷаҳон” буданд, ки фарзандони ғалатӣ доранд ва дар хонаҳои вайрона зиндагӣ мекунанд. Албатта, дертар ман фаҳмидам, ки таассуротҳои ман вайрон буданд – дар асл, хизматгузорони бофаросат хеле зиёданд, ки фарзандони бисёр хуб доранд, ва дар хонаҳои хуб зиндагӣ мекунанд! Аммо, имондори ҷавон буда, ман фикр мекардам, ки хизматгузор будан маънои бо ҳаёти пастсифат зиндагӣ кардан ё, дар кулба зиндагӣ карда ва ҳатто як ҷуфт пойафзол надошта, ба Африқо афтодан аст.

Ман дар як шаҳраки хурдакак бо аҳолии 3.000 нафара ба воя

расидам. Ягона хизматгузороне, ки ман медонистам, коҳини насронии ман (барои ман ин вариант набуд, чунки ба онҳо иҷозат нест, ки зан гиранд) ва шубони калисои хурдакак буданд. Ӯ ду фарзанди ҳамсоли ман дошт, ки ғалатӣ буданд, ва вақте ки ман ба хонаи онҳо мерафтам, ман як бӯйи бадеро ҳис мекардам! Боре, вақте ки ман ба хонаи онҳо рафтам, ин бӯй чунон нофорам буд, ки ман, то тавонистанам, нафасамро медоштам, то он даме ки баҳона барои рафтан пайдо накардам! Бинобар ин, шумо фаҳмида метавонед, ки чаро ман ба хизматгузорӣ на он қадар шавқманд будам. Ман коҳин будан намехостам, ва фарзандони ғалатӣ ва хонаи бӯйдорро намехостам. Ман инчунин намехостам ба Африқо миссионер шуда равам ва ҳаёти худро дар кулба ба поён расонам.

Дар он вақт ман нақша доштам, ки омӯзиши мошинсозиро дар донишгоҳи "Пердю" хатм кунам, баъдан бошад дараҷаи Магистри маъмуриятчигии расмиро дар "Гарвард" гирам. Баъдан ман ба як ширкати амрикоӣ ба кор даромаданӣ будам, дар зинаҳои мансаб боло баромада, пули зиёд кор карда ва калисои худро бо ҳадяҳои худ дастгирӣ карданӣ будам. Нақшаи ман чунин буд, ва ман аз он чизе, ки Худо нисбати хизматгузорӣ пичиррос мезад, мегурехтам (дар ин нақша ягон чизи бад набуд, лекин ин нақшаи Худо барои ҳаёти ман набуд).

Пас аз чор моҳ, як субҳи рӯзи якшанбе, вақте ки ман дар калисо нишаста, мавъизаи шубонро мешунидам, Рӯҳулқудс ба ман қатъитар муроҷиат кард: *"Ман туро даъват намудам, ки мавъиза кунӣ! Ту чӣ кор карданӣ ҳастӣ?".*

Ин дафъа ман инро аниқ шунидам ва ҷавоб додам: "Худованд, агар ман ҳатто ба Африқо афтам, бе пойафзол ва дар кулба аз хасбеда, ман мавъиза хоҳам кард, ман ба Ту боитоат хоҳам буд!" (Худо медонад, ки чӣ тавр диққати моро ҷалб кунад. Дар давоми моҳҳои гузашта ман аллакай харҷҳоро дар вақти даъватҳои хурди Ӯ ҳисоб карда баромадам). Акнун, пурра дарк карда, ки ба чӣ ман розӣ шуда истодаам, новобаста аз нарх, ман тайёр будам, ки ба Ӯ писанд оям!

Худованд тайёр кардани маро сар кард. Оташ дар дохили ман аланга заданро сар кард; ман ба донишҷӯёни мо, ки дар хобгоҳ зиндагӣ мекарданд, дар бораи Исо нақл карданро сар кардам, ва бисёриҳо наҷот меёфтанд. Тақрибан баъд аз якуним сол, ман дар хобгоҳамон, ки ба он донишҷӯён аз тамоми факултаҳои донишгоҳ ташриф меоварданд, омӯзиши Китоби Муқаддасро сар кардам. Ҳар ҳафта одамони нав, шифо ёфта ва озодӣ ба даст оварда, ҳаёти худро ба Масеҳ мебахшиданд.

Ман пурра афзалиятҳои худро тағйир додам! Акнун хоҳиши мавъиза кардани ман чунон сахт буд, ки ман мехостам дар соли охирини  факултаи мошинсозӣ хонданро партоям ва ба Мактаби библиявӣ равам. Ман чунин фикр мерондам: агар ман даъват шуда бошам, ки мавъиза кунам, барои чӣ ҳисобу китоб ва физикаро омӯхтан даркор аст, модоме ки одамон мемиранд ва ба дӯзах меравaнд? Исо ба қарибӣ бармегардад, ва бинобар ин, ман бояд ба майдони ҳосил то ҳадди имкон барвақттар равам.

Боре бегоҳӣ, вазифаҳои хонагиро, ки аллакай ба онҳо нафрат доштам, тайёр карда истода, ман назари худро аз китоби дарсиам ба Китоби Муқаддас бурдам, ки дар раф меистод. Ман аз ҷонам сер шуда будам! Ман китоби дарсиамро оиди термодинамика ба девор ҳавола додам. Ман қарор кардам, ки дигар мунтазир намешавам; ман донишгоҳро тарк мекунам ва ба Мактаби библиявӣ дохил мешавам.

Ман ба шахсе занг задам, ки маро раҳнамоӣ мекард. Вай дар донишгоҳи “Пердю” тадқиқотчӣ ва дӯсти бисёр наздики ман буд. Ман далерона арз кардам:

-Дон, ман хонданро мепартоям, то ки ба Мактаби библиявӣ дохил шавам!

-Вай ҷавоби оқилона дод:

-Чаро мо ин бегоҳ ба сайругашт наравем ва дар бораи ин дуо накунем?

-Мо ҳамчунин кардем, ва Худо ба ман сухан ронд: “Дар вақте,

ки аз ҷониби Ман таъин шудааст, ту хизмат хоҳӣ кард... Хондани худро дар соҳаи мошинсозӣ тамом кун".

Дертар, вақте ки бо фикрҳо оиди он, ки чӣ тавр Худованд метавонад писарбачаро аз шаҳри хурдакак ба халқҳо фиристад, мубориза мебурдам, ман шунидам, ки Ӯ чӣ гуфт: "Кӣ он хизматгузориеро, ки ту барояш даъват шудаӣ, фикр карда баромад ва тасдиқ кард, ту, ё Ман?".

"Ту", - гуфтам ман.

-"Ту чунин намешуморӣ, ки Ман оиди таваллуди ин хизматгузорӣ, назар ба ту, бештар ғам мехӯрам?". Суханони Ӯ диққати маро ҷалб намуданд.

Инак, ман ором шудам ва факултаи мошинсозиро хатм намудам. Пас аз хатми донишгоҳ, ман аз тарафи ширкати "Роквэлл Интернэшнл" ба сифати муҳандис-технолог барои лоиҳаи Флоти ҳарбию баҳрии ИМА ба кор қабул шуда будам. Ин вазифаро ишғол карда, ман калисои бисёр хубро пайдо кардам. Пас аз як сол мо бо Лиза хонадор шудем.

Вақте ки ман ба ин калисо омадам, то ҳол оиладор набудам, ва дар ҳар ҷое, ки лозим буд, хизмат мекардам. Ин баъд аз оиладор шуданам ҳам давом ёфт. Ман хизматгузори тартибот будам, дар хизматгузории маҳбас будам, ба фарзандони шубон бозии теннисро ёд медодам, ва дар бисёр соҳаҳои дигар ёрӣ мерасондам. Дар калисо инчунин Мактаби библиявӣ буд, ва ман ба дарсҳои бегоҳирӯзина мерафтам.

Баъд аз ду сол калисо маро ҳамчун ёрдамчии шубон ва оилаи вай ба кор қабул кард. Ман ба шубон ва пешвоёни дигар гуфтам, ки танҳо як сол метавонам бимонам, чунки ман даъват шуда будам, ки мавъиза кунам. Кори ман шустани мошинҳои онҳо ва бо бензин пур кардани онҳо, тоза кардани пойафзоли шубон, иҷро кардани ҳаргуна супоришҳо, ёд додани дарсҳои шиноварӣ ба ду фарзанди синну соли томактабии онҳо, қабул кардани хизматгузороне, ки ба калисои мо ташриф меоварданд, ва бисёр дигар чизҳо буд. Лекин

ман дар он ҷо, ба ҷои як сол, чоруним сол бимондам.

Аз ҳамон вақте, ки ман ба даъвати Худо “ҳа” гуфта будам, ҳафт сол гузашт. Дар донишгоҳ чӣ тавр наҷот ва шифо ёфтану озод шудани донишҷӯёнро дида истода, ман фикр мекардам, ки барои хизматгузории пурра шурӯъ кардани ман рӯзҳои башумор мондаанд. Ман дар бораи он роҳе, ки Худованд маро мебурд, хабар ҳам надоштам.

Дар ин давра, вақте ки ман дар калисо хизмат мекардам, ман се маротиба бенатиҷа кӯшиши ба хизматгузории пурра даромаданро кардам. Ҳангоме ки ман аз Осиё гашта омада, боз ба Даллас парвоз мекардам (пас аз кӯшиши сеюми аниқ кардан, ки оё ин ҷое буд, ки Худо барои ман муайян кардааст), ва Инҷили Юҳанноро мехондам, ман ба ояте бархӯрдам, ки гӯё аз саҳифа ҷаҳида баромад: “Шахсе аз ҷониби Худо фиристода шуда буд, ки Яҳё ном дошт” (Юҳанно 1:6). Ман овози Худоро шунидам: “Ту мехоҳӣ аз ҷониби Ҷон Бивер фиристода шавӣ, ё аз ҷониби Ман?”.

“Ман мехоҳам аз ҷониби Ту фиристода шавам”.

Худованд ҷавоб дод: “Хуб, чунки ту агар аз ҷониби Ҷон Бивер фиристода шавӣ, ту бо қудрати Ҷон меравӣ, лекин, агар, ту аз ҷониби Ман фиристода шавӣ, ту бо қудрати Ман меравӣ!”.

Баъд аз ин ман ором шудам ва диққатамро ба он ҷое ҷалб кардам, ки Худованд маро гузошт. Аммо пас аз якчанд вақт нооромӣ баргашт. Омӯзиши ман дар биёбон ҳоло тамом нашуда буд; ман ҳоло ҳам дар ҷараёни омодашавӣ будам.

Оё гуфтан мумкин аст, ки Худо маро дар муддати ин ҳафт сол ба раф гузошт, то он даме ки ягон ҷои кории холӣ дар хизматгузорӣ пайдо шавад? Не, ва ҳазорҳо маротиба не! Ман ба ин биёбон барои инкишоф додани хислати порсоёна оварда шуда будам... то ки роҳи Ӯ тайёр шуда бошад. Хислати ман бояд ба камол мерасид, то ки ман тавонам барои хизматгузорие, ки ман барояш даъват шудаам, сермаҳсул бошам. Баъдтар ман фаҳмидам, ки ба ҳар як сатҳи нави рӯҳонӣ омодагӣ пеш меояд.

## Хизматгузориеро, ки ба қуввати худи шумо асос меёбад, фаромӯш кунед

Ҳар қадаре ки ниятҳои мо хуб набошанд ҳам, бе иштироки Худо мо ягон чизи пурарзишро барои абадият карда наметавонем, ҳатто ба номи Исо! Худованд Худаш гуфтааст: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад” (Юҳанно 5:19). Чӣ хел тасдиқот! Исои муҷассам, Писари Худои тадҳиншуда гуфт, ки Худ аз Худ Ӯ наметавонист ягон коре бикунад, ки дар ҳақиқат пурарзиш аст. Ман якчанд мисоли онро дар бораи он нақл мекунам, ки чиро ман дар назар дорам.

Исо Лаъзор ва ду хоҳари ӯро, Марто ва Марямро, дӯст медошт, ки дар Байт-Ҳинӣ зиндагӣ мекарданд. Аммо ана чӣ рӯй дод, вақте ки Лаъзор сахт бемор шуд:

> “Ва хоҳарон ба Ӯ  кас фиристода, гуфтанд: “Худовандо! Инак, он касе, ки дӯст медорӣ, бемор аст”. Чун Исо шунид, гуфт: “Ин касалӣ барои мамот нест, балки барои ҷалоли Худост, то ки Писари Худо ба василаи он ҷалол ёбад”. Исо Марто ва хоҳари вай ва Лаъзорро дӯст медошт. Чун шунид, ки вай бемор аст, дар ҷое ки буд, ду рӯз монд” (Юҳанно 11:3-6).

Гарчанде Исо Масеҳ буд, Ӯ дӯстони бисёр наздик дошт. Ӯ Лаъзорро дӯст медошт ва бо камоли хурсандӣ бо оилаи ӯ вақт мегузаронд. Аммо мо мебинем, ки Исо дар давоми ду рӯз пас аз он, ки дар бораи бемории дӯсташ шунид, ҳеҷ кор накард. Чаро Ӯ дарҳол ба Байт-Ҳинӣ равона нашуд? Гап дар он аст, ки Ӯ аз ҷониби Худо чунин фармоиш нагирифт. Исо итоаткорона мунтазир шуд, то даме, ки Рӯҳи Худо ба Ӯ фармоиши рафтанро надод. Ҳамон лаҳзае ки ин рӯй дод, Ӯ ба он ҷо равона шуд.

Боре Худованд ба ман ошкор кард, ки агар Лаъзор яке аз дӯстони ман мебуд, ман ҳатто дар бораи он фикр накарда, ки роҳнамоии

Рӯҳро бипурсам, фавран ба мошин менишастам, ба хонаи ӯ равона мешудам ва дастони худро ба ӯ мегузоштам. Бадбахтона, бисёре аз мо чунин фикр мекунанд. Мо чунин мешуморем, ки азбаски Худо ҳамеша бо мост, ба мо лозим нест, ки дар чунин ҳолатҳо роҳнамоии Ӯро бипурсем. Вале мо бояд бозистем ва ба Рӯҳи Худо ҳассоснок бошем. Худо медонад, ки Ӯ чӣ мехоҳад, ва, агар мо мунтазир шавем, то ки аз Ӯ фармоиш гирем ё бифаҳмем, ки Ӯ чӣ дар дил дорад, Вай мегӯяд, ки мо чӣ кор бояд кунем.

Шояд, мо фикр мекардем, ки агар мо ҳатто бе роҳнамоии Рӯҳ дастонамонро ба беморон гузорем, Худо вазифадор аст, ки онҳоро дар ҳамон лаҳза шифо диҳад. Агар ин чунин бошад, он гоҳ оё моро лозим нест, ки ба ҳамаи беморхонаҳо равем ва онҳоро холӣ кунем?

Дар баъзе ҳолатҳо Китоби Муқаддас хабар медиҳад, ки Исо "ҳамаи онҳоро шифо дод" (Матто 15:30, NLT), лекин на ҳама вақт чунин рӯй медод. Масалан, чаро Исо ҳамаи беморон, кӯрон, лангон, шалонро дар назди ҳавзи Байт-Ҳасдо шифо надода, танҳо бошад як одамро, ки сию ҳашт сол боз шал буд, шифо дод (Юҳанно 5)? Оё мумкин аст, ки Рӯҳулқудс Ӯро роҳнамоӣ накард, ки дигаронро шифо диҳад?

Боз як мисол ин ланги модарзод, ки ӯро ҳар рӯз дар назди дарвозаи маъбад мегузоштанд. Албатта, Исо ҳар дафъае, ки ба маъбад медаромад, аз назди вай мегузашт. Чаро Исо вайро шифо надод? Чунки Падари Ӯ ба Вай оиди ин фармоиш надод.

Баъдтар, баъд аз он ки Исо ба осмон бардошта шуд, Петрус ва Юҳанно ба маъбад рафтанд ва, бо роҳнамоии Рӯҳ, ин шахсро шифо доданд, ки ба туфайли он бедоршавӣ якбора авҷ гирифт (Аъмол 3).

Дар хизматгузории Исо ягон формулаи муайян набуд; ба баъзеҳо Ӯ туф мекард, ба баъзеҳо дастонашро мегузошт, ба дигарон бошад ҳамту калом мегуфт. Барои як одам Ӯ лой тайёр кард ва онро ба чашмони ӯ молид. Дигаронро Ӯ ба назди коҳинон мефиристод, ва ғайраву ҳоказо. Ин дигаргунии аҷоиб бо он фаҳмонида мешавад, ки Исо танҳо он кореро мекард, ки Падар мефармуд! Худо вақт ва тарзи бисёр хуби шифо додани ҳар як одамро медонист.

Ин он чизе аст, ки Худо барои ҳамаи хизматгузорони Худ хоҳон мебошад... моро ҳамон гуна кунад, то ки мо ҳамон кореро кунем, ки Исо мекунад, ва мувофиқи роҳнамоии Ӯ рафтор кунем, на он кореро кунем, ки  мо фикр мекунем ё мехоҳем. Исо дар Инҷили Юҳанно 20:21 мегӯяд: "Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам". Исо ягон корро берун аз роҳнамоии Падар Худ намекард. Айни ҳамон тавр, мо бояд намунаи Исоро пайравӣ кунем. Мо бояд мисли Ӯ зиндагӣ кунем – бо рӯҳи Худо роҳнамоӣ карда шавем ва чунон рафтор кунем, ки танҳо Ӯ моро роҳнамоӣ карда метавонад. Барои ин талаб карда мешавад, ки ҷисми мо ба Рӯҳулқудс – Рӯҳи Масеҳ тобеъ бошад. Ва майдони машқи беҳтарин барои ҳаёт дар роҳнамоии Рӯҳ ин биёбон мебошад. Ин муҳите, ки пур аз даъватҳост, ва он ҷое аст, ки дар он ҷо роҳи Худованд тайёр мешавад.

Худо ба Мӯсо пас аз чил соли омодашавӣ дар биёбон гуфт:

> ""Ва алҳол биё, ки туро назди фиръавн бифиристам", то ки қавми Ман – банӣ-Исроилро аз Миср берун оварӣ". Ва Мӯсо ба Худо гуфт: "Ман кистам, ки назди фиръавн равам ва банӣ-Исроилро аз Миср берун оварам?" Ва Ӯ гуфт: "Ман бо ту хоҳам буд"" (Хуруҷ 3:10-12).

Ана акнун инро бо он муқоиса кунед, ки Худо дар бораи одамоне, ки худашон худашонро фиристоданд, чӣ гуфтааст:

> "Ин анбиёро Ман нафиристодаам, балки худашон давидаанд; ба онҳо сухане нагуфтаам, балки худашон нубувват кардаанд... Инак, Ман, - мегӯяд Худованд, - зидди онҳое ҳастам, ки дар асоси хобҳои дурӯғ нубувват мекунанд, ва он хобҳоро нақл намуда, қавми Маро бо дурӯғгӯиҳо ва бемулоҳизагии худ дар иштибоҳ меандозанд, ва ҳол он ки Ман онҳоро нафиристодаам ва амр нафармудаам ва онҳо ба ин қавм ҳеҷ манфиате нахоҳанд расонид, - мегӯяд Худованд" (Ирмиё 23:21,32).

Чӣ қадар суханони сахт! Ягон касе аз мо намехоҳад чунин паёмро аз Худованд бишнавад.

Дар чил солагӣ, вақте Мӯсо аввалин бор кӯшиш намуд, ки исроилиёнро озод кунад, ӯ наметавонист ба онҳо кӯмак бикунад ё ба онҳо фоида оварад, чунки Худо ҳоло ӯро нафиристода буд. Ҳатто маълумоти олидараҷа, сифатҳои роҳбарӣ ва хирадмандиро, ки вай дар Миср гирифта буд, доро буда, бе дастгирии Худо ва берун аз вақти аз ҷониби Ӯ таъиншуда, Мӯсо он чиро, ки Худо, тавре ки ӯ медонист, ӯро даъват карда буд, натавонист иҷро кунад. Кӯшишҳои беҳудаи ӯ танҳо ба марги як шиканҷадиҳандаи мисрӣ оварданду бас. Гарчанде ниятҳои ӯ некӯ буданд, ин кӯшиши аввалаи иҷро намудани рисолати (миссияи) худ нисбат ба фоида, бештар зарар овард. Баъд аз чил соли омодашавӣ дар биёбони номаълум Мӯсои нав пайдо шуд, ки ба ғайр аз фармонҳои Худо ҳеҷ кор карданӣ набуд. Инак, дар вақти аз ҷониби Худо таъиншуда, таҳти роҳбариву роҳнамоии Мӯсо, тамоми лашкари мисриён андаруни баҳри ғарқ шуданд. Ана фарқият байни қувваи мо ва қувваи Худо – тамоми қӯшун дар муқоиса бо ба як сарбоз.

Яҳёи Таъмиддиҳанда ба хизматгузорие, ки ҳамагӣ шаш моҳ давом кард, тайи сӣ сол тайёрӣ дид, лекин Исо гуфт, ки Яҳё пайғамбари бузурге буд, ки аз зан таваллуд шудааст.

Ҳамин тавр ҳам ҳаст! Худо метавонад дар муддати шаш моҳ ба воситаи одаме, ки аз ҷониби Ӯ фиристода шудааст, зиёдтар бикунад, нисбат ба касе, ки дар тӯли шаст сол бо қувваи худ бо ҷидду ҷаҳд кор мекунад.

Ана Исо суханони зайлро гуфта, чиро дар назар дошт: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад”.

Биёед боз суханони Ишаъёро мехонем:

Овозе нидо мекунад:

“Дар биёбон роҳе барои Худованд тайёр кунед,,
тариқе барои Худои мо дар саҳро ҳамвор кунед!,
Ҳар дара баланд ва ҳар кӯҳ ва теппа,
паст хоҳад шуд, ва партгоҳ ба дашт,
ва силсилаи кӯҳҳо ба водӣ табдил хоҳад ёфт;,
ва ҷалоли Худованд зоҳир хоҳад шуд,,
ва ҳар ҷисм якбора онро хоҳад дид,,
зеро ки Худованд инро гуфтааст”.

Овоз мегӯяд: “Эълон намо!”,
Ва гуфтам: “Чиро эълон намоям?”,
Ҳар ҷисм мисли алаф аст, ва тамоми ҳусни он,
мисли гули саҳро.,
Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад,,
вақте ки боде аз ҷониби Худованд бар он бивазад:,
ба яқин, қавм низ алаф ҳастанд.,
Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад,,
вале каломи Худои мо то абад қоим хоҳад буд”
(Ишаъё 40:3-8).

Худо мегӯяд, ки биёбон ин ҷоест, ки он ҷо роҳи Худованд тайёр карда мешавад. Роҳи Худованд на дар қувваи одамист. Ӯ мегӯяд, ки мағрурии ҷисм бояд паст шавад, фурӯтанон (онҳое, ки Худовандро мунтазиранд) – баланд бардошта шаванд, ҷойҳои каҷу килеб (соҳаҳои фирефтакунанда, бардурӯғ ва дурӯя) рост шаванд, ва ҷойҳои ноҳамвор (бемуҳаббат, дағал ва тезу тунд) – ҳамвор шаванд.

Вақте ки ман донишҷӯ, пайрави навмаслаки (новообращенный) Исо будам, ман бисёр баракатҳо гирифтам ва, ба дигарон хизмат карда, “комёбӣ” ба даст овардам, аммо дар ҳаёти ман кӯҳҳое буданд, ки бояд паст мешуданд, ва инчунин ҷойҳои каҷу килеб ва ноҳамвор, ки бояд рост ва ҳамвор мешуданд. Худо медонист, ки барои баъзе камбудиҳоро ҳамвор кардан, ба ман дар биёбон вақт лозим буд.

Дар ҳамаи мавсимҳои биёбон бисёр муҳим аст, ба Худо иҷозат диҳем, то дар ҳаёти мо он тавре амал кунад, ки Ӯ мехоҳад. Боре, ҳангоме ки ман ба шубони худ дар Даллас хизмат мекардам, Худованд ба ман гуфт: “Ҷон, танҳо хизматгузории воизро, ки фардо меояд, интизор шуда, он чиро, ки ман имрӯз дар ту кардан мехоҳам, аз даст надеҳ”. Росташро гӯям, ман чунон хоҳиши сахти мавъиза карданро доштам, ки он мавсими ҳаёти худро ҳамчун сарфи беҳудаи вақт гумон мекардам.

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #11 Ҷомадонҳоро дар ҳолати ҷамъшуда нигоҳ доред

Гарчанде ман ҳеҷ вақт ба шумо маслиҳат надодам, ки чунин рафтор кунед, вақте ки истиқомати шумо дар биёбон кашол меёбад ва гӯё абадӣ менамояд, шумо қарор карда метавонед, ки ҷомадонҳои худро кушоед ва дар он ҷо иқомат кунед. Ба ман бовар кунед, ҳангоме ки Худо қарор мекунад, ки вақте расидааст, ки ҳаракат бояд кард, Ӯ метавонад инро бисёр зуд амал орад. Дар бораи Юсуф фикр кунед: чунин ба назар мерасид, ки вай мебоист то охири умр дар зиндон бимонад, лекин ногаҳон, бе огоҳӣ, вай ба орзуи аз ҷониби Худо додашудаи худ, ҳамагӣ дар як рӯз, пешравӣ ба даст овард!

Дар яке аз биёбонҳои ман ба назари ман чунин менамуд, ки ман дар он ҷо дар давоми чил соли оянда мемонам. Лекин ногаҳон Худованд ба ман гуфт, ки ман хизматгузории онвақтаи худро тарк мекунам ва воизи сайёҳаткунанда мешавам. Ин тағйирот дар як соат фаро нарасид, аммо, вақте ки он фаро расид, он мисли гирдбод омад. Ва ман омода будам, ки ба мавсими хизматгузории дигари худ гузарам. Ҷомадонҳои ман ҷамъ шуда буданд.

Ба шумо лозим нест, ки ба ин дом биафтед! Бифаҳмед, ки Худо вақтро беҳуда сарф намекунад! Ӯ Он Касе аст, ки вақтро ҷуброн мекунад! Бифаҳмед, ки он ҷое, ки шумо ҳозир ҷойгир ҳастед, қисми ҷудонашавандаи он мебошад, ки ба куҷо шумо равона ҳастед. Ин майдони машқи шумост. Ин ҷараёни гузаштан аз муносибат ба пешравӣ, яъне, ба иҷроиши ваъдаҳо аст. Ба Ӯ иҷозат диҳед, то дар бораи он ғамхорӣ намояд, ки чӣ тавр ҳамааш амалӣ мегардад ва ҳамҷоя мешавад... ҳамту бо Ӯ равед! Ӯ Худо, Сарвар ва Офаридгор аст. Ҳама коре, ки мо бояд бикунем, ин ба Вай бовар кардан ва ба он чизе, ки Ӯ имрӯз ба мо нишон медиҳад, итоат намудан аст!

Ҳар дафъа, вақте ман фикр мекардам, ки фаҳмидам, ки чӣ тавр Ӯ маро дар хизматгузории воиз таъин мекунад, Ӯ бо муҳаббат мегуфт: “Ҷон, ту боз як роҳеро пайдо кардӣ, ки бо он ин рӯй намедиҳад!” Ин ҳақиқат буд; Ӯ ба ман ин хизматгузориро тамоман ба таври ғайричашмдошт дод. Худо моро шукргузор мегардонад (на ин ки мағрур), то ки мо тавонем дар замони ҳозира ҳаёти комил дошта бошем.

## Он тавре рафтор кунед, ки Худо мехоҳад

Вақте ки Худо қудрат ва қуввати Худро ба одам медиҳад, ҳар қадар қудрат ва қуввате, ки ба ӯ дода шудааст, пурқувваттар бошад, ҳамон қадар доварӣ барои беитоатӣ ба Рӯҳи Худованд бештар мешавад. Вақте ки Мӯсо чилсола буд ва вай ба таври худ рафтор кард, Худо ӯро маҳкум накард, чунки қудрат ва қуввати Худо ҳоло дар ӯ набуданд. Аммо, дертар ҳамааш тағйир ёфт. Дар биёбони Син халқ ба Мӯсо зиддият нишон дод ва оиди он ҷое, ки ӯ онҳоро овард, шиква намуд. Онҳо ташна буданд ва об мехостанд. Ва Худо ба Мӯсо гуфт, ки чӣ кор кунад:

> “Ва Худованд ба Мӯсо сухан ронда, гуфт: “Асоро бигир, ва ту ва бародарат Ҳорун ҷамоатро ҷамъ карда, пеши назар онҳо

> ба сахра бигӯед, ки оби худро бидиҳад: ва ту барои онҳо аз сахра об бароварда, ҷамоат ва чорпоёни онҳоро хоҳӣ нӯшонид ”” (Ададҳо 20-7:8).

Худо ба Мӯсо амр дод, ки ба сахра бигӯяд, ки он об диҳад. Лекин дар бораи он бихонед, ки Мӯсо чӣ кор кард:

> “Ва Мӯсо дасти худро бардошта, сахраро бо асои худ ду карат зад, ва оби бисёре берун омад; ва ҷамоат ва чорпоёни онҳо нӯшиданд. Ва Худованд ба Мӯсо ва Ҳорун гуфт: “Азбаски шумо ба Ман имон наовардед, то ки қудсияти Маро пеши назари банӣ-Исроил нишон диҳед, бинобар ин ҷамоатро ба замине, ки ба онҳо ваъда кардаам, нахоҳед овард”” (Ададҳо 20:11-12).

Диққат диҳед, ки Худо ба миллионҳо одамон об дод, ки инро дида меистоданд. Аҷоиб! Об аз сахра – кӣ дар асри бисту якум дар бораи чунин мӯъҷизоти бузург шунидааст? Пас, гарчанде Мӯсо ба амри Худо оиди он, ки чӣ тавр обро аз сахра баровард, гӯш надод, ин мӯъҷизаи бузург ба ҳар ҳол рӯй дод. Об барои одамон буд, ҳамчун ҷавоб ба мӯҳтоҷии онҳо. Худо обро аз одамон бознамедошт, то ки Мӯсоро ҷазо диҳад. Аммо беитоатии ӯ оқибат дошт: Худо ба Мӯсо иҷозат надод, ки одамонро ба Замини ваъдашуда дохил кунад.

Ин мисоли бисёр хуби он аст, ки тадҳини фавқултабиии Худо барои мӯҳтоҷии одамон таъин гардидааст, на барои боло бардоштани он касе, ки ин бахшоишро дорад! Шояд, Мӯсо аз халқ ва каме аз Худо дилсард шуда буд, чунки вай маҷбур буд чунин одамони якравро раҳнамоӣ кунад. Мӯсо сахраро зад, ҳамон тавре ки вай пештар дар биёбони Син карда буд (Хуруҷ 17:1-7). Ё ин ки Мӯсо ба роҳбарии худ на он қадар ҷиддӣ муносибат карданро сар кард; мумкин аст, вай чунин фикр карданро сар кард, ки Худо ҳама чизеро, ки ӯ дуруст мешуморад, эҳтиром мекард. Вай боз ба таври худ рафтор кард, лекин ин дафъа оқибатҳо боз ҳам зиёдтар буданд.

Мӯсо дар қувват ва тавоноии Худо роҳ мерафт; ҳамаи қуввати вай аз вобастагии ӯ ба Худо сарчашма мегирифт. Акнун бошад, дар назди халқ новобаста аз Худо амал карда, Мӯсо зуд маҳкумият гирифт.

Маҳз барои ҳамин дар Яъқуб 3:1 навишта шудааст: "Эй бародарони ман! Бисёре аз шумо муаллим нашавед, чун медонед, ки мо ба маҳкумияти бештаре дучор хоҳем шуд". Чӣ қадаре ки масъулият ё шӯҳрат бештар бошад, ҳамон қадар маҳкумият бештар аст.

Биёбон моро ба он тайёр мекунад, ки аз барои беитоатӣ ба маҳкумият наафтода,

мо дар қудрат ва ҷалоли Худованд роҳ гардем. Дар роҳи хушки биёбон мағрурӣ паст мешавад, вале фурӯтанӣ бошад боло бардошта мешавад. Одами дар ҳақиқат фурӯтан он тавре роҳ мегардад, ки Исо роҳ мерафт. Ӯ нидо карда мегуфт: *"Ман ҳеҷ корро намекунам, агар набинам, ки инро Рӯҳи Худованд мекунад. Ман дар қувват ва қобилиятҳои худ ҳеҷ ҳастам".*

Оё имкон дорад, ки Худо дар калисои ҳозиразамон зоҳиршавии ҷалол ва қуввати Худро аз бисёриҳо ба он хотир бозмедорад, ки моро аз доварии калон эмин дорад? Ман боварӣ дорам, ки маҳз дар биёбон Ӯ табиати ҷисмро аз рӯҳ ҷудо карда, моро водор мекунад, ки ба Ӯ нидо кунем ва Ӯро гӯш кунем, то ҳангоме ки ҳузури Ӯ зоҳир мегардад, танҳо он тавре, ки Ӯ мехоҳад, рафтор карда, мо ба номи Ӯ шараф диҳем.

Овози Рӯҳро бишнавед. Бигзор Ӯ ба шумо нишон диҳад, то шумо он кореро, ки Ӯ барои шумо тайёр кардааст, чуноне ки Ӯ мехоҳад, иҷро кунед. Он чиро, ки Худованд мегӯяд ва мекунад, бубинед ва бишнавед:

> "Дар дидбонгоҳи худ бармехезам, ва дар бурҷ рост меистам,
> ва интизорӣ мекашам, то бубинам, ки Ӯ ба ман чӣ хоҳад
> гуфт, ва ман дар бораи шикояти худ чӣ ҷавоб хоҳам дод. Ва
> Худованд ба ман ҷавоб гардонда, гуфт: "Рӯъёро бинавис ва

бар лавҳҳо ҳак намо, то ки хонанда онро бо тезӣ бихонад. Зеро ки рӯъё барои мӯҳлати муайян аст, ва аз фарҷом шаҳодат медиҳад, ва дурӯғ намегӯяд; агар даранг кунад, онро мунтазир шав, зеро ки ҳатман ба амал хоҳад омад, таъхир нахоҳад кард. Инак, каҷдил мағрур шудааст, валекин одил бо имони худ хоҳад зист" (Ҳабаққуқ 2:1-4).

Пайғамбар гуфтааст: "Ман интизорӣ мекашам, то бубинам, ки Ӯ ба ман чӣ хоҳад гуфт". Яке аз тарзҳое, ки бо онҳо Рӯҳи Худо сухан меронад, ин рӯъёст. Исо гуфт, ки Ӯ танҳо он амалеро иҷро мекард, ки дар аъмоли Падар медид. Ҳабаққуқ гуфт, ки Ӯ, дар вақти таъиншуда, он чиро, ки мебинад, хоҳад навишт, ва бо чизе, ки дид, хоҳад давид. Ӯ давом дода, гуфт, ки ҷони ҳавобаланд (мағрур) ором намешавад (ин дар бораи одаме навишта шудааст, ки аз ҷониби Худо Каломро мунтазир нест, аммо бе рӯъё дар бораи он, ки Худо чӣ мегӯяд, медавад). Вале одил бо имони худ хоҳад зист, на бо имони каси дигар!

Имон вақте меояд, ки мо он чиро, ки Худо мегӯяд, мешунавем, пас бошад ба он итоат мекунем. Ана барои чӣ Худо исроилиёнро ба биёбон бурд, то ки "ба ту бифаҳмонад, ки одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае, ки аз даҳони Худованд барояд, одамизод зиндагӣ мекунад (Такрори Шариат 8:3). Диққат диҳед, ки Ӯ "барояд" гуфтааст, замони ҳозираро дар назар дошта, на замони гузаштаро.

Каломи Худо моро хабардор мекунад: "Бохабар бошед, ки шумо низ аз сухангӯ (замони ҳозира) рӯ нагардонед. Зеро агар онҳое, ки бар замин ба сухангӯ гӯш наандохтанд, аз ҷазо раҳо нашудаанд, пас алалхусус мо, агар аз Ӯ, ки аз осмон сухан мегӯяд, рӯ гардонем, раҳо нахоҳем шуд" (Ибриён 12:25). Вале ҳаргиз фаромӯш накунед, ки ҳама чизе, ки Ӯ мегӯяд, ҳамеша ба Навиштаҷот мутобиқ аст.

Аммо агар шумо порчаҳоро аз Китоби Муқаддас ҷустуҷӯ намоед, то ки фикру ақидаи худро тасдиқ кунед, он гоҳ ин роҳи Худо нест.

Исо метавонист ба Худ бигӯяд: “Ман тадҳин шудаам, ки беморонро шифо диҳам; бинобар ин, Ман меравам ва ба Лаъзор дастонамро мегузорам, чуноне ки инро Ман пештар мекардам”. Бар ивази ин, Ӯ мунтазир шуд, то ки Рӯҳи Худо ба ҳаракат дарояд, ва танҳо пас аз ин равона шуд.

Биёбон ин он ҷоест, ки ба он Худо моро меорад, то ки моро ёд диҳад, ки ҳамаи кӯшиши ягон корро барои Ӯ кардан бе роҳнамоӣ ва бе қобилияти Ӯ беҳуда аст. Вақте ки мо дар асл мефаҳмем, ки ҷисм наметавонад ягон чизи пурарзишро барои абадият бикунад, он гоҳ мо тайёр ҳастем, ки он орзуҳо ва нақшаҳоеро, ки Ӯ ба мо бовар мекунад, амалӣ гардонем. Биёбон ин ҷои омодашавӣ, ин ҷараёни иҷрошавии ваъдаҳо аст. Биёед намунаи Исоро пайравӣ мекунем ва бо Рӯҳ роҳнамо мешавем, то ки ҳама чизро он тавре, ки Худо мехоҳад, бикунем, на он тавре, ки мо мехоҳем.

12

# ҒАЛАБА ДАР БИЁБОН

*“Ҳамаи андӯҳҳои мо, мисли мо, мирандаанд. Андӯҳҳои намиранда барои одамони намиранда вуҷуд надоранд. Онҳо меоянд, лекин Худоро шукр, онҳо инчунин мераванд. Мисли паррандаҳо дар осмон, онҳо дар болои сари мо парвоз мекунанд, аммо наметавонанд дар ҷонҳои мо маскан гиранд. Мо имрӯз азоб мекашем, аммо пагоҳ мо шод мешавем”.*

**– Чарлз Сперҷен**

*“Бе ваҳӣ қавм беқайд мешаванд, ва хушо касе ки шариатро риоят мекунад!”*

**– Масалҳо 29:18**



Биёбон ин он ҷоест, ки мо ба он ташриф меоварем, на ин ки нуқтаи таъиноти мо. Агар шумо дуруст рафтор кунед, шумо дар биёбон ғалаба ба даст меоред ва аз ҳудудҳои он мебароед!

Дар яке аз биёбонҳои ман ҷидду ҷаҳди ман тамом шуд. Ман шубони ҷавонон будам, ва чунин ба назар мерасид, ки ин биёбон беҳад дурудароз буд. Ман дар бораи он фикр карданро сар кардам, ки оё вазъияти ман ягон бор тағйир меёфта бошад. Вале боре, андаке пеш аз он, ки ин нохушиҳо бо роҳбари бевоситаи ман сар шуданд, Рӯҳи Худо ба ман нишон дод, ки ба ҳаёти ман дигаргунӣ меояд. Маҳз он вақт Худо ба ман кушод, ки ман "ба калисоҳо ва шаҳрҳо аз соҳили шарқӣ то соҳили ғарбии Амрико, аз сарҳади Канада то сарҳади Мексика, ба Аляска ва Гавайя... фиристода" хоҳам шуд.

Лекин, чи хеле ки ман аллакай гуфтам, ин дар рӯзи оянда рӯй надод, ё ҳатто дар давоми он ҳафта! Дар асл, шаш моҳ бе ягон хел тасдиқоти иловагӣ гузашт. Баъдан шубони калони ман дар як ҷамъомад гуфт, ки Худованд ба ӯ нишон дод, ки яке аз шубонони вай (мо дар штати калисо ёздаҳ нафар будем) ба қарибӣ воизи сайёҳаткунандаи вақти пурра мешавад ва дигар дар штати калисои мо хизмат намекунад.

- Ҷон Бивер, ин шахс ту ҳастӣ, - гуфт ӯ.

Боз вақт гузашт (боз шаш моҳ, агар хато накунам) – вақти

зиёдтари оворагардӣ дар биёбон. Ва ногаҳон, ҳамагӣ дар се ҳафта, ман ҳафт таклифоти мавъиза карданро гирифтам. Як калисо як соатина роҳ аз сарҳади Канада буд, дигараш – дар соҳили шарқӣ, дар Флорида, сеюмаш – як соатина роҳ аз Уқёнуси ором, ва чорумаш – дар сарҳади Мексика! Ман ба офиси шубони худ даромадам, то ки аз ӯ бипурсам, ки бо ин таклифҳо чӣ кор кунам, вай бошад ханда кард ва гуфт:

-Ҷон, ман ба ту гуфтам, ки Худованд ба ман инро нишон дод. Аз афташ, вақти ту дар ин ҷо тамом шуд.

Ба зудӣ (дар январи 1990 с.) дар хизматгузории тақдискунӣ шубон ба Лиза ва ман дастонашро гузошт, ва аз ҳамин вақт мо дар вақти пурра сайёҳат мекунем! Бо боварии том гуфта метавонам, ки вақте ба ман чунин менамуд, ки ман аллакай тайёр ҳастам, ба туфайли он ки мо худамон хизмат карданро сар накарда, вақти Худоро мунтазир шудем, дар ҳаёти худ хеле (ва ман наметавонам калимаи "хеле"-ро азнавбаҳодиҳӣ намоям) зиёдтар ҳосил дидем.

Ман аз сидқи дил мехоҳам, ки дар даъвати шумо ҳамон натиҷаҳоро бинам. Ана барои чӣ, одами қариб шастсола буда, ки Худоро бисёр дӯст медорад, ман то қадре, ки имкон дорад, бо шумо он қадар самимӣ, ростқавл ва дилкушод будам. Ман мехоҳам, ки шумо дар даъвати худ комёб бошед! Бинобар ин, ба ман иҷозат диҳед, ки дар охир ба шумо якчанд фикрҳои муҳимро пешниҳод намоям.

## Мақсад ва таъиноти дуруст

Диққати мо бояд ба мақсади Худо ҷалб карда шавад, на ба муқобилат, ки кӯшиш мекунад моро аз ҷидду ҷаҳд ба он боздорад. Агар мо ба нуқтаи таъиноти дуруст омаданӣ бошем, бояд рӯъёи дуруст дошта бошем. Бисёр даҳшатнок мешуд, агар мо масофаро тай кунему хатти нодурусти марраро гузарем! Фалокат рӯй медод, агар мо аслиҳаро ба ҳадафи нодуруст равона кунему онро бизанем!

Фарисиён бисёр боэҳтимом ва боғайрат буданд, вале мақсади онҳо худпарастона буд. Онҳо рӯъёи дуруст надоштанд; бинобар ин онҳо ба мақсад нарасиданд.

Мақсад ва таъиноти Худо барои мо, халқи Ӯ, чӣ гуна аст? Ӯ дар Эфсӯсиён 1:11 мегӯяд, ки мо “дар Ӯ, ки ҳама чизро бар тибқи азми иродаи Худ ба амал меоварад, мувофиқи таъиноти Ӯ пешакӣ муайян шуда будем”.

Бисёр одамон ибораи “пешакӣ таъиншуда” ё “таъиноти пешакӣ”-ро шунида, номуайяниро эҳсос мекунанд. Барои ин фикрро фаҳмидан, биёед маънои ин ду калимаро дида мебароем. Калимаи “пешакӣ” маънояш “пеш аз” ё “то саршавӣ” мебошад. Маънои калимаи «таъиншуда» ё “таъинот” ин “ҷои тамомшавӣ” ё “хатти марра” мебошад. Онҳоро якҷоя намуда, мо “муқаррар намудани хатти марра то саршавӣ”-ро ба даст меоварем. Бинобар ин, Эфсӯсиён 1:11 ба мо нишон медиҳад, ки Худо ба хотири иҷроиши мақсади Худ барои одамизод ҳанӯз то замоне, ки Ӯ моро офарид, таъинот муайян кардааст.

Дар Румиён 8:28-29 навишта шудааст:

> “Дар баробари ин мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи пешбинии Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад. Зеро ҳар киро, ки Ӯ пешакӣ шинохтааст, онҳоро низ пешакӣ муайян кардааст, ки ба сурати Писараш монанд шаванд, то ки Ӯ дар миёни бародарони бисёр нахустзода бошад”.

Мақсади мо, ки Худо то оғози вақт муайян намудааст, ин дӯст доштани Худо ва ба сурати Исои Масеҳ монанд шудан аст. Ҳама он чизе, ки дар ҳаёти мо ё хизматгузории мо карда шудааст, бояд барои ба даст овардани ин мақсад равона шуда бошад! Шуморо офарида, мақсади якуми Худо на он буд, ки шумо ба хизматгузории комёб ҳамроҳ шавед, миллионҳо долларро ба Подшоҳии Худо ҳадя кунед, рассоми машҳур шавед ё ягон дигар касбро соҳиб шавед.

Мақсади Ӯ ҳатто шифо додани беморон, ёрии башардӯстона расонидан, наҷот додани қурбоншудагони одамфурӯшӣ бо мақсади истисмори шаҳвонӣ, одамонро аз побандҳо озод кардан ва гумшудагонро назди Исо овардан набуд. Чӣ қадаре ки ҳамаи ин некӯ ва порсоёна набошад ҳам, мо бояд дарк кунем, ки бисёр шахсоне, ки ин корҳоро мекунанд, хатти марраро нагузаштаанд. Аз он сабаб онҳо роҳи худро номуваффақ ба итмом расониданд, ки онҳо диққаташонро ба хизматгузорӣ ҷалб карда буданд, на ба мақсади ҳақиқии ин хизматгузорӣ.

Ҳоло бошад зарур аст, ки ба саволи оянда ҷавоб диҳем:

> “Мақсади Худо дар он, ки моро пешакӣ муайян кардааст, ки ба сурати Исои Масеҳ монанд шавем, чӣ гуна аст?”. Ҷавоб оддист – чунки Ӯ моро дӯст дошт ва бо мо муносибатро хост, “то ки дар асрҳои оянда сарвати беҳадди файзи Худро дар меҳрубоние ки ба мо дар Исои Масеҳ дорад, зоҳир намояд” (Эфсӯсиён 2:7).

Ману Лиза як сагчае дорем, ки лақабаш Лекси аст. Вай бисёр аҷоиб, шӯх ва бозингар аст.

Ба ҳар ҳол, муносибати мо бо вай маҳдуд аст. Баъзе вақт ба ман аламовар аст, ки ман бо вай дар сатҳи сӯҳбат муносибат карда наметавонам. Аммо бо писарони мо ҳамааш ба таври дигар аст. Ҳар қадаре бештар онҳо калон мешуданд, ҳамон қадар бештар мо аз муносибат бо онҳо ҳаловат мебурдем. Онҳо ба ҳаёти мо бисёр чизҳоро оварданд. Маҳз барои ҳамин Худо моро офарид. Ӯ муносибатро дар сатҳи паст, ки ман бо Лекси тоқат мекунам, намехоҳад. Ӯ хоҳон аст, ки писарон ва духтарон бо Ӯ дар сатҳи дили Ӯ муносибат дошта бошанд.

Ин аз аввал мақсади Ӯ буд. Вақте ки Худованд одамро офарид ва ӯро дар боғи Адан ҷойгир кард, Ӯ бо Одам аз барои муҳаббати Худ нисбат ба вай сайругашт ва муносибат мекард. Яке аз наслҳои Одам нияти Худоро зуд фаҳмида гирифт, ва дар бораи вай навишта

шудааст: “Ва Ҳанӯх пеши Худо роҳ рафт, ва нопайдо шуд, зеро ки Худо ӯро гирифт” (Ҳастӣ 5:24). Муаллифи нома ба Ибриён менависад, ки “(Ҳанӯх) шаҳодат пайдо кард, ки ба Худо писанд омадааст” (Ибриён 11:5). Чаро Ҳанӯх ба Худо писанд омад? Аз барои он ки вай хизматгузории махсус дошт? Не, аммо барои он ки ӯ бо Худо роҳ мерафт ва бо Ӯ муносибати наздик дошт.

Ҳамаи он чизе, ки Худованд дар гузашта кард, ҳозир карда истодааст ва дар оянда хоҳад кард, бо ин сабаб карда хоҳад шуд. Инак, мақсади биёбон ба мо нишон додан аст, ки чӣ тавр ба сурати Исои Масеҳ монанд шавем.

Агар мо нияти Худоро барои худ ба назар нагирем, мо худсар мешавем ва пастравии рӯҳониро аз сар мегузаронем. Ҳамчун калисо, агар мо мақсади Худоро фаромӯш кунем, мо ба муассисае, ки бо ин ҷаҳон роҳнамоӣ карда мешавад, табдил ёфта, хушк мешавем. Мо ба ҷои шогирдсозие, ки шабеҳи Масеҳ аст, натиҷаҳоро, яъне шумораи зиёдтари одамони ба калисо меомада ё биноҳои калонро таъкид мекунем (Матто 28:19).

Биёед боз Масалҳо 29:18-ро мехонем: “Бе ваҳй қавм беқайд мешаванд, ва хушо касе, ки шариатро риоят мекунад!”

Дар ин оят Худо дар назар дорад, ки вақте ки мо рӯъё дорем, он ба мо намегузорад, ки бо даъвати пастдараҷа қаноатмандӣ намоем, чунки дар он мо ба сурат ва шабоҳати Ӯ монанд намешавем. Рӯъё ба мо намегузорад, ки қаноатманд бошем, то он даме ки ба сурати Ӯ мувофиқат накунем ва, ҷалоли ногаҳонӣ зоҳиршудаи Ӯро дида, ба Ӯ рӯ ба рӯ нигоҳ накунем. Рӯъё ба мо иҷозат намедиҳад, ки ҳамаи он чиро, ки аз иродаи комили Ӯ поён аст, қабул намоем. Он ба мо намегузорад, ки фориғбол бошем ва, мисли ин олам, аз рӯи ҷисм амал намоем.

Оиди рӯъё суханронӣ карда, Исо гуфт: “Чароғи бадан чашм аст. Ва агар чашмат солим бошад, тамоми баданат равшан хоҳад буд; лекин агар чашми ту хира бошад, тамоми баданат торик хоҳад буд. Пас, агар нуре, ки дар туст, зулмот бошад, чӣ гуна азимест он зулмот!”

(Матто 6:22-23). Ӯ дар бораи чашмони ҷисмонии мо намегӯяд, лекин дар бораи чашмони дил ё дар бораи дарккунии мо.

Шумо чӣ гунае ки ҳақиқатро дар дили худ дарк мекунед, ҳамон гуна мешавед, *“зеро, чи гунае ки ӯ дар дили худ мулоҳиза мекунад, худаш низ ҳамон гуна аст” (Масалҳо 23:7).*

Чӣ гуна муносибат кардани шумо нисбат ба он вазъиятҳое, ки шумо рӯ ба рӯ шудаед, муайян мекунад, ки чӣ тавр шумо онҳоро мегузаред. Дувоздаҳ ҷосусон, ки барои аз назар гузаронидани Замини ваъдашуда равона шуданд, айни ҳамон чизҳоро диданд – айни ҳамон шаҳрҳои ҳисордор, айни ҳамон азимҷуссагон, ва айни ҳамон лашкари канъониён. Аммо, ду нафар аз онҳо – Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб, ин чизҳоро, нисбат ба даҳ нафари боқимонда, тамоман ба таври дигар диданд. Ин ду нафар вазъиятро ҳамон тавре дарк карданд, ки Худо онро мебинад, даҳ нафар боқимондагон бошанд Замини ваъдашударо дар асоси таҷриба ва қобилиятҳои худ дарк намуданд. Азбаски чашмони онҳо бад буданд, рафтори онҳо (ё, чи хеле ки Исо гуфт, “тамоми бадан”), ҳамчунин бад буд. Суханон ва рафторҳои онҳо ба иродаи Худо муқобил буданд, ва Ӯ гуфт, хабари онҳо “бад” буд:

> “Ба онҳо бигӯ: “Ба ҳаёти Худам қасам, чунони ки шумо дар гӯши Ман сухан рондед, ончунон ба шумо амал хоҳам кард; дар ин биёбон ҷасадҳои шумо хоҳад афтод, яъне ҳамаи дар шумор овардашудагони шумо, бар ҳасби тамоми адади шумо, аз бистсола ва болотар, ки аз Ман шикоят кардед, шумо ба ин замине, ки дар бораи он Ман дасти Худро баланд карда, қасам хӯрдаам, ки шуморо дар он сокин созам, дохил нахоҳед шуд, ба ҷуз Колеб ибни Ефунне ва Еҳушаъ ибни Нун” (Ададҳо 14:28-30).

Даҳ нафар ҷосусонро чӣ маҷбур кард, то хабареро биёранд, ки аз барои он онҳо ҳаргиз он чиро, ки Худо ба онҳо ваъда дода буд, надиданд? Сабабаш дарккунии онҳо буд; рӯёи онҳо на нубувватона,

балки табиӣ буд. Онҳо ҳамту дар бораи он чизе, ки диданд, нақл карданд.

Барои аз биёбон ҳамчун ғолибон баромадан, мо бояд ҳама чизро он тавре бубинем, ки Худо мебинад. Исроилиён аллакай беш аз як сол шикоят менамуданд, то он даме ки Худо ҷосусонро ба Замини ваъдашуда фиристод. Дарккунии онҳо аллакай манфӣ буд; онҳо рӯъё надоштанд, ва онҳо худсар буданд. Бинобар ин, дар он вақт, ҳангоме ки Худо ба онҳо иҷозат дод, ки заминеро, ки дар он ширу асал ҷорист бубинанд, онҳо ҳамаи он чизи некеро, ки диданд, рад намуданд. Бар ивази ин, онҳо диққаташонро ба азимҷуссагон дар ин мамлакат ҷалб карданд.

Одамоне, ки  фақат биёбонро (ва душвориҳои бо он вобастаро) мебинанд, дар биёбони худ мемиранд. Онҳое, ки чашмонашонро аз Ваъдадиҳанда ва рӯъёе, ки Ӯ ба онҳо дод, намекананд, биёбонро мегузаранд, ҷанговарони тақдисшудае мегарданд, ки тайёранд Замини ваъдашударо, ки дар назди онҳост, тасарруф намоянд, ва дар он барои ҷалоли Худо зиндагӣ кунанд.

> “Бинобар ин мо ноумед намешавем (нотавон ва худсар намешавем)... Зеро уқубати сабуки мо, ки кӯтоҳмуддат аст, ҷалоли абадиро барои мо ба андозаи бениҳоят бузург ба вуҷуд меоварад, ҳангоме ки мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён нигоҳ мекунем: зеро ки он чи намоён аст, муваққатист, аммо он чи нонамоён аст, абадист” (2 Қӯринтиён 4:16-18).

Вақте, ки дар биёбон гузаронида шудааст, ва уқубатҳое, ки мо дар он ҷо аз сар гузаронидем, нисбат ба он чӣ, ки мо ба даст меорем, кӯтоҳмуддат ва сабук ба ҳисоб мераванд,. Албатта, вақте ки шумо дар биёбон ҳастед, агар шумо, дар бораи он ки пас аз биёбонро гузаштан чӣ шуморо интизор аст,  рӯъё надошта бошед, азсаргузарониҳои шуморо ҳамчун сабук тафсил кардан мушкил аст.

Пештар, вақте ки ман дар авҷи давраҳои хушкӣ будам, онҳо, албатта, ба ман кӯтоҳмуддат намудор нашуданд. Баъзе вақт ман фикр мекардам: *“Оё* ин ягон бор ба охир мерасад? Оё он чизе, ки Худо ваъда дод, амалӣ мегардад?”. Дар чунин лаҳзаҳо ман мебоист зудтар ин фикрҳоро гирифта мепартофтам ва худро дар Худованд рӯҳбаланд мекардам. Ман он нубувватҳоеро, ки ба ман дода шуда буданд, ба хотир меовардам, ва бо ёрии онҳо мубориза бурданро сар мекардам (ниг. 1 Тимотиюс 1:18). Ин нубувватҳо барои ҳаёти ман рӯъё аз ҷониби Худо буданд, азбаски Ӯ онҳоро ба ман бо Рӯҳи Худ ба воситаи Каломи Худ кушод.

Дар биёбон майдони ҷанг ин ҷони шумо аст. Ҷони шумо аз ақл, эҳсосот ва ирода иборат аст. Ирода ин он қисми ҷони шумост, ки қарор мекунад, ки оё шумо роҳи Худоро интихоб мекунед, ё роҳи ҷисмро, яъне, оё шумо ҳақиқатро он тавре, хоҳед дид, ки Худо онро мебинад, ё ин ки диққати худро ба душвориҳои худ дар биёбон ҷалб мекунед. Петрус менависад: *“Дӯстони азиз, ман шуморо ҳамчун “сокинони муваққатӣ ва хориҷиён” огоҳ менамоям, ки аз ҳавасҳои дунёӣ, ки бар зидди ҷонҳои шумо меҷанганд, парҳез намоед” (1 Петрус 2:11, NLT).*

Ҳамаи ин чунин маънӣ дорад, ки кӣ маркази диққати шумо мебошад – Худованд ё шумо? Ҳавасҳои ҷисм, ки дар ақл ва эҳсосоти шумо меҷанганд, ба шавқу рағбатҳои худпарастона ҷалб карда мешаванд. Онҳо шуморо аз рӯъёе, ки аз ҷониби Худо дода шудааст, дур мебаранд, чунки роҳи Худо - на худпарастӣ, балки худфидокорист.

Он хушхабаре, ки имрӯз мавъиза мешавад ва аз тарафи бисёриҳо қабул карда мешавад, хушхабари ҳаёти фориғболонаи ҷисмонӣ мебошад. Бисёре аз номаҳо, ки мақбули ҳамагон мебошанд, имрӯз моро ҳавасманд намекунанд, ки ҷисми худро маслуб кунем; онҳо аниқтараш моро водор месозанд, ки ҷисми худро навозиш кунем ва ба ҳавасҳое, ки дар асл, бо мақсади ниҳоӣ – ба сурати Исои Масеҳ монанд будан мубориза мебаранд, чашм

мепӯшем. Бисёр вақт фикри асосии ин номаҳо чунин мебошад: “Худо барои ман чӣ кор карда метавонад?”, на ин ки “Ӯ чиро аз ман гирифтан мехоҳад?”. Ин хушхабари фориғболона ҳақиқатро оиди он таъкид намекунад, ки Масеҳро пайравӣ карда, мо ба таъқибот дучор мешавем. Аз барои чунин хушхабар, бисёриҳо бо ҳаёти мағрурона зиндагӣ карданро сар карданд. Он имондоронро барои ҷанговари Худо гардидан мусаллаҳ нагардонд.

Ҳаворӣ Павлус ин мавзӯъро дар нома ба шогирди худ Тимотиюс дахл кардааст:

> “Ҳамчун сарбози неки Исои Масеҳ ба уқубатҳо тоб овар. Ҳеҷ сарбоз худро бо корҳои рӯзғор банд намекунад, то ки ба сипаҳсолор писанд афтад” (2 Тимотиюс 2:3-4).

Ба туфайли “хушхабари фориғболона”, зиддият ё душвориҳоро вохӯрда, мо роҳро ба ақибнишинӣ меҷӯем, на ин ки ба душвориҳо бархӯрда, онҳоро бартараф намоем. Он рӯъёе, ки бо таълимоти “хушхабари фориғболона” тавлид мешавад, ин на рӯъёи осмонӣ ё нубувватӣ, балки рӯъёи худпарастона аст.

Павлус инчунин менависад:

> “Бинобар ин, эй подшоҳ Ағрипос, ба рӯъёи осмонӣ беимонӣ накардам, балки дар навбати аввал ба сокинони Димишқ ва Ерусалим ва тамоми сарзамини Яҳудо ва низ ба ғайрияҳудиён мавъиза менамудам, ки тавба карда, ба Худо руҷӯъ намоянд ва корҳое кунанд, ки сазовори тавба бошад. Аз барои ҳамин маро яҳудиён дар маъбад дастгир карданд ва куштанӣ шуданд” (Аъмол 26:19-21).

Дар ин ҷаҳон бисёр рӯъёҳо ҳастанд, лекин фақат як “рӯъёи осмонӣ” ҳаст, ва ин иродаи Падар мебошад. Диққат диҳед, ки Павлус чӣ мегӯяд: “Баъзе аз яҳудиён аз барои он ки ман дар бораи ин мавъиза кардам, дар маъбад маро дастгир карданд, ва маро

## Чӣ тавр биёбонро гузашта метавонем?

### #12 Қайдҳоро бодиққат бикунед

Ҳоло, вақте ки ман ин сатрҳоро менависам, ман аллакай панҷоҳу нӯҳсола ҳастам. Чӣ тавр ҳамааш рӯй дод? Ба қафо нигариста, ман дарк мекунам, ки мавсимҳои ман дар биёбон вақтҳои бузурги ба камол расидан дар тамоми ҳаёти ман буданд, гарчанде вақт аз вақт ба назари ман чунин менамуд, ки ман ба ақиб мегаштам, на ин ки ба пеш ҳаракат мекардам. Ана барои чӣ дӯсти деринаи мо Айюб мегӯяд: “Ба тарафи шарқ меравам, вале Ӯ ёфт намешавад... Зеро роҳеро, ки бар он истодаам, Ӯ медонад; агар маро меозмуд, мисли тилло мебаромадам” (Айюб 23:10).

Бо боварии том гуфта метавонам, ки 90 фоизи маводи китобҳои маро (ман бошам аллакай бист китоб навиштаам) ман на дар вақтҳои фаровонӣ фаҳмидам, балки дар вақтҳои хушкие, ки дар биёбон гузаронида шудаанд. Бинобар ин, маслиҳати ман ба шумо ин аст, ки ҳангоме ки дар биёбон ҳастед, қайдҳоро бодиққат бикунед. Он чиро, ки шумо дар ин мавсимҳо мефаҳмед, ба бисёриҳо қувват медиҳад (ва ба шумо низ, пас аз солҳо). Ва кӣ медонад... шояд, вақте меояд, ки шумо дар бораи азсаргузарониҳои худ китоб менависед!

*Дӯстам, ман мехоҳам ба шумо худи ҳозир нубувват кунам! Ба он чизе, ки ман гуфтанӣ ҳастам, бениҳоят бодиққат бошед. Дар айёме, ки Худо муайян кардааст, Ӯ як чизи аҳамиятнокро барои ҳаёти шумо иҷро мекунад, ки ба бисёриҳо таъсир мерасонад. Агар шумо ба Ӯ иҷозат диҳед, ки ниятҳои Худро барои мавсими биёбони шумо иҷро кунад, ин рӯй медиҳад Он чӣ, ки Ӯ мекунад, ба бисёр одамон таъсир мерасонад, ва шумо дар давоми тамоми абадият, самараи итоаткории худро дида, шодӣ мекунед. Дӯсти ман, шумо ҳамчун тилло озмудашуда, пурқувват ва содиқ мебароед.*

куштанӣ шуданд”. Вай барои рӯъёи осмонӣ кӯшиш мекард ва ба муқобилати калон дучор шуд. Агар вай ба хушхабари ториғболона бовар мекард, ки бисёриҳо мавъиза мекунанд ва ба оне, ки имрӯз бовар мекунанд, вай ҳаргиз рӯъёи худро иҷро намекард. Вай ҳатто то назди подшоҳ Ағрипос омада намерасид, чунки боз ҳам пештар ӯ роҳро ба ақибнишинӣ аз муқобилате, ки ба он дучор гашт, пайдо мекард.

Ирмиё боз як шахс дар Китоби Муқаддас аст, ки рӯъёи осмониро пайравӣ мекард ва дар натиҷаи итоаткории худ бисёр таъқиботи даҳанакӣ ва фикриро аз сар гузаронд. Боре вай аз ин хаста шуд ва каме шиква карданро сар кард. Ӯ гуфт: “Чаро роҳи шарирон муваффақиятнок аст, ва ҳамаи хоинон некрӯзанд?” (Ирмиё 12:1).

Худо ба ӯ бо ҳамдардӣ ҷавоб надод. Ӯ гуфт: “Агар ту бо пиёдагардон давида, хаста шуда бошӣ, чӣ гуна бо аспсаворон мусобиқа хоҳӣ кард?” (Ирмиё 12:5). Ба ибораи дигар, “Ирмиё, агар ту аз сарбозони пиёдагарди иблис хаста шуда бошӣ, ту чӣ кор карданӣ ҳастӣ, вақте ки ба аскарони савора дучор мешавӣ?”

## Ҷанг аз муҳорибаҳо иборат аст

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки бе муҳорибаҳои бузург ғалабаҳои бузург ба даст намеоянд. Ҳолати Ирмиё боз ҳам вазнинтар шуд. Бар замми таҳқирҳои даҳанакӣ боз ӯро ба маҳбас партофтанд, ва боз баъдтар бошад ӯро ба хандақ фуровarданд ва дар он ҷо гузоштанд, то бимирад. Ба ҳар ҳол, Худо вайро аз ҳамаи душвориҳо ва таъқибот халос кард.

Муҳорибаҳое, ки имрӯз аксарият дар Бадани Масеҳ аз сар мегузаронанд, ҳуҷумҳои ақлонӣ мебошанд, на ин ки таъқиботи ҷисмоние, ки Павлус аз сар гузаронида буд. Агар намуди муқобилат тағйир ёбад, мо чӣ тавр рафтор мекунем? Он душвориҳое, ки ҳоло аз сар мегузаронем, моро бояд қавӣ гардонанд, то ки мо дар оянда тавонем аз ӯҳдаи муҳорибаҳои калонтар бароем.

Биёбон ин бошишгоҳи таълимии ҳарбӣ ва майдони машқкунӣ барои ҷангҳои оянда мебошад. Ба мисли он ки мо сарбозонро ба бошишгоҳи таълимӣ мефиристем, то ки онҳоро ба ҷанг омода кунем, Худо ҷанговарони Худро ба биёбон мефиристад, то ки онҳоро ба он чизе, ки онҳо дар сохтмони Подшоҳии Ӯ даъват шудаанд, тайёр кунад. Аз ҳама монеаҳои калоне, ки сарбозон бояд дар бошишгоҳи таълимӣ бартараф кунанд, ин тарсҳо, заифиҳо ва маъюсии онҳо мебошанд. Айнан ҳамон тавр, муҳорибаҳои бузургтарине, ки мо ба онҳо дар биёбон дучор мешавем, дар соҳаи ҷон ҷойгиранд.

Яке аз монеаҳои бузургтарине, ки мо ба он дар биёбон дучор мешавем, ин маъюсӣ аст. Боре, ҳангоме ки ман дар дуо будам, Худованд аз ман пурсид, ки баръакси далерӣ чӣ аст.

Ман ҷавоб додам : “Тарс, албатта”.

Ӯ пичиррос зад: “Маъюсӣ”. Ман ҳеҷ гоҳ калимаи “далерӣ”-ро аз чунин нуқтаи назар дида набаромада будам. Ман дарҳол фаҳмидам, ки вақте ба Еҳушаъ ибни Нун ҳашт маротиба дар бораи он гуфта шуда буд, то ки ӯ далер, қавӣ ва ҷасур бошад (Ададҳо 13:20; Такрори Шариат 31:6,7,23; Еҳушаъ ибни Нун 1:6,7,9,18), ин ҳамчунин насиҳатдиҳӣ барои маъюс нашудан буд. Худованд медонист, ки ин яке аз даъватҳои бузургтарин мешавад. Маъюсӣ дар биёбон ва дар вақти муҳориба низ меояд, ҳангоме ки диққатамон ба худамон ҷалб шудааст, на ин ки ба Худо ва супориши (миссияи) мо.

Мақсади душман дар он аст, ки шуморо маҷбур созад, то диққататонро ба худ ҷалб кунед; маҳз ҳаминро ӯ кӯшиш кард, ки дар биёбон бикунад. Исо гурусна буд, чунки чил рӯз хӯрок нахӯрда буд, ва иблис чунин гуфта, омад: “Агар Ту Писари Худо бошӣ, ба ин сангҳо бигӯй, ки нон шаванд” (Матто 4:1-11). Васваса аз он иборат буд, ки қуввати Худо берун аз нақшаи таъминоти Худо истифода бурда шавад, барои иҷрои хоҳишҳои ҷисми Ӯ. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳангоме ки Худо бахшоиш медиҳад, ҳамроҳи бахшоиш масъулияти ҷиддӣ меояд: мо набояд онро ба тарзи нодуруст истифода барем, лекин онро чунон идора кунем, ки Худо

мехоҳад. Худо эҳтиёҷоти Исоро қонеъ гардониданӣ буд, аммо ин бояд аз рӯи ихтиёри Ӯ рӯй медод. Вақте ки иблис рафт, фариштагон омаданд ва ба Исо хизмат намуданд.

Биёед боз бори дигар он чиро, ки Исо оиди хизматгузории Худ гуфт, мехонем:

> “Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад”” (Юҳанно 5:19).

Ба калимаи “бубинад” диққат диҳед. Исо ҳеҷ корро берун аз иродаи Худо намекард.

Дар вақтҳои хушкӣ яке аз васвасаҳо ҳама корро ба таври худ кардан мешавад, на ин ки роҳи Худоро мунтазир шудан. Ин маънои онро дошта метавонад, ки барои ба даст овардани ягон чиз пеш аз вақте, ки аз ҷониби Худо муқаррар гардидааст, қуввати Худо истифода бурда мебошад. Метавонед сарбозеро дар ҷанг тасаввур кунед, ки аз рӯи фармони афсар ҷанг намекунад? Ин метавонад ҳам барои ӯ, ҳам барои онҳое, ки ҳамроҳи ӯ меҷанганд, зарари ҷиддӣ оварад. Дар бошишгоҳи таълимӣ ва дар тамоми муддати омодашавӣ сарбоз иҷро кардани фармонҳоро ёд мегирад, то ки дар вақти ҷанг ҳаёти худ ва ҳаёти рафиқони худро ба хавфи беҳуда нагузорад.

Муҳим аст, ки мо он чизҳоеро, ки осмон ба мо кушод, аз хотир набарорем. Ҳолатҳое мешаванд, ки дар онҳо мо фикр мекунем: *“Ман бояд ҳозир ҷавоб диҳам!* ё *“Ман бояд ҳозир* амал намоям, *набошад ҳамааш* вайрон мешавад!” Агар чунин ба назар намояд, ки Худо ба шумо ҳеҷ чиз ҷавоб намедиҳад, ин маънои онро надорад, ки Ӯ бо шумо сухан намеронад! Худо дар бисёр чизҳо дар ҳаёти мо ба таври ҷиддӣ иштирок мекунад. Дар ин ҳолат, Ӯ чунин “хабар медиҳад”: “Ба ту лозим нест, ки ҳозир ягон кор кунӣ”. Дар чунин ҳолатҳо мо бояд Худовандро мунтазир шавем ва кӯшиш накунем,

ки вазъиятро бо қувваи худ тағйир диҳем:

> “Ба Худованд умедвор бош, матин бош, ва дилат қавӣ хоҳад шуд; ва ба Худованд умедвор бош” (Забур 26:14).

Агар мо ба мӯҳтоҷиҳои худ диққатамонро ҷалб кунем, на ба Ӯ, ба дилҳои мо маъюсӣ ва вазнинӣ меоянд. Мо набояд ба худ иҷозат диҳем, ки диққатамонро ба ҷои дигар ҷалб кунем ва ба “уқубати осон”-и худ диққатамонро равона кунем. Бар ивази ин, мо бояд нигоҳи худро аз андозаи бениҳоят бузурги ҷалоли абадӣ, ки дар вақти душвориҳо дар мо ба вуҷуд меоянд, дур набарем (2 Қӯринтиён 4:17).

Ва ин аст шодии оянда, ва он бояд рӯъёи мо гардад.

## Шодии оянда

> “Эй бародарони ман, вақте ки ба озмоишҳои гуногун дучор мешавед, инро барои худ шодии бузург ҳисоб кунед, чун медонед, ки имтиҳони имони шумо сабрро ба вуҷуд меоварад; ва сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед” (Яъқуб 1:2-4).

Шодӣ ин қувваи рӯҳоние аст, ки барои тоб овардан ба уқубатҳо ва озмоишҳо ба мо имкон медиҳад. Диққат диҳед, ки чӣ навишта шудааст: “Барои худ шодии бузург ҳисоб кунед”, на ин ки “Инро қисман шодиёна, ва қисман ғамгинона ҳисоб кунед”. Мо набояд иҷозат диҳем, ки дар дили мо ҳам шодӣ, ва ҳам ғам ҳузур дошта бошанд. Ба ин бо чунин тарз нигоҳ кунед. Шумо метавонед занҷире дошта бошед, ки наваду нӯҳ ҳалқаи он аз шодӣ иборатанд, ва танҳо якеаш аз ғам, ва маҳкамии ин занҷир маҳз бо ин қисми заиф муайян карда мешавад. Занҷири шумо бояд аз сад ҳалқаи шодӣ иборат бошад, ва дар он набояд ягон ҳалқаи ғам бошад, то шумо қуввате,

ки барои вазъиятҳои ҳаёти шумо заруранд, дошта бошед.

Мо медонем, ки шодии бузург доштан чӣ хел осон аст, вақте ки ҳамааш хуб аст. Лекин дар ин ҷо на дар бораи ин гуфта шудааст. Вақти “барои худ шодии бузург ҳисоб кардан” – ин вақти озмоишҳо – биёбон, таъқибот, душвориҳо, уқубат ва дигар мусибатҳо мебошанд. Худо дар бораи ин мегӯяд, чунки медонад, ки “шод будан ба ҳузури Худованд қуввати мост” (Наҳемё 8:10). Моро шодӣ аз муносибати наздик бо Ӯ пурқувват мегардонад.

Зани ман ва тамоми оила – писарон, келинҳо, набераҳо, ба ман хурсандӣ меоранд! Вақте ки ман аз хона дур ҳастам, ман суратҳои бо ҳамроҳи онҳо бударо мекушоям, ва ҳар дафъа ин ба ман хурсандӣ мебахшад. Ин ҳамчунин ба ман қувват медиҳад.

Ана дар бораи чӣ Наҳемё ба одамони худ мегӯяд. Онҳо вақти душворро аз сар мегузаронданд, ва Наҳемё хитоб кард: “Аз сабаби душвориҳо ғам нахӯред; нигоҳи худро ба Худованд нигаронед. Чунки вақте ки шумо ба Ӯ наздик мешавед, дили шумо аз шодӣ пур мешавад, ва шумо қувват пайдо мекунед” (парафрази ман).

Ҳамду сано диққататонро аз худатон гардонида, ба Худованд менигаронад. Дар авҷи озмоишҳо аз сабаби фишори сахте, ки мо ба он дучор мешавем, дар бораи қувваи Худо фаромӯш кардан осон аст. Довуд бисёре аз таронаҳои худро дар байни озмоишҳо навишта буд. Худоро ҷалол дода, ӯ тавонист дар вазъиятҳои аз ҳад нохуш пурқувват бимонад.

Дар Ишаъё 61:3 Худо дар бораи он мегӯяд, ки Ӯ ба мо “...афсаре ба ҷои хокистар, ва равғани шодмонӣ – ба ҷои мотам, ва ридои ҷалол – ба ҷои рӯҳи андӯҳгин” медиҳад.

Ман ҳолатеро дар ёд дорам, вақте ки хушкии сахтро эҳсос мекардам, ва ба таври нав ин оятро фаҳмидам. Ман дар хона танҳо будам, ва вазнинии сахтро эҳсос кардам. Ман Китоби Муқаддаси худро гирифтам, лекин базӯр тавонистам бихонам. Ман дуо карданро сар кардам, ва ҳамааш боз бадтар шуд. Дар дохилам ман эҳсос намудам, ки чӣ тавр Рӯҳи Худо ба ман гуфт: “Яке аз компакт-

дискҳои худро бо суруди мадҳкунӣ мон”. Ман ба ҳуҷрае, ки дар он стереосистемаи мо буд, рафтам, суруди мадҳкуниро мондам, ва ҳамовоз шудам. Ин кофӣ набуд, ва ман кӯшиш намудам, ки дар назди Худованд бирақсам. Дар дили ман чунон вазнинӣ буд, ки ман гӯё дар дохили сурби моеъ мерақсидам. Гуфтан баризофагист, ки ман мубориза мебурдам.

Вақте ки сурудҳо тамом шуданд, ман ҳис кардам, ки онҳоро боз мондан лозим аст. Дафъаи дуюм ман шунидани он чиро, ки месароидам, сар кардам. Ногаҳон лаҳзае ман дар дили худ зуҳуроти Исоро дар тахт ва дар муҳаббати бузурги Ӯ дидам. Дили ман аз шодӣ пур шуд, ва ман озодона рақсиданро сар кардам. Ман пай бурдам, ки нигоҳи ман аз худам канда шуд ва ба бузургии Исо нигаронида шуд. Дар давоми сӣ дақиқаи оянда ман суруд мехондам, мерақсидам ва дар хонаи хурдакакамон мисли ваҳшӣ медавидам. Вазнинӣ рафт, ва ман аз ҳаёт ва қувват пур шудам, ки ҳамагӣ сӣ дақиқа пештар аз ин набуданд.

Вақте ки ман Ӯро ҷалол додам, диққати ман боз ба Ӯ ҷалб шуд. Ман он чиро аз сар гузаронидам, ки Ишаъё менависад: “Ва бо шодмонӣ аз чашмаҳои наҷот об хоҳед кашид” (Ишаъё 12:3), ва ба воситаи шодмонии Худованд, ман қувватро аз чашмаҳои наҷот кашиданро сар кардам.

Ҳамду сано ба мо кӯмак мекунад, ки нигоҳи худро ба шодии оянда равона кунем, на ин ки ба вазъиятҳое, ки моро иҳота мекунанд.

> “Бинобар ин мо низ, ки дар гирди худ чунин абри шоҳидонро дорем, ҳар бори гарон ва гуноҳро, ки моро фаро мегирад, аз худ дур андохта, майдони дар пеши мо бударо бо сабр давон-давон тай кунем, ва ба Сарвар ва Комилкунандаи имони мо, яъне Исо, назар дӯзем, ки Ӯ ба ҷои шодие, ки Ӯро дар пеш буд, ба хорӣ беэътиноӣ намуда, ба салиб тоб овард ва ба ямини тахти Худо биншаст. Дар бораи Ӯ фикр кунед, ки аз дасти гунаҳкорон ба чунин хорӣ тоб овард, то ки шумо дар

ҷонҳои худ хаста ва суст нашавед. Дар талоши зидди гуноҳ шумо ҳанӯз то ба дараҷаи рехтани хун муқобилият накардед" (Ибриён 12:1-4).

Исо ба шодии оянда - эҳёшавӣ, ки пас аз маслубшавӣ бояд ба амал меомад, нигоҳ карда озмоиши бузургтаринеро, ки ба он касе боре дучор нашудааст ё дучор нахоҳад шуд, тоб овард. Ин ҷалоле буд, ки пас аз уқубатҳои Ӯ дар итоаткорӣ ба амал омад, ва дар натиҷа бисёр писарон ва духтаронро ба подшоҳии Ӯ овард, ки дар шумори онҳо шумо ва ман ҳастем!

Ана чӣ гуна мо ба Ӯ пайравӣ мекунем. Дар паси инкор кардани худ ва маслуб кардани ҷисм моро ҳаёти эҳёшавӣ интизор аст. Дар паси уқубатҳои ҷисм камолоти ба мо ҳамон қадар зарурӣ ҷойгир аст, ки ба туфайли он мо муносибати наздиктарро бо Исо месозем. Аз паси душвориҳои биёбон ҷалоли бузург меояд. Павлус менависад: "Зеро, ба ақидаи ман, азобу уқубатҳои замони ҳозира назар ба он ҷалоле, ки дар мо зоҳир хоҳад шуд, ҳеҷ аст" (Румиён 8:18).

Ҷалоли Худо ба калисо то баргаштани Ӯ зоҳир хоҳад шуд. Миқёсҳои (масштабҳои) он чунон бузург мешаванд, ки ин шаҳрҳо ва мамлакатҳоро ба наҷот ҷалб мекунад. Ҳаргиз пештар замин чунин як намоёншавии қувваи Ӯро надида буд, чуноне ки он ба воситаи он пайравони Масеҳ, ки ба Худо иҷозат доданд, ки онҳоро пок гардонад, зоҳир мегардад. Ин саршории Рӯҳи Ӯ, ки ба дарави бузург меорад, ба дастгирии одамӣ мӯҳтоҷ нахоҳад шуд. Қувват ва ҷалоли Худо онро дастгирӣ хоҳанд кард!

"Эй маҳбубон! Аз озмоиши оташе, ки барои имтиҳони шумо фиристода мешавад, ҳайрон нашавед, ки гӯё воқеаи аҷибе ба шумо рӯй дода бошад, балки, модоме ки шумо дар уқубатҳои Масеҳ иштирок доред, шодӣ кунед, то ки дар вақти зуҳури ҷалоли Ӯ низ ба ваҷд оед ва хурсандӣ кунед" (1 Петрус 4:12-13).

Боз ҳам, шодии оянда барои мо ин чист? Ин ҷалоли Ӯст, ки дар

онҳое аз шумори мо, ки ба Масеҳ боитоат буда, уқубат кашиданд, зоҳир мешавад. Диққат диҳед, ки андозаи уқубати шумо ба андозаи шодии шумо баробар мешавад; бидонед, ки ҳар қадаре ки муқобилат бештар бошад, ҳамон қадар ҷалол бештар мешавад!

## Ҳаёти худро аз даст диҳед

Дӯсти ман, вақте ки муқобилат меояд, пайравӣ кардани Худоро бас накунед! Ман медонам, ки Ӯ шуморо дар вазъиятҳои душвори ҳаётӣ роҳнамоӣ мекунад, чунки ҳар қадаре ки муҳориба бештар бошад, ҳамон қадар ғалаба барои подшоҳии Худо ва шумо бештар мешавад. Аммо дар авҷи ин муҳорибаҳо, ҳамеша ин изҳороти боварибахшро дар ёд дошта бошед:

> “Ва Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед” (1 Қӯринтиён 10:13).

Новобаста аз он, ки озмоиш чӣ гуна менамояд, шумо қувват доред, то ки онро бо комёбӣ ва ҷалол гузаред. Дар акси ҳол, шумо ба ин озмоиш дучор намешудед; Худо инро намегузошт!

Агар шумо ҳаёти худро дӯст доред, шумо дар вақти душвор таслим мешавед. Шумо пайравӣ кардани Ӯро бас мекунед, ва дар ҳаёти шумо самар намешавад.

Дар Ваҳй 12:11 навишта шудааст: *“Онҳо бар вай ба василаи хуни Барра ва каломи шаҳодати худ ғолиб омаданд ва ҷони худро то ба ҳадди мамот гиромӣ надоштанд”.*

Одамоне, ки ҳаёти худро дӯст медоранд, ин онҳое мебошанд, ки дар бораи ҳаёти худ нисбат ба иродаи Худо бештар ғам мехӯранд, лекин Исо мегӯяд: *“Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро пайдо мекунад” (Матто 16:25).*

Ягона роҳи тоб овардани он чӣ, ки моро дар пеш интизор аст, ин аз даст додани ҷони худ ё ҳаёти худ аст. Ман шуморо даъват кардан мехоҳам, ки ба пеш рафтанро давом диҳед, “то даме ки бар мо рӯҳе аз афроз рехта шавад, ва биёбон ба боғистон мубаддал гардад, ва боғистон ҷангал ҳисоб ёбад” (Ишаъё 32:15).

Биёбон ин на он ҷое аст, ки дар он мо бояд аслиҳаи худро гузорем ва таслим шавем. Дар биёбон мо бояд боқувват, далер ва шуҷоъ бошем, то ки иродаи Худоро иҷро кунем. Ин ҷоест, ки мо бояд бо суботкорӣ ба Худо итоат кунем ва ба иблис муқобилат намоем.

Агар шумо ҳоло дар биёбон бошед, Худо шуморо ба ин ҷо овард, то ки шумо бифаҳмед, ки дар дилатон чӣ аст. Бисёр вақт он чиро, ки ман васвасаи шайтон мешумоҳам, дар асл соҳаҳои пинҳони ҳаёти ман буданд, ки онҳоро ман бояд ба Масеҳ тобеъ менамудам.

Ба мукофоти осмонӣ кӯшиш намуда, ин оятҳоро дар ёд доред:

> “Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар мебахшад...” (2 Қӯринтиён 2:14).
>
> “Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер? Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб меоем” (Румиён 8:35,37).
>
> “Худоро шукр, ки ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ ба мо ғалаба бахшидааст!” (1 Қӯринтиён 15:57).

Худоро пайравӣ карданро бас накунед. Он рӯъёеро, ки Ӯ ба шумо дод, новобаста аз вазъиятҳо, ҳифз намоед.

Ҳангоме ки Юсуф ба чоҳ афтод, ва баъдан, вақте ки дар мамлакати бегона ӯро ба зиндон партофтанд, вазъияти ӯ чоранопазир ба назар мерасид. Чунин ба назар мерасид, ки ҳаёти ӯ тамом шуда буд. Вай чӣ гуна оянда дошта метавонист? Дар хотир доред, *“Ба гуфти*

*одамӣ, ин ғайриимкон аст. Лекин на барои Худо. Ба Худо ҳама чиз имконпазир аст” (Марқӯс 10:27, NLT).*

Айни ҳамон чиз ба шумо дахл дорад – новобаста аз он, ки чи қадаре ки вазъиятҳо душвор шаванд ҳам, дар хотир доред: *“Барои имондор ҳама чиз имконпазир аст” (Марқӯс 9:23).*

Ба шодие, ки дар оянда насиби шумо хоҳад буд – ба ҷалоли Ӯ, ки дар шумо зоҳир мешавад, нигоҳ кунед. Ин ба шумо қувват медиҳад, ки ҳамаи озмоишҳоеро, ки ба онҳо дучор мешавед, ғалаба кунед. Бо тамоми дили худ ҷустани Ӯро давом диҳед, ва ба он бовар кунед, ки Ӯ бо шумо бо Рӯҳи Худ ба воситаи Каломи Худ сухан меронад. Агар шумо чунин рафтор кунед, шумо дар биёбон ғалаба ба даст меоред.

“Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад
ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад,
яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро,
ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо,
ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод
аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад.
Омин” (Яҳудо 1:24-25).

# САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

Агар шумо ин китобро ҳамроҳи курси омӯзишии “Биёбон” (ки фикри бисёр хуб мебошад!), хонда истода бошед, ман ба шумо тавсия медиҳам, ки дарси видеоии ҳар ҳафтаинаро тамошо кунед ва ба саволҳои мувофиқ барои муҳокима дар гурӯҳ ҷавоб гардонед. Дарсҳои видеоӣ фикрҳои асосии ин китобро такрор мекунанд ва инкишоф медиҳанд. Бинобар ин, бисёр хуб мешуд, ки агар ҳамаи иштирокчиён дар қатори хондани китоб видеои омӯзиширо тамошо мекарданд.

Ҳаловат бубаред!

## Дарси 1

### *Боби 1-ро бихонед*

1. Фарқ байни табиати воҷибулвуҷудии Худо ва ҳузури бараълои Ӯ дар чист? Барои чӣ муҳим аст, ки мо ин фарқиятро бифаҳмем?
2. Барои чӣ фарқ карда тавонистани он мавсиме, ки мо дар он ҳастем, ва донистани он, ки оё мо дар биёбон ҳастем, ё не муҳим аст?
3. Шумо чӣ фикр мекунед, чаро шайтон, моро озмуда, мавсимҳои биёбонро истифода мебарад, то ки мо қасдан гуноҳ кунем ё аз имони худ даст кашем?
4. Барои чӣ Худо иҷозат медиҳад, ки мо вақти худро дар биёбон давом диҳем?

## Дарси 2

### *Бобҳои 2 ва 3-ро бихонед*

1. Биёбон якчанд мақсадҳо дорад. Кадоме аз ин ҳафт мақсадҳо, ки дар ин дарс хотиррасон шуданд, шуморо бештар ба ваҷд овард, ва барои чӣ?
2. Шумо чӣ фикр мекунед, барои чӣ дар биёбон итоат ба Худо ба камолоти рӯҳонӣ меорад?
3. Биёбон ин вақти худшиносӣ аст. Баъзе чизҳоеро нишон диҳед, ки шумо дар биёбон дар бораи худ ва дар бораи роҳгардии (хождение) худ бо Худо фаҳмидед?
4. Чӣ тавр шумо дар вақти ин мавсими фурӯтансозанда дар Худо қавӣ гардиданро ёд гирифтед?

## Дарси 3

### *Боби 4-ро бихонед*

*1.* Байни ваъда ва иҷроиши он ҳама вақт ҷараён ҳаст. Барои чӣ шумо ин ҷараёнро муҳим меҳисобед?
2. Оё шумо он кореро, ки ҷараёни омодашавӣ дар ҳаёти шумо амалӣ мегардонад, мушоҳида кардед?
3. Шумо чӣ фикр мекунед, барои чӣ Худо ба шумо, пеш аз он ки шумо ҷараёни омодашавиро мегузаред, ваъда медиҳад?
4. Барои чӣ муҳим аст, ки барои ҳаётатон аз ҷониби Худо ваъда дошта бошед, на ин ки ҳамту нақшаи панҷсола, ки аз тарафи шумо тартиб дода шудааст?

## Дарси 4

### *Бобҳои 5 ва 6-ро бихонед*

1. Чӣ тавр муқоиса намудани Шоул ва Довуд ба мо кӯмак мекунад, ки аҳамияти ба воситаи биёбон пок гардонидани Худоро бифаҳмем?
2. Тозакунии тилло онро мулоимтар мегардонад, ва пок гардонидани Худо дар ҳаёти мо моро нисбати Ӯ мулоимтар мегардонад. Тасвир кунед, ки нисбати Худо мулоимтар будан чӣ маъно дорад?
3. Ҳангоме ки ҷараёни пок гардонидани Худо гуноҳи пинҳонӣ ё заифиро маълум мекунад, аксуламали мо чӣ гуна бояд бошад?
4. Бо кадом тарз ҷараёни покшавӣ ба мо кӯмак мекунад, ки Исоро равшантар зоҳир намоем?

## Дарси 5

### *Боби 7-ро бихонед*

*1.* Барои чӣ Худо ба шиква нафрат дорад? Шиква дар ҳаёти шумо кадом ҷойро ишғол менамояд?
2. Фарқ байни шикваи мардум дар китоби Малокӣ ва шикояти Ирмиё дар чист? Барои чӣ Худо ба гурӯҳи якум ба хашм омад, аммо ба шикоятҳои Ирмиё ҷавоб дод?
3. Доварӣ маънояш қарор аст, на маҳкумият. Вақте ки доварӣ аз хонаи Худо сар мешавад, Ӯ қарор мекунад, ки кӣ сазовор аст, ки ба Ӯ хизмат кунад. Ба фикри шумо, Худо, ин қарорро қабул карда, ба чӣ нигоҳ мекунад?
4. Худо зарфҳоеро меҷӯяд, ки ба хизматгузорӣ коршоянд. Шумо фарқи байни даъват ва интихобро чӣ тавр тасвир менамудед?

## Дарси 6

### *Боби 8-ро бихонед*

*1.* Вақте ки шумо дар бораи он шунидед, ки уқубат ин бахшоиш аст, аксуламали аввалини шумо чӣ гуна буд? Дар охири дарс нуқтаи назари шумо чӣ гуна тағйир ёфт?

2. Худо намегузорад, ки шумо зиёдтар аз он, ки метавонед аз ӯҳдаи он бароед, озмуда шавед. Оё ин ҳақиқат шуморо илҳом мебахшад, ва чӣ гуна?

3. Худо намегузорад, ки қуввати шумо дар сатҳи ҳозира бимонад. Ин ба шумо оиди нақшаи Худо дар ҳаёти шумо чӣ мегӯяд?

4. Фишоре мавҷуд аст, ки дар оянда мо ба он дучор мешавем. Ва акнун Худо ба мо иҷозат медиҳад, ки озмоишҳоеро гузарем, ки ба ин фишор монанданд. Худо ба шумо оиди ояндаи шумо чӣ гуфт ва чӣ гуна ин ба шумо кӯмак мерасонад, ки он фишореро, ки ҳоло шумо аз сар мегузаронед, дарк кунед?

## Дарси 7

### *Боби 9-ро бихонед*

*1.* Худоро пайравӣ кардан на ҳама вақт мантиқӣ менамояд. Барои чӣ ба Худо бовар кардан душвор аст, ҳангоме ки Ӯ тарзи одатии амалҳои моро “вайрон мекунад”?

2. Шумо чиро эҳсос мекунед, ҳангоме ки Худо он вақте, ки шумо мунтазир будед, амал намекунад? Кадом фишор ва кадом васвасаҳоро шумо аз сар мегузаронед, вақте, чунин ба назар мерасад, ки ваъдаи Худо таъхир ёфта истодааст?

3. Гуфта метавонед, ки ба чунин ҳақиқат дар ҳаёти худ боварӣ ҳосил кардед: “Агар ҷисм чизеро тавлид кунад, он гоҳ маҳз

ҷисм бояд онро дастгирӣ кунад”? Ин аз он чизе, ки Худо онро дар ҳаёти шумо тавлид мекунад, чӣ фарқ дорад?

4. Чӣ ба шумо боварӣ ба он медиҳад, ки шумо роҳи Худоро дар ҳаёти худ пайравӣ менамоед?

## Дарси 8

### *Боби 10-ро бихонед*

1. Биёбон ин ҷоест, ки Худо Худро зоҳир менамояд. Пас, барои чӣ  Худо дар биёбон инчунин дур менамояд?
2. Кӯшиш ба Худо, на ин ки ба баракатҳо, дар навбати аввал чӣ маъно дорад?
3. Чаро хатарнок аст, ҳангоме ки ваъда ё даъвати шумо нисбат ба Худи Худо барои шумо муҳимтар мегарданд?
4. Вақте шумо мебинед, ки чӣ тавр Худо Худро ба қаҳрамонон аз Навиштаҷот зоҳир мекунад, чӣ тавр ин интизориҳои шуморо аз вақти биёбони шумо дигаргун мекунад?

## Дарси 9

### *Боби 9-ро бихонед*

1. Барои чӣ бояд дар он эҳтиёт бошем, ки аз куҷо мо тасаллиро мегирем, хусусан дар давраҳои хушкии рӯҳонӣ?
2. Бо кадом тарз решаҳои рӯҳонии мо қавӣ мегарданд, вақте ки мо боз ҳам бештар дар дуо ва Каломи Худо амиқтар мешавем, махсусан вақте ки мо ин корро кардан намехоҳем?
3. Оё шуморо дониш оиди он, ки ҳуҷуми бузургтарин ба

дарави шумо бевосита пеш аз пайдоиши он меояд, илҳом мебахшад?

4. Барои чӣ фикр кардан оиди садоқати Худо вақти шуморо дар биёбон дигаргун месозад?

## Дарси 10

### *Боби 12-ро бихонед*

*1.* Бо кадом тарз яке аз биёбонҳое, ки шумо гузаштед, шуморо ба гузаштан ба сатҳи дигари ҳаёти шумо тайёр намуд?

2. Барои чӣ тағйирот бо душворӣ ба даст меояд? Чӣ аксар вақт монеаи бузургтарини мо ба он мебошад, ки ба тағйиротҳо одат кунем?

3. Чӣ ба шумо бештар дар ҷараёни азнавкунии машкҳо таассурот гузошт? Барои чӣ ин диққати шуморо ҷалб намуд?

4. Барои навро ба даст овардан, мо бояд кӯҳнаро сар диҳем. Кадом чизҳоро шумо бояд сар диҳед, то ки навашро қабул кунед?

# ЭЗОҲ
# НАҶОТЕ, КИ БА ҲАМА ДАСТРАС АСТ

*“Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт, чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст”*

**– Румиён 10:9,10**

Худо мехоҳад, ки шумо ҳаёти комил дошта бошед. Ӯ шуморо бо тамоми дил дӯст медорад ва дар ҳаёти шумо нақша дорад. Лекин фақат як тарзи интихоби роҳ ба тақдири худ ҳаст – наҷотро ба воситаи Исои Масеҳ, Писари Худо, қабул намудан.

Ба воситаи марг ва эҳёи Исо Худо роҳро ба подшоҳии Ӯ барои шумо, ба писар ё духтари маҳбуби Худ, тайёр намуд. Ба туфайли қурбонии Масеҳ дар салиб ба шумо ҳаёти фаровони абадӣ дастрас аст. Наҷот ин бахшоиши Худо барои шумо аст, онро кор кардан ё сазовор шудан номумкин аст.

Барои ба даст овардани ин бахшоиши гаронбаҳо, ба гуноҳи худ иқрор шудан зарур аст, ки шумо новобаста аз Холиқи ҳаёти худ зиндагӣ мекардед (чунки ин решаи ҳамаи гуноҳҳоест, ки аз тарафи шумо боре содир карда шудаанд). Тавба қисми муҳимтарин дар қабули кардани наҷот аст. Петрус дар бораи ин дар рӯзе, ки дар китоби Аъмол тасвир шудааст, равшан гуфтааст, вақте ки панҷ ҳазор нафар наҷот ёфтанд: “Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад” (Аъмол 3:19). Навиштаҷот мегӯяд, ки ҳар яки мо ғуломи гуноҳ шуда, таваллуд шудаем. Ин ғуломӣ аз

гуноҳи Одам, ки ба худхоҳӣ ва беитоатӣ асос гузошт, сар задааст. Тавба ин интихоб аст, ки маънояш, шумо ба худ ва шайтон, падари дурӯғ, итоат карданро бас мекунед, ва минбаъд ба Хӯҷаини нави худ, Исои Масеҳ – ба Оне, ки ҳаёти Худро барои шумо дод, итоат мекунед.

Шумо бояд худро ба Масеҳ тобеъ намоед, Ӯро Хӯҷаини худ гардонед, ба Ӯ қудратро аз болои ҳаёти шахсии худ бидиҳед (ба Ӯ рӯҳ, ҷон ва тани худро тобеъ намоед), тамоми худро ва ҳама чизеро, ки шумо доред. Қудрати Ӯ аз болои ҳаёти шумо мутлақ мегардад. Дар он лаҳзае, ки шумо инро мекунед, Худо шуморо аз торикӣ озод менамояд ва ба рӯшноӣ ва ҷалоли Подшоҳии Худ меорад. Шумо аз марг ба ҳаёт мегузаред ва фарзанди Вай мегардед!

Агар шумо хоҳед, ки наҷотро ба воситаи Исо қабул кунед, ин дуоро хонед:

*“Худое, ки дар Осмон ҳастӣ, ман иқрор мешавам, ки ман гунаҳкор ҳастам ва нametавонам мутобиқи стандартҳои қудсияти Ту зиндагӣ намоям. Аз барои гуноҳҳои худ ман сазовори ҷазои абадӣ ҳастам. Ташаккур, ки Ту маро дар чунин ҳолат намегузорӣ, чунки ман бовар мекунам, ки Ту Исои Масеҳро, Писари Ягонаи Худро, ки аз Марями бокира таваллуд ёфтааст, фиристодӣ, то ки барои ман ҷон бидиҳад ва ҷазои маро дар салиб бубарад. Бовар мекунам, ки дар рӯзи сеюм Ӯ эҳё шуд ва акнун аз тарафи дасти рости Ту нишастааст. Ӯ Худованд ва Наҷотдиҳандаи ман аст. Дар ин рӯз ман ба новобастагии худ аз Ту тавба мекунам ва ҳаёти худамро пурра ба Худованд Исо медиҳам.*

*Исо, ман Туро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ эътироф мекунам. Ба ҳаёти ман бо Рӯҳи Худ дохил шав ва маро, фарзанди Худо гардонида, тағйир бидеҳ. Ман аз торикие, ки то ин дам дар он будам, рӯй мегардонам, ва аз ҳамин рӯз сар карда ман дигар барои худ зиндагӣ намекунам, вале бо файзи Ту барои Ту зиндагӣ хоҳам кард, чунки Ту Худро барои*

*ман додӣ, то ки ман тавонам то абад зиндагӣ кунам.*

*Ташаккур ба Ту, Худованд. Акнун ҳаёти ман дар дастони Туст, ва, чи тавре ки дар Каломи Ту гуфта шудааст, ман шарманда нахоҳам шуд. Ба номи Исо, омин".*

Хуш омадед ба оила! Шуморо даъват менамоям, ки ба дигар имондорон дар бораи он чӣ, ки худи ҳозир бо шумо рӯй дод, нақл кунед. Муҳим аст, ки ба ягон калисои маҳаллие, ки ба Китоби Муқаддас бовар мекунанд, рафтанро сар кунед, ва бо имондороне, ки тайёранд шуморо дар имон рӯҳбаланд кунанд, муносибат кунед. Шумо метавонед бо хизматгузории мо (MessengerInternational.org-ро ташриф оваред) тамос кунед, ва мо ба шумо кӯмак мекунем, ки калисо, дар он ҷое, ки шумо зиндагӣ мекунед, пайдо кунед.

Шумо саёҳати аз ҳама аҷибро оғоз намудед. Бигзор Худо шуморо баракат диҳад, то ки ҳар рӯз шумо дар ваҳй, файз ва дӯстӣ бо Ӯ ба камол бирасед!




**“Мессенҷер Интернэшнл”** барои он вуҷуд дорад, то ки ба одамон, оилаҳо, калисоҳо ва халқҳо кӯмак расонад, ки қувваи дигаргунсозандаи Каломи Худоро дарк кунанд ва аз сар гузаронанд.

Ин дарккунӣ ба он оварда мерасонад, ки ҳаёти одамон бо қувват пур мешавад, ҷамъият дигаргун шуданро сар мекунад, бар зидди беадолатӣ дар дунё ҷавоби баланд садо медиҳад.

---

CLOUD LIBRARY

**CloudLibrary** – ин онлайн платформа аст, ки ба хизматгузорон дар тамоми дунё имконият медиҳад, ки ба адабиётҳои ройгони рақамӣ ба забони модариашон дастрасӣ пайдо кунанд.

Дар сомонаи **CloudLibrary.org** шумо адабиётҳои Ҷон ва Лиза Биверро ба зиёда аз **100** забонҳо пайдо карда метавонед ва осон метавонед онҳоро сабт (скачать) карда гиред.

**Китобҳои электронӣ, таълимотҳои видеоӣ ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас ...**

Бисёртар донистан мехоҳед? Дар ин ҷо скан кунед:

**CloudLibrary.org**

# Бо абадият ҳаракаткунандагон

***Ҳаёте, ки имрӯз ва дар тамоми абадият аҳамият дорад***




Ҳаёт дар рӯи замин ин як лаҳза аст, лекин бисёре аз мо чунин зиндагӣ мекунанд, ки гӯё баъд аз ин ҳаёт ҳеҷ чиз нест. Лек вақти мо дар ин замин муайян мекунад, ки чӣ тавр мо абадиятро аз сар мегузаронем. Навиштаҷот мегӯяд, ки барои имондорон , аз ҳамаи корҳои одамизод, ки дар доварӣ месӯзанд, сар карда, то подшоҳигарӣ ҳамроҳи Худи Масеҳ дараҷаҳои мукофотҳо гуногун мешаванд.

Дар асоси ҷои Навиштаҷот аз Номаи 2 Қӯринтиён (5:9-11) Ҷон Бивер ба мо хотиррасон мекунад, ки ҳамаи имондорон барои гирифтани он чӣ, ки онҳо дар ҳаёташон кор карданд, дар назди Масеҳ меистанд. Бисёре аз мо дар ҳайрат хоҳанд монд, вақте мефаҳманд, ки вақти зиёди умрамонро мо ба корҳое сарф кардем, ки ба мо мукофоти абадӣ намедиҳанд.

Чӣ тавр карда мо ҳаёти худро сазоворона аз сар гузаронем? Дар китоби “Бо абадият ҳаракаткунандагон” шумо мефаҳмед, ки чӣ тавр метавон даъвати худро пайдо кард ва он чиро, ки Худо ба шумо додааст, афзун намуд. Вақте ки шумо ба ҳаёти худ аз назари абадият нигоҳ мекунед, шумо қувват мегиред, то ки барои самарае, ки абадан боқӣ мемонад, меҳнат кунед.

Ин китоб ва дигар таълимотҳои Ҷон ва Лиза Бивер дар сомонаи хизматгузории Messenger бо имконияти ройгони тамошои сабти видеоии пайдарҳам ва сабти адабиётҳо дастрасанд:

CloudLibrary.org

# ОЁ ШУМО ДАР ДАВРАИ ДУШВОРИ ҲАЁТ, – "ХУДО, ТУ ДАР КУҶОӢ?!" – ГӮЁН, ХУДРО ГУМШУДА ЭҲСОС МЕКУНЕД?

Шояд шумо овози Худоро шунидаед, лекин ҳозир Ӯ, гӯё ки хомӯш аст. Мумкин аст, ки шумо дар имон ҳаракат мекардед, лекин ҳоло ҳузури Ӯро пайдо карда наметавонед. Хуш омадед ба биёбон – ҷой байни гирифтани ваъдаҳо аз ҷониби Худо ва иҷроиши онҳо.

Лекин хабари хуш дар он аст, ки биёбон ин замини бемақсад ва холӣ нест. Худо биёбонро истифода мебарад, то ки шуморо барои даъвататон тайёр ва мусаллаҳ гардонад, дар ҳолате ки агар шумо онро дуруст гузаред. Новобаста аз он, ки бисёриҳо фикр мекунанд, мо ин мавсимро, ҳамту Худоро интизор шуда истода, намегузарем. Шумо бояд дар гузаштани биёбон нақши худро бозӣ кунед, ва нақши шумо аҳамиятнок аст. Ва агар шумо нахоҳед, ки вақти худро беҳуда сарф кунед ва гирдогирд давр занед, муҳим аст донистан, ки биёбон чӣ аст.

Дар ин китоб, ки пур аз ошкоршавиҳост, муаллифи китобҳои машҳур (бестселлерҳо) Ҷон Бивер шуморо бо донишҳои калидии Китоби муқаддас ва ҳодисаҳои пурмазмун мусаллаҳ мегардонад, ки ба шумо ёрӣ медиҳанд, то аз мавсимҳои хушк ва душвори ҳаёти худ гузаред ва ба ҳамаи он чизе, ки Худо барои шумо тайёр кард, дохил шавед.



**ҶОН БИВЕР** – воизи байналхалқӣ ва муаллифи китобҳои машҳур (бестселлерҳо), бо муносибати бегузашти худ ба Каломи Худо машҳур аст. Ҷон ва зани ӯ, Лиза, асосгузорони хизматгузории "Мессенҷер Интернэшнл" мебошанд, хизматгузорие, ки мақсадаш ин бардоштани пайравони бегузашти Масеҳ аст, ки ҷаҳони моро дигаргун месозанд. Вақте ки Ҷон дар хона , дар Колорадо аст, ӯ бо чор писари худ ба бозии коғазии рӯимизӣ машғул мешавад ё Лизаро ба гап даровардани мешавад, ки то бо ӯ голфбозӣ кунад.

Барои сабткуниҳои ройгон ва сабти видеоии пайдарҳам ба **CloudLibrary.org**

Cloud Library

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст. На барои фурӯш.

Бисёртар донистан мехоҳед? Аз ин ҷо скан кунед: